К великому сожалению, радикальные группировки, существующие в наши дни, впадая в крайности в религиозных вопросах, совершают взрывы в посольствах, торговых центрах, автобусах и других общественных местах. В результате их деятельности погибают тысячи людей, среди которых старики, женщины и дети. Что же ответят эти невежды Аллаху, когда будут воскрешены для расчёта? Разве взрывы, совершаемые в автобусах, торговых центрах и других общественных местах, являются джихадом? Большинство стран, в которых они совершают свои неправомерные деяния под лозунгами борьбы против неверных, являются мусульманскими. Несомненно, человек обладающий богобоязненностью прекрасно осознаёт греховность подобных деяний. Разве они не знают, что им придётся отвечать за это перед Аллахом? Может эти невежды выступают против мусульманской общины? Они утверждают, что они ведут борьбу против запада, однако убивают только мусульман. Мы спрашиваем у них: каких мусульман вы теперь собираетесь убить?

**Использованная литература:**

1. Эльмир Кулиев. Коран. Перевод смыслов и комментарии. - М.; АСТ, 2010.

2. Сахих Аль-Бухари: Достоверные предания из жизни пророка Мухаммада, да благославит его Аллах и да приветствует / пер. с араб. А. Нирша. - М.: Умма, 2003. - 448 с.

3. «Сахих» имама Муслима: Краткое изложение / Заки-ад-дин Абд-

аль-Азым ибн Абд-аль-Кавви ибн Абдуллах ибн Саляма Абу Мухаммад аль-Мунзири; пер. с араб. А. Нирша. - М.: Умма, 2011. - 1216 с.

## ТАНЗИМИ ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР ВА МОДДАҲОИ ПСИХОТПРОПӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ЗАКОНОДАТЕЛЬНАЯ РЕГЛАМЕНТАЦИЯ НЕЗАКОННОГО ОБОРОТА НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

## LEGISLATIVE REGULATION OF ILLICIT DRUG TRAFFICKING THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN



**АРИПОВ А.Л.**

*сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия*



**ТУЙЧИЕВ Ф.Ш.**

*ваколатдори оперативии РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти милитсия*

***Анотатсия***: Дар мақола тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропи дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, ба номувофиқии меъёрҳои Қисми махсус ва замимаи (ҷадвали №1) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он номгӯи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ оварда шудаанд, ишора карда шудааст. Инчунин зарурати ворид намудани иловаҳо ба руйхати воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ба мақсади манъ намудани муомилоти ҳаммонандҳои синтетикӣ - воситаҳои нашъадори “дизайнерӣ”, бо номи “спайс”, ки дар як қатор давлатҳои хориҷӣ паҳн шудаанд, гуфта шудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** воситаҳои нашъадор; кодекси ҷиноятӣ; воситаҳои нашъадори “дизайнерӣ”, JWH -018; моддаҳои психотропӣ, ҳаммонанд.

***Аннотация***: В статье рассматривается уголоно-правовая регламентация незаконного оборота наркотических средств в Угоовном кодексе Республики Таджикистан. В частности, указывается на несоответствие текстов норм особенной части УК и Приложения (таблица №1), где приведены запрещенные для оборота наркотические средства и психотропные вещества. Кроме того, указывается необходимость внесения изменений и дополнений в перечень наркотических средств и психотропных веществ, синтетических аналогов наркотиков - так называемых

“дизайнерских” наркотиков “спайс”, получивших с недавнего времени широкое распространение по всему миру.

***Ключевые слова:*** наркотические средства; уголовный кодекс; дизайнерские наркотики; JWH-018; аналоги, закон

***Annotation***: In the article the ugolono-legal regulation of drug trafficking in the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. In particular, it points to the discrepancy between the texts by a special section of the Criminal Code and the Annex (Table №1), which shows the illegal trafficking of narcotic drugs and psychotropic substances. In addition, it indicates the need for changes and additions to the list of narcotic drugs and psychotropic substances, synthetic analogues of drugs - the so-called "designer" narcotic "spice" s have been widely used in a number of foreign countries.

***Keywords***: drugs; attachment; table; Criminal Code; designer drugs; JWH-018; analogs.

Гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, яке аз проблемаҳои ҷомеъаи замона мебошад. Мубориза самаранок оид ба ин гуна ҷиноятҳо яке аз самтҳои афзлаятноки давлат буда, бевосита ба роҳ мондани он ба зиммаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла сохторҳои алоҳидаи ВКД вогузор карда шудааст. Дар баробари ин, чораҳои ҳуқуқӣ вобаста ба маҳдуд намудан ва ба танзим даровардани гардиши воситаҳои нашъадор, аҳмияти хоса дорад. Ба хусус чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорро муайян мекунанд. Зеро қонуни ҷиноятиро ҳамчун асоси ҳуқуқӣ ва заминаи аввлин дар мубориза бар зидди ҷиноякорӣ, шуморидан мумкин аст. Қонунгузории ҷиноятӣ, ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ, ки он ҷиноят будани кирдорро муайян мекунад, гардиши ғайриконунии воситаҳои нашъадорро ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ дар боби 22, пешбини намудааст [1]. Танҳо қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят будани кирдорро муайян менамояд, ва дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, маҳз аз руи кирдорҳои ҳамчун ҷиноят пешбинишуда ба шахси онро содир намуда айб эълон карда шуда, дар ҳолати исбот шудани гунаҳгорӣ, ба ӯ минбаъд суд метавонад ҷазо таъин намояд.

Баъд аз қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, ба он то айни замон як қатор тағйироту иловаҳои назаррас ворид карда шудаанд. Ин тағйироту иловаҳо вобаста ба рушд ва тараққӣ намудани вазъи иҷтимои, иқтисодӣ сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани муқарраротҳои Конститутсия, ба хусус ба мақсади таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҷамъият ва давлат равона карда шудаанд.

Яке аз таъғироту иловаҳои назаррас ва ҳаҷман калон, тахти № 35 аз 17 маи соли 2004, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 2004, тахти № 346 ворид карда шудаанд[2]. Аз ҷумла ин тағйироту иловаҳо ба ҷиноятҳо вобаста ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, дахл доштанд. Бо қонуни мазкур мафҳуми миқдорҳои воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои дар муомилоти ғайриқонуни буда, ки барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, таъғир дода шудааст. Мувофиқи тағйироту иловаҳои ворид карда шуда, миқдори ин гуна восита ва моддаҳо дар қонуни ҷиноятӣ чунин гуруҳбандӣ (классификатсия) карда шудааст:

- миқдори кам;
- начандон калон;
- калон;
- махсусан калон.

Ин мафҳуми миқдорҳо, ки дар қисмҳои дахлдори моддаҳои 200 – 202 ва 204 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинї шуда, мутобиқи «Номгӯ ва

миқдори воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва перекурсорҳои дар муомилоти ғайриқонунӣ буда», ки дар замимаи № 1 Кодекси ҷиноятӣ, нишон дода шудаанд, муайян карда мешаванд. Миқдор ва шумораи мушаххаси воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки ба гуруҳҳои тақсимшуда мансуб мебошад, барои осон ва дастрас истифода намудан, дар шакли таблитса (Ҷадвали №1) оварда шудаанд[3]. Дар дохили ҷадвал аввалан номгӯи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, баъдан тақсимот аз руи микдори онҳо дар чор сутумҳои ҷадвал нишон дода шудааст. Чун қоида тақсимоти сутумҳо дар таблитса мувофиқи (ба чор гуруҳи тақсим карда) классификатсияи дар эзоҳи моддаи 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондода шуда, яъне микдори кам, начандон калон, калон ва махсусан калон бояд бошад. Аммо, ҳангоми аҳмият додан ба навиштаҷоти сутумҳои ҷудо карда шуда, номувофиқӣ ва риоя накардани пайдарҳамӣ ба эзоҳи моддаи 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назар мерасад. Зеро дар ҷадавли №1 –и Номгӯй ва миқдори воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои дар муомилоти ғайри қонунӣ буда, тақсимот чунин омадааст:

- *миқдори начандон калон*, «зиёда аз» - «то (ҳамчунин)»;
- *миқдори начандон калон*, «зиёда аз» - «то (ҳамчунин)»;
- миқдори калон «зиёда аз»- «то (ҳамчунин)»;
- миқдори махсусан калон «зиёда аз»[4. с.103].

Чи тавре, ки дида мешавад, микдори кам дар ҷадвали номбурда тамоман наомада, дар қатори ин микдори начандон калон бошад, ду маротиба нишон дода шудааст. Мумкин аст, ки дар матни ҷадвал хатогии техники роҳ дода шуда бошад, аммо дар давоми амали ин меъёр аз соли 2004, на аз тарафи қонунгузор ва на аз тарафи ҳуқуқтатбиққунон (кормандони амалӣ) ба ин хатогӣ аҳмият дода нашудааст. Дар матни Кодекси ҷиноятӣ (дар таҳрири Қонунҳои ЉТ аз 14.05.2016 с., №1305) ва дар матни қонун, ки бо он таъғироту иловаҳо соли 2004, ворид карда шудаанд, айнан ҳамин гуна тақсимот нишон дода шудааст[2]. Барои саҳеҳияти гуфтаҳо, як қисми ҷадвалро, дар мисоли воситаи нашъадори навъи «героин» мебиёрем.

| Номгӯи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ | **Микдори начандон калон,** «зиёда аз» - «то (ҳамчунин)» | **Микдори начандон калон,** «зиёда аз» - «то (ҳамчунин)» | Микдори калон «зиёда аз»- «то (ҳамчунин)» | Миқдори махсусан калон «зиёда аз» |
|---|---|---|---|---|
| Героин (диатсетил морфин) | 0,5-10гр. | 10-100гр. | 100-1000гр. | 1000гр. |

Чи тавре ки ба назар мерасад, «миқдори кам», ки он дар қисми 1 моддаҳои 200-201 ва 204 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон дода шудааст, дар ҷадвал умуман мавҷуд нест. Ҳолате ба миён меояд, ки миқдорҳои нишондода шуда: аз 0,5 то 10гр. ва аз 10 то 100 гр. (дар мисоли овардаи ҷадвал) дар ҳар ду маврид мумкин аст, ки ҳамчун «начандон калон» эътироф карда шавад. Ин гуна ҳолат барои ҳамаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳое, ки дар руйхат оварда шудаанд, татбиқ карда мешавад.

Айнан чунин ҳолат дар матн ба забони русӣ низ дида мешавад. Дар қими 2 эзоҳи моддаи 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи миқдор, воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ чунин гуруҳбандӣ карда шудаанд: «мелкий», «небольшой», «крупный» ва «особо крупный»[5. с.246]. Ҳамзамон дар Ҷадвали №1 бошад, гуруҳбандӣ чунин оварда шудааст: «небольшие размеры», «большие размеры», «крупные размеры» ва «особо крупные размеры».

| Наименование наркотических средств и психотропных веществ | Небольшие размеры «свыше» – «до (включительно)» | Большие размеры «свыше» - «до (включительно)» | Крупные размеры «свыше»- «до (включительно)» | Особо крупные размеры «свыше» |
|---|---|---|---|---|
| Героин (диатсетилморфин) | 0,5-10гр. | 10-100гр. | 100-1000гр. | 1000гр. |

Чи тавре дида мешавад, дар матн ба забони русӣ низ номувофиқи ба чашм мерасад, ки он дар ду миқдори аввал, роҳ дода шудааст. Дар ҷои «мелкий» - «небольшой», ва дар ҷои «небольшой» – «большой», дарҷ карда шудааст.

Ҳуқуқан, кирдори содиршуда, вобаста ба миқдори маводҳои нашъадор, метавонанд ҳам дар якум ҳолат ва ҳам дар дуюм ҳолати Ҷадвали №1 овардашуда, бо қисми 2 моддаҳои 200-201 ва 204 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банду баст карда шавад. Зеро тибқи принсипи қонуният, мазмуни кодекси љинояті бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад[6]. Яъне маънидодкунии он бояд, ки аз руи матн сурат гирад, чӣ тавре ки навишта шудааст, ҳамон тавр бояд фаҳмида шавад. Албатта ақидаи қонунгузор дар нишон додани «миқдори кам» дар сутуми сеюми Ҷадвал №1 (дар матн ба забони русӣ бошад: «мелкие размеры» - дар сутуми сеюм ва «небольшие размеры» дар сутуми чоруми Ҷадвали №1) буд ва мумкин аст, ки он ҳамин маъно фаҳмида шавад, аммо бояд қайд намуд, ки татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯи қиёс манъ аст[7].

Дар ин ҳолат, ба мақсади фаҳмиши ягонаи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, қонунгузорро зарур аст, ки мафҳуми миқдорҳои дар Ҷадвали №1 оварда шуда, бо мафҳумҳои дар қисми 2 эзоҳи м. 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондода шуда, мувофиқа намояд.

Андешидани чораҳо дар самти муқовимат ба гардиши ғайриқоунии воситаҳои нашъадор, дар солҳои охир ба он оварда расониданд, ки дар гардиши ғайриқонунӣ воситаҳои нашъадор, ки бо роҳи синтетики истеҳсол карда шуданд, бештар ба назар мерасад. Чунончи, аз руи мувофиғи омор, дар кишвар тан[о дар панх мо[и сипаришудаи соли 2016, дар умум 2168, 877 кг. воситаҳо нашъадор аз гардиши ιайриғонуни гирифта шудааст. Ҳол он ки дар панҷ моҳи сипаришудаи соли 2015, бошад, ин нишондиҳанда ба 1001, 171 кг. баробар буд. Чи тавре, ки дида мешавад назар ба соли 2015 дар соли 2016, миқдори воситаҳои нашъадори гирифта шуда 1167,706 кг. зиёдтар буда, он ба 117% афзудааст. Аз ин миқдор, 10% ба воситаҳои нашъадори синтетикӣ, 18% воситаҳои нашъадори нимсинтетикӣ, боқимонда 72% бошад, ба воситаҳои нашъадори растанигӣ мансуб мебошанд[8]. Гарчанде ки ҳиссаи воситаҳои нашъадори синтетикӣ камтар ҳам бошад, он низ ташвишовар мебошад, зеро ҳаҷман хело назаррас мебошад.

Бинобар ин яке аз проблемаҳое, ки бо танзими ғайриқонунии воситаҳои нашаъдор ва моддаҳои психотпропи метавонад ба вухуд ояд, ин пайдоиш ва паҳн шудани мавод[ои [аммонанд ба нашъадор ва ё худ бо ибораи умумиғабулшуда - мавод[ои нашъадори «дизайнери». Ин гуна маводҳо пурра ё қисман хусусиятҳои воситаҳои нашъадори манъшударо доро буда, дар навбати худ аз руи сохт ва таркиби химиявӣ дигаргун мебошанд. Одатан «ивазкунанда»- и воситаҳои нашъадори мавҷуда буда, бо роҳи тағйир додани хусусияти гуногуни сохтори химиявии моддаи мавҷудбуда ва ё бо ҳосил намудани моддаҳои сифатан нав, сурат мегирад[9]. Дар ин ҷо «метадон»-ро мисол овардан мумкин аст, ки он бо роҳи сунъи ҳосил карда шудааст ва дар тиб истифода карда мешавад. Аз руи сохти химиявӣ метадон на ба морфин ва на ба героин (ҳосилаи морфин)

монанди надорад, аммо аз руи таъсир ба системаи асаби инсон ба онҳо монанд буда, давомнокии таъсираш назар ба морфин ва героин, хело зиёдтар мебошад[10]. Чунин «ивазкунандаҳо» дар шароитҳои лабаратори синтез карда шуда, ҳангоми зарурият ва набудани ашёҳои табии, дар саноат истифода бурда мешаванд.

Ин гуна моддаҳо аз руи таркиб ва сохти химиявӣ, назар ба воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропие, ки дар замимаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуданд, фарқ мекунанд. Дар навбати худ аз руи таъсир ба организми инсон, ба воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ монанд мебошанд. Ҳангоми истеъмол намудан бе таъиноти духтур ва зарурият, ба оқибатҳое, ки воситаҳои нашъадор ба саломатии инсон доранд ва ё аз он ҳам вазнинтар оварда мерасонад.

Ворид намудани чунин моддаҳо ба рӯйхати воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотпропӣ, дар навбати худ тартиби муайяни заруриро талаб мекунад. Ин гуна тартиб, талаб мекунад, ки ба саломати зарар доштани ин восита ва моддаҳо бо хулосаи экспертизаҳои зарурӣ – химиявӣ, фармасевтӣ, наркологӣ бояд асоснок карда шавад. Илова бар ин мансубияти асос – маводи таъсиркунандаи маводи навошкоршуда, бояд муайян карда шавад, ки ин тадқиқотҳои дақиқро талаб мекунад. Минбаъда санҷиши он дар шароитҳои лабаратори гузаронида шуда, дарачаи таъсири он ошкор шуда, чи гуна зарар доштани он ба организм инсон муайян карда мешавад. Ҳангоми ошкор карда шудани мансубияти мавод ба моддаҳои психотропӣ ё воситаҳои нашъадор ва ё ивазкунандаҳои он, протседураи дар қонунгузорӣ манъ кардани муомилоти он ташаббус карда мешавад, ки ин тартиб низ муддати назаррасро талаб мекунанд. Ошкор намудани хусусиятҳои аслии руйпушкардаи ин моддаҳо душвор ва тӯлони мебошад. Дар навбати худ манфиатҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ амалҳои фаврӣ ва таъсирнокро талаб мекунад. Таҷрибаи давлаҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ба чунин зуҳурот бояд, ки диққати ҷидди дода шавад. Дар аксар давлатҳои хориҷӣ аз ҷумла Германия, Франсия, давлатҳои Прибалтика ва Россия муддати тӯлони омехтаҳо бо ном “Спайс” дар фуруш буданд, ки ҳамчун осудакунанда ва хушбуйкунандаҳои растанигӣ муаллифӣ карда мешуданд. Аммо, тадқиқотҳои дақиқи таркиби ин омехта, ки соли 2008 аз тарафи мутахассисони ширкати олмонии THC Pharm, гузаронида шуд, муайян намуд, ки маводи таъсиркунандаи он ашёи табии набуда аз моддаи синтетикии ҳаммонанд ба тетрагидроканнабинол, иборат мебошад[11]. Ба сифати асос – моддаи таъсиркунанда дар таркиби он: CP 47, 497 ва ё JWH-018, истифода карда мешуд. Моддаҳои CP47, 497 ба гуруҳи циклогексилфенолҳо, JWH-018 бошад ба нафтоилиндолҳо мансуб буда, ҳангоми истеъмол таъсири тетрагидроканнабинолро (моддаи таъсиркунандаи растании каннабис ё худ бангдона) доранд, аммо аз он тахминан панҷ маротиба зиёдтар мебошад[12]. Айни замон гардиши ин моддаҳо дар аксар давалатҳо манъ шудааст. Дар навбати худ, то дар сатҳи қонунгузорӣ манъ кардани муомилоти ин омехта чандин нафар аз истеъмоли он зарар дида ба он майл пайдо намуданд.

Ин моддаҳо аз руи таркиб ва сохти химиявӣ (формулаи химиявӣ) ба тетрагидроканнабинол, ки дар замимаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешибини шудааст, тамоман монанд нестанд. Илова бар ин мафҳуми воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, ки дар қонунгузории соҳавӣ оварда шудааст, аз руи мазмун ин «ивазкунандаҳоро» дар бар намегирад[13. с.1165-1168]. Ҳолате ба миён меояд, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои муомилоти ғайриқонуии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои

психотропӣ, дар ин маврид асосҳои ҳуқуқӣ мавҷуд нестанд, зеро мансубияти ин маводҳо ҳамчун воситаҳои нашъадор ва ё моддаҳои психотропӣ дар қонунгузорӣ пешбини нашудааст. Мумкин аст, ки дар ҳолати содир намудани ин кирдор он бо моддаи 206 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан), банду баст карда шавад. Аммо моҳиятан он мазмуни кирдори содиршударо аз руи таркиби ҷиноят ба пуррагӣ, дар бар намегирад.

Барои пешгири намудани муомилоти навъҳои гуногуни чунин моддаҳо, ки дар аввал хусусиятҳои он маълум нестанд ва ё кам тадқиқ шудаанд, бояд чораҳо андешида шаванд. Ба сифати чунин чораҳо, муввақатан манъ кардани гардиши моддаҳои ошкор шуда, то ба муайян намудани таркиб ва хусусиятҳои он, аз тарафи мақомотҳои дахлдори ҳифзи ҳуқуқ, пешниҳод карда мешавад[14. с.32-34]. Манъ кардани муомилот бе имконияти истифодаи чораҳои таъминотӣ (пешбини намудани ҷавобгарӣ), қариб ки ғайри имкон мебошад, зеро он дар навбати худ, ба афзоиш ёфтани гардиши ғайриқонуни оварда мерасонад. Инчунин пешниҳодҳо оид ба озод ворид намудани чунин моддаҳо ба руйхати воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, гуфта шудаанд, ки он низ ба пурраги мувофиқи мақсад нест. Зеро коркард кардани мафҳуми ягона ва универсалӣ, ки метавонист чунин «ивазкунандаҳоро» дар бар гирад, хело мушкил ва ё ғайриимкон аст. Баъзе аз ин моддаҳо дар психиатриа барои шахсони гирифтори бемориҳои руҳӣ, васеъ истифода карда мешаванд. Аз ин ру бе таҳлилҳои пурра ва ҳаматарафа ворид намудан ё пешбини намудани маънидодкунии васеъи моддаҳои ҳаммонанд, дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки таъсири онҳо ба организми инсон пурра ва дақиқ омӯхта нашудааст, ғайримақсад мебошад. Чунин тартиб, дар амалия метавонад барои истисмор намудан аз тарафи мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, шароит фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, чунин гуфтан мумкин аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ дар самти танзими гардиши ғариқонунии маводи нашъадор ва моддаҳои психотпропӣ як миқдор дигаргуниро талаб мекунад. Аввалан ин дигаргуниҳо бояд, ки барои мувофиқа намудани мафҳумҳо дар матни қисми махсус ва замимаи он равона карда шаванд. Зеро татбиқи қонун барои ҳуқуқтатбиққунанда набояд, ки душвори ва духурагиро ба миён оварад. Дигар масъалаи ташвишовар, пайдоиш ва паҳн шудани воситаҳои нашъадори «дизайнерӣ» ё ҳаммонанд мебошад. Ба ин афзалан тараққи намудани соҳаҳои формакалогия, форматсевтика ва химия мусоидат намуданд. Аз ин ру манъ ва ё маҳдуд кардани муомилоти моддаҳои ҳаммонанд ба воситаҳои нашъадор ва ё моддаҳои психотропӣ, дар қонунгузории ҷиноятӣ бояд, ки бо назардошти имконияти истифода бурдани чунин моддаҳо дар соҳаи тандурустӣ, ба роҳ монда шавад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998 // Ахбори Маљлиси Олии Љумҳурии Тољикистон, с.1998, № 9, мод.68, мод.69; (дар таҳрири Қонунҳои ЉТ аз 25.12.2015 с., №1261; аз 15.03.2016 с., №1274; аз 14.05.2016 с., №1304; аз 14.05.2016 с., №1305).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 17.05.2004с., таҳти №35 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, № 5 мод. 346

3. Эзоҳ ба моддаи 200 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон аз 21 маи соли 1998//Ахбори Маљлиси Олии Љумҳурии Тољикистон, с.1998, № 9, мод.68, мод.69; (дар таҳрири Қонунҳои ЉТ аз 25.12.2015 с., №1261; аз

15.03.2016 с., №1274; аз 14.05.2016 с., №1304; аз 14.05.2016 с., №1305)..

4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, № 5 мод. 346. С.103.

5. Ахбори Мањлиси Олии Љумҳурии Тољикистон соли 2004, № 5 мод. 346. С. 246.

6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, моддаи 4 қисми 4 //Ахбори Мањлиси Олии Љумҳурии Тољикистон, с.1998, № 9, мод.68, мод.69; (дар таҳрири Қонунҳои ЉТ аз 25.12.2015 с., №1261; аз 15.03.2016 с., №1274; аз 14.05.2016 с., №1304; аз 14.05.2016 с., №1305).

7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, моддаи 4 қисми 3 //Ахбори Мањлиси Олии Љумҳурии Тољикистон, с.1998, № 9, мод.68, мод.69; (дар таҳрири Қонунҳои ЉТ аз 14.05.2016 с., №1305).

8. Маълумоти РТК ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои экспертиза ва тадқикотҳои кимиёвии воситаҳои нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 5 моҳи соли 2016.

9. Дизайнерские наркотики // Википедия. [2016—2016]. Дата обновления: 19.06.2016. URL: http://ru.wikipedia.org/?oldid=79075007 (санаи муроҷиат: 20.06.2016).

10. URL: http://www.narkotiki.ru (санаи муроҷиат: 18.06.2016с.).

11. URL: http://www.unodc.org (санаи муроҷиат: 18.06.2016с.).

12. *Thornton SL et al.* Simultaneous detection of multiple designer drugs in serum, urine, and CSF in a patient with prolonged psychosis // Informa. — 2012. — № 10. — С. 1165-1168.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» аз 10.12.1999с., таҳти №873 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №12, мод.312; соли 2002, № 4, қ.1, мод.266; соли 2006, №4, мод. 192; соли 2007, №7, мод. 661 (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 22.07.2013с. №988).

14. *Корчагин О.Н.* Временное ограничение на оборот новых видов наркотических веществ и психотропных веществ // Наркоконтроль. 2012. – N 4. – С.32-34.

# ТЕРРОРИЗМ: ТАҲДИДУ ХАТАРҲО БА ҶОМЕАИ МУОСИР ВА ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДАИ ОН ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

# ТЕРРОРИЗМ: УГРОЗЫ И ОПАСНОСТИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ И ПРЕДУПРЕДИТЕЛЬНЫЕ МЕРЫ СРЕДИ МОЛОДЁЖИ (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

# TERRORISM: THREATS AND HAZARDS IN MODERN SOCIETY AND PREVENTIVE MEASURES AMONG YOUNG PEOPLE (ON THE EXAMPLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN



**АСЛАМОВ Б.С.**

*муовини сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*



**ТОШЕВ А.М.**

*сардори шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ. майори милитсия*

***Аннотатсия***: Дар мақола муаллифон яке аз проблемаҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ - терроризмро таҳлил намуда, хатари онро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси талаботҳои Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иникос намуда иброз менамоянд, ки терроризм натанҳо хусусияти минтақавӣ, балки глобалӣ дошта, муқовимат ва мубориза бар зидди он аз фаъолияти босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастагӣ дорад.

***Вожаҳои калидӣ:*** терроризм, намудҳои терроризм, мубориза ва чораҳои пешгирикунандаи зидди терроризм, стратегия, кибертерроризм

***Аннотация***: В статье авторы анализируют проблемы терроризма как один из видов вызовов международному сообществу. С учетом требований, вытекающих из Послания Основоположника мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республика Таджикистан Эмомали Рахмона, авторы анализируют проблемы терроризма в глобальном и региональном масштабе, отражают деятельность правоохранительных органов и предлагают рекомендации по борьбе против терроризма.

**Ключевые слова:** терроризм, виды терроризма, борьба и профилактические меры против терроризма, стратегия, кибертерроризм.

***Abstract***: In this paper, the authors analyze the problem of terrorism as one of the kinds of challenges facing the international community. With regard to the requirements arising from the Letter Founder Peace and National Accord, the nation's leader, Presi-dent of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, the authors analyze the problem of terrorism at the global and regional scale, reflect the activities of law enforcement agencies, and offer recommendations on the fight against terrorism.

***Keywords:*** terrorism, the types of terrorism, the fight against and prevention measures against terrorism, a strategy, cyber-terrorism

Проблемаи мубориза бар зидди терроризм - ин зуҳуроти нав набуда, терроризм то инҷониб ҳамчун объекти омӯзиши файласуфон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносон ба шумор меравад. Таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ нишон медиҳад, ки оиди проблемаҳои терроризм фикру ақидаҳои ягона вуҷуд надорад. Терроризм (аз калимаи лотинии terror – тарс, ваҳм, ҳарос, даҳшат (страх, ужас) гирифта шуда) – ин ҳамчун як намуди таҷовус ё ин ки мафкура баромад менамояд. Дар кишварҳои форсизабон терроризмроҳамчун даҳшатафканӣ маънидод менамоянд. Дар илмҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ терроризм ҳамчун кирдори таҳдидкунанда ба ҳаёт, молу мулк, амнияти ҷамъиятӣ шарҳ дода шуда мақсади онбарҳам додани сохти конститутсионӣ, расонидани таъсир ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, барангехтани ноороми дар ҷомеа, мураккаб сохтани муносибатҳои байналмилалӣ дониста мешавад.Ғайр аз ин, терроризм – ҳамчун тактика ва усули муборизаи сиёсӣ низ мебошад, ки ба воситаи он гурӯҳи муташаккил бо роҳи зӯроварӣ ва ғайриқонунӣ мехоҳад ба мақсади худ ноил гардад.

Агар мо ба таърихи пайдоиши терроризм назар афканем чунин ба назар мерасад, ки терроризм падидаи нав набуда, таърихи қадимаро доро мебошад. Аввалин маълумотҳо оиди терроризм ҳанӯз дар асрҳои V–IV то мелод дар Юнони қадим пайдо шудааст. Аз ҷумла падари Искандари Македонӣ Филипи II дар натиҷаи амали террористӣ кушта мешавад.

Вобаста ба маълумотҳои таърихӣ яке аз созмонҳои қадимаи террористӣ ин созмони яҳудии Сикариҳо мебошад, ки дар асри I-уми мелодӣ созмон ёфта буд. Иштирокчиёни он, ки худи яҳудиёнро ташкил медоданд, табақаҳои болоии яҳудиёнро барои ҳамкорӣ бо римиҳо мавриди амалҳои террористӣқарор медоданд. Инкишофи терроризм ба асрҳои миёна рост меояд.Яке аз мисоли равшанин аз ҷониби Ҳасан Ибни Сабоҳ - намояндаи барҷастаи терроризми асримиёнагии ислом,созмон додани гуруҳи террористии «Ҳасиниҳо» мебошад, ки тахминан солҳои 1090 дар Эрон пайдо гардидааст. Ин созмони террористӣ дар дохили худ худкушонро тайёр мекард ва дар амалҳои террористӣ истифода мебурд. Созмони «Ҳасаниҳо» дар Эрон васеъ гашта наздики 200 сол фаъолияти террристӣ кардааст. Танҳо дар асри XIII аз ҷониби муғулҳо созмони террористии мазкур шикаст дода мешавад. Таърихи минбаъдаи терроризм ба давраи нав ва навтарин рост меояд, ки он аз асри XVII оғоз ёфта то замони мо идома дорад. Мутахассисон ин марҳиларо чунин ҷудо менамоянд:

1. Пайдоиши амалҳои террористӣ дар Руссия, Аврупо ва Америкаи Шимолӣ дар охири асри XIX;
2. Ҳаракатҳои зидди мустамликавии асри XX;
3. Амалҳои террористии дорои хусусияти сиёсӣ доштаи солҳои 70 – уми асри XX;
4. Глобализатсия ва таъсири он ба фаъолияти терроризми балналмиллалӣ, ки солҳои 70-уми асри XX оғоз ёфта баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ ба дараҷаи баланд инкишоф ёфта ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид менамояд.

Маҳз равандҳои глобализатсия, ихтирои интернет ва дигар воситаҳои технологияҳои муосир фаъолияти соз-

монҳои террористиро дар қаламрави кишварҳои гуногун боз ҳам фаъолтар менамоянд. Бахусус гурӯҳҳои террористӣ ба воситаи сомонаҳои худ бо забонҳои гуногун ҷавононро ба ҷониби худ шомил менамоянд. Инчунин аз ҷониби созмонҳои террористӣ ҳамлаҳои хакерӣ ба сомонаҳои давлатҳои гуногун гузаронида мешавад. Ҷ.З.Маҷидзода, Н.Ҷ Назаров дуруст иброз менамоянд, ки «терроризм бевосита бо воситаҳои ахбори ҷаҳонӣ ва технологияи кибернетикӣ алоқамандӣ меҷӯяд. Барои террористон аудиторияи васеъи одамон лозим аст, ки акси садову вокунишҳои фаврии ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳукуматҳоро зуд ба якдигар расонанд» аз ин рӯ, гуруҳҳои тоеррористӣ бо ҳар роҳу восита муттахасисони бо таҷриба хусусан ҷавононро дар ин самт ҷалб менамоянд [4, С. 10].

Вобаста ба ин масъалаАсосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 20 январи соли 2016ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба истифодаи шабакаи интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи Генералӣ ва дигар мақомоти марбутаро вазифадор намуда иброз намуданд, ки доир ба масъалаҳои таъсиси маркази мубориза бар зидди ҷиноятҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва кибертерроризм ба Ҳукумат пешниҳоди асоснок манзур намоянд». Ғайр аз ин аз ҷониби Президенти кишвар дастур дода шуд, ки Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат бо экстремизму терроризм барои солҳои 2016-2020 аз ҷониби Прокуратураи Генералӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ коркард карда шавад[7].

Вобаста ба оқибатҳои ногувори амалҳои террористӣ назар афканем танҳо дар солҳои 1994-2004 дар ИМА – 3238, Россия – 2111, Ҷумҳурии Ҳиндустон – 1928, Исроил – 1274, Колумбия – 1135, Ироқ 1122 шаҳрвандон ба ҳалокат расидаанд.

Қуллаи баланди амалҳои террористӣ ба соли 2012 рост меояд, ки дар ҷаҳон 8 ҳазору 500 амали террористӣ ба қайд гирифта шуда 15,5 ҳазор инсонба ҳалокат расидаанд. Доираи амали хатаровари терроризм ба кишварҳои Осиё, Африко, Аврупо ва Амрико рост меояд. Махсусан амалҳои террористӣ дар ин давра дар Сурия, Ироқ, Афғонистон, Покистон, Яман ва кишварҳои Африкаи Шимолӣ дар авҷ мебошад.

Бояд иброз намуд, ки мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм вазифаи на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои алоҳида, балки кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Хатари терроризм ва экстремизмро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 20 январи соли 2016 ҳамчун зуҳуроти хавфнок арзёбӣ намуда иброз намуданд, ки «имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар сокини сайёра таҳдид карда, барои башариат хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст»[7].

Вобаста ба пешгирии терроризм ва шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии он мунтазам ба таври системанок муборизаи фаъол бурда мешавад. Дар асоси маълумотҳо вобаста ба мубориза, пешгирӣ ва муқовимат бар зидди терроризм ва экстремизм Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дорои натиҷаҳои баланд мебошад. Албатта ин мантиқан дуруст мебошад, зеро шумораи кормандони ин сохтор назар ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ якчанд маротиба зиёд мебошад. Ғайр аз ин ҳеҷ як минтақае нест, ки намояндаи вазорати корҳои дохилӣ дар он ҷой фаъолият нанамояд. Вобаста ба ин масъала Ф.Р. Шарифзода дуруст иброз менамояд, ки «мақомоти корҳои до-

хилӣ, назар ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорои восита ва имкониятҳои васеъ мебошад ҳадаф ва мақсади он ба солимгардонии вазъи криминогенӣ равона гардидааст. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, новобаста аз ҳолати мураккаби хизматӣ, корманди милитсия дар баробари дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ дар раванди барқарорсозӣ ва мустаҳкам намоии сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар ҷумҳурӣ фаъолона ширкат варзидааст»[9].

Дар замони истиқлолият бо мақсади мубориза бурдан бо терроризм бо ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмонҳои зерин:

1. Ал – Қоида
2. Ҳаракати исломии Узбекистон
3. Ихвон – ул – муслим (Бародарони мусулмон)
4. Лашкари Тайба (Лашкри пок)
5. Ҷунбиши Толибон
6. СозмониТуркистони Шарқӣ
7. Ҷамоати Таблиғ
8. Созмони Тоҷикистони озод
9. Гурӯҳи исломӣ (Ҷамъомади исломии Покистон)
10. Созмони динӣ – миссионерии Таблиғот
11. Ҳизбу – таҳрир (Ҳизби озоди исломӣ)
12. Равияи Салафия
13. Ҷамоати« Ансоруллоҳ»
14. Гуруҳи 24
15. ДИИШ (ба ном Давлати исломӣ)
16. Ҷабҳату – н – Нусра
17. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ)[5], ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ арзёбӣ гардида фаъолияти онҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ манъ карда шудааст.

Олимони соҳаи сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ бар он ақидаанд, ки аксари созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ дар хориҷ аз давлатҳои мустақил созмон дода мешаванд ва ҳадафи онҳо ноором намудани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳои мустақил мебошад.

Дар минтақаи Осиёи марказӣ хатари паҳнгардии экстремизм ва терроризм бештар аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон сарчашма мегирад. Дар ин давлатҳояк қатор гуруҳҳои экстремистӣ ва террористӣ созмон ёфта амалиётҳои худро фаъолона амали намуда истодаанд. Гурӯҳҳои террористӣ дар ин давлатҳо маҳз дини мубини исломро ба мақсади сиёсӣ истифода бурда ҳамчун ҳаракати сиёсӣ ва муқобилгузории тамаддунҳо ба мақсади ғаразнок истифода мебаранд. Нооромии фазъи сиёсӣ дар ин давлатҳо пеш аз ҳама дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон имконият намедиҳад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ин давлатҳо бар зидди гуруҳҳои террористӣ самаранок мубориза бурда онҳоро маҳв намоянд. Чунин вазъият мушкилиҳои зиёдро барои давлатҳои ҳамсарҳад пеш аз ҳама Тоҷикистон эҷод менамояд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоҳати тӯлонӣ яъне 1344,15 км.бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки маҳз оромиву субот дар Осиёи марказӣ аз Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Оқибатҳои ногувори амалҳои террористӣ дар давлати Сурия, дигар давлатҳои Осиёи марказиро бояд водор намояд, ки ҷиҳати пешгирии паҳнгардии терроризм ва экстремизм дар минтақа бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро дар ин самт густариш диҳанд. Зеро имрӯз гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистие, ки дар қаламрави Афғонистон ва Покистон амалҳои террористӣ анҷом дода истодаанд мехоҳанд вазъи сиёсиро дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ноором созанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки базаи иҷтимоии гуруҳҳои террорстиро асосан ҷавонони аз 18 то 35 сола ташкил медиҳанд, ки дониши муккамали динӣ ва маърифати ҳуқуқӣ надоранд. Ба ақидаи таҳлилгари рус Петраш Ю.Г. «Асрҳо сипарӣ шудаанд. Тамаддун ба таври пурра бархурди халқҳоро аз рӯи бадбинии динӣ мӯътадил гардонид, гарчанде боқимондаҳои он дар як қатор кишварҳо аз қабили Ирландия,

Косово, Покистон, Ҳиндустон, ва дигарон ба назар мерасанд. Лекин ба ин ислом чи муносибат дорад? Дар ҳақиқат терроризм на Ватан на миллат на мазмуни муайяни динӣ дошта, нофаҳмоиҳои таълимотҳои динӣ, нажодпарастӣ, этносетризм, миллатчигӣ, панисломизм ва ифротгароиро эҷод менамояд»[8].

Имрӯз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ бо мақсади пешгирии амалҳои террористӣ ва пойдор намудани сулҳу субот дар курраи замин як қатор чораҳо андешида истодаанд. Пеш аз ҳама бо қарори Шӯрои амнияти СММ таҳти №1566 аз 8 октябри соли 2004 оид бамубориза бар зидди терроризм ва гурӯҳҳои террористӣ гуфта мешавад:

а) давлатҳо вазифадор карда шаванд, ки аз дилхоҳ ёрӣба шахсони ба амалҳои террористӣ дастдошта худдорӣ намоянд;

б) давлатҳовазифадор карда шаванд, ки амалҳои террористиро пешгирӣ намоянд;

в) шахсоне, ки ба гурӯҳҳои террористӣ дар тайёр кардан ба нақшагирӣ кардан мусоидат менамоянд, гуруҳҳоро маблағгузорӣ менамоянд ё ин ки паногоҳ медиҳан ба ҷавобгарӣ кашида шаванд;

г) мақоми гуреза ё паноҳҷӯй танҳо ба шахсоне пешниҳод карда мешавад, ки дар амалҳои террористӣ гумонбар набошанд;

д) ҳамагуна ёрии фаъол ва ғайрифаъол ба терроризм манъ карда шавад ва ғ. [6].

Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмиллалӣ яке аз иштирокчиёни фаъоли мубориза бар зидди терроризм ба ҳисоб меравад. Ҳануз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими имзошавии Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккил 12 декабри соли 2000 дар шаҳри Палермои Италия иброз намуда буданд, ки: «ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ ба истиқлолияти миллӣ бахусус давлатҳои ҷавони соҳибихтиёр рӯирост таҳдид намуда, душмани демократия ва давлати ҳуқуқбунёд ба шумор меравад»[10].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон базаи қонунгузории муборизаи зидди терроризм мукаммал гашта мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар муқовимати зидди терроризм фаъолияти босамар дорад. Аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм[2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷиноятҳои муташаккилона [3] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи ба тавсиб расидаанд».

Дар ҳошияи татбиқсозии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҷаласаи мушовараи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонбо ташаббуси бевоситаи Вазири корҳои дохилӣР.Ҳ. Раҳимзода барои ҷузъу томҳои амалкунандаи мақомоти корҳои дохилӣсе моҳаи мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм эълон карда шуд[1].

Ҳамин тариқ муаллифон барои мукаммал гардонидани муборизаи зидди терроризм пешниҳод менамоянд:

Гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ-таблиғотӣ бо фарогирии ҷавонон дар мавзӯи терроризм, таърихи пайдоиши он ва оқибатҳои хатарноки он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

Дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи терроризм» мустаҳкам намудани равобити байни субъектҳои муборизабарандаи зидди терроризм ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти онҳо (моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди терроризм);

Дар расонаҳои ахбори умум интишори маводҳо оид ба терроризм, гурӯҳҳои террористӣ ва инъикоси дараҷаи хатарнокии онҳо ба амнияти ҷомеа ва давлат.

Дар руҳияи ватандустӣ, ифтихори миллӣ, расму оинҳои миллӣ, арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ, Нишони миллӣ ва Суруди миллӣ тарбия намудани наврасон ва ҷавонон;

Тарғиби ғояҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, инчунин таъмини амну суботи

ҷамъиятӣ аз ҷониби Созмони «Авангард-Пешоҳанг» - и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Нашри мусаварра ва китобчаҳои хурд дар мавзӯи мубориза зидди терроризм;

Дар ҳамбастагӣ бо доираи васеи аҳолӣ, Шӯроҳои маҳалҳо, мактабҳои ҳамагонӣ, донишкадаю донишгоҳҳо, гузаронидани рӯзи аксияи зидди терроризм;

Баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинӣ аз он ҷумла ҷаҳонбинии илмӣ ва динӣ ҳам дар мактабҳои таҳсилоти ибтидои ва ҳам мактабҳои олӣ, ки имрӯз наонқадар ба талаботҳои замони муосир ҷавобгӯй мебошад;

Бедор намудани ҳисси инсондустӣ дар мафкураи ҷомеа, алалхусус ҷавонон;

Созмон додани ҷойҳои корӣ ва таъмини пурраи ҳуқуқҳои ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоии ҳар як шахс аз ҷониби давлат;

Назорат аз болои шабакаҳои интернетӣ;

Зери назорати дақиқ қарор додани муҳоҷирати меҳнатӣ, равуои ҳам шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳам хориҷиён ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Маълумот пайдо намудан аз мақсаду мароми иттиҳодияҳои ғайридавлатии аз хориҷ маблағгузорӣ шаванда;

Коркарди ягонаи стратегияи мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм аз ҷониби ҳамаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ.

Ғайр аз ин пешниҳод карда мешавад, ки дар кодеси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ягонаи экстремизм дода шавад.

Ҳамин тариқ, муборизаи зидди терроризм аз ҳар як фарди баномӯси Тоҷикисто нхушёрию зиракӣ, далерию шуҷоатро талаб намуда, танҳо дар ҳамбастагии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мометавонем, ки ба ин падидаи хавфноки ҷомеа мубориза бурда фазои сулҳу амниятро дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳифз созем.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Қарори 1/1 ҷаласаи мушовараи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.01.2016. // Официальный сайт МВД Республики Таджикистан: URL: http: www.mvd.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи терроризм» аз 16.11.1999 таҳти № 846 (бо тағйиру иловаҳо 23.12.2012 №1266) // Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – Режим доступа: http://www.mmk.tj.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷиноятҳои муташаккилона» аз 28.12.2013 // Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. – Режим доступа: http://www.mmk.tj.

4. Маҷидзода Ҷ.З., Назаров Н. Ҷиноятkории муташаккил ва трансмиллӣ. Душанбе, 2014. – С. 10

5. Ниг. пурра: Раҳимзода Р.Ҳ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои судӣ оид ба фаъолияти ташкилотҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ. Душанбе, 2015. – 232 С.

6. О. Хлестов, А. Кукушкина, Ш. Содиков. Международный организации vs терроризм. Журнал международная жизнь, Август, 2013. Москва, 2013 С. 96

7. Паёми асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016 // Официальный сайт Президента Республики Таджикистан. – Режим доступа: http://www.president.tj.

8. Петраш Ю.Г. Ислам: Происхождение, вероучение, современность. М., 2005. С.302.

9. Шарифзода Ф.Р. Организационные и правовые основы информационного обеспечения сотрудничества органов внутренних дел Республики Таджикистан с местными органами государственной власти в сфере правопорядка. Душанбе, 2010. С. 3.

10. Эмомали Рахмон. Политика мира и созидания. Душанбе, 2002. С.132.

11. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016. Душанбе, 2016. С. 34.

## Зависимость безопасности граждан с уязвимостью преступников в условиях информационного открытого общества

## Вобастагии амнияти шаҳрвандон бо ҷинояткорони осебпазир дар иттилооти ҷамъияти кушода

## Relation to public safety criminals vulnerability in an information society open



**Бочковой А.В.**

*ведущий научный сотрудник НИЛ по правовым и организационно-тактическим проблемам ОРД Луганского государственного университета внутренних дел имени Э.А.Дидоренко Украины, кандидат юридических наук, старший научный сотрудник, майор полиции*

***Аннотация*:** В статье освещается проблема влияния современных информационно-технических достижений на безопасность общества и возможность преступников избежать ответственности за противоправные деяния. Характеризуются основные преимущества применения информационно-аналитических систем и возможности их применения правоохранительными органами, в том числе и в сети Интернет, для выявления и прогнозирования преступной деятельности. Доказывается прямая зависимость уровня безопасности общества от уровня его открытости.

***Ключевые слова:*** информация, безопасность, открытое общество, информационная система, аналитическая система, Интернет, противодействие, преступность, права и свободы, оперативно-розыскная деятельность, прогноз

***Аннотатсия*:** Дар мақола оид ба проблемаи таъсири иттилооти муосир, дастовардҳои технологӣ дар амнияти ҷомеа ва имконияти фирор намудани ҷинояткорон аз ҷавобгарӣ барои кирдори ғайриқонунӣ таъкид шудааст. Афзалиятҳои асосии истифодабарии системаи иттилоотӣ-таҳлилӣ ва имконияти истифодабарии он аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, дар шабакаи Интернет, барои ошкор ва пешгӯӣ намудани фаъолияти ҷинояткорӣ тасниф шудааст. Вобастагии мустақими сатҳи амнияти ҷамъиятӣ аз сатҳи ошкори онро исбот карда шудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** иттилоот, амният, ҷомеаи кушод, системаи иттилоотӣ, системаи таҳлии, Интернет, муқовимат, ҷинояткорӣ, ҳуқуқ ва озодӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дурнамо.

***Annotation:*** The article highlights the impact of modern information and technological advances on the security of society and criminals evade responsibility for wrongful acts. After all, the modern world of information technology and integrate comprehensive informatization of society every citizen in the network, he wants to or not. The database of any company or organization contained in electronic media that are transferred to public authorities and institutions to account or control. From the birth of a new citizen information entered into a database and will be in there even after his death.

***Keywords***: information security, open society, information system, analytical system, Internet access, opposition, crime, law and freedom of operational-search activity, prognosis.

Современный мир информационных технологий и всеобъемлющая информатизация общества интегрируют каждого гражданина в сеть, хочет он того или нет. База данных любого предприятия или организации находится на электронных носителях, которые передаются в государственные органы и учреждения для учета или контроля. С самого рождения информация о новом гражданине вносится в базу данных и будет там находиться даже после его смерти.

Конечно, информация о человеке и ранее подлежала учету в различных органах или учреждениях. Из каменных досок в древние времена к карточкам табулятора в XX веке менялся только носитель информации.

Автоматизация процесса учета началась с того, что 1804 француз Жозеф Мария Жаккард изобрел прибор, использующий перфорированные карточки для контроля работы ткацкого станка [1]. В 1889 Герман Голлерит, сын немецких эмигрантов, доработал перфокарточное механическое устройство Ж.М. Жаккарда для обработки большого объема данных. Работа машины оказалась настолько удачной, что бюро переписи США использовало ее при обработке результатов переписи населения в 1890 году. Такую машину и для тех же целей в 1897 году купила Россия. А 1902 Г. Голлерит создал табулятор, в котором карточки подавались автоматически.

Позже уже компьютерные технологии позволили свести воедино огромный объем информации. Однако, начальная компьютеризация не изменила принцип процесса, ведь информация в постоянном виде была перенесена с бумажных носителей в электронные. Способ обработки электронных носителей информации значительно облегчил работу, но суть процесса не изменил.

Начиная с конца XX века и до сих пор, новые разработки в сфере компьютерных технологий позволяют вывести на качественно новый уровень работу по обработке данных, содержащихся в компьютерной сети. Современные системы, на основании анализа полученных данных способны прогнозировать действия или события. Ведь современные информационные системы способны сформировать по запрашиваемому объекту информационное досье с данными, которые не только вносились субъектом обращения (государственным органом или организацией), но и другими субъектами сознательно или даже случайно. Есть возможность получать информацию о личности из таких источников как социальные сети Интернет, включая финансовую историю и средства видеоконтроля.

Сегодня анализ социальных сетей рекомендуется банками при решении вопроса о выдаче займа. В России Духовной академией анализируется информация в сети об абитуриентах и в зависимости от результата решается вопрос о зачислении на учебу. Распространяется практика отделов кадров многих частных организаций по проверке кандидата на должность путем анализа его профиля в социальных сетях. Ведь при встрече кандидат будет показывать себя с наилучшей стороны, часто скрывая негативные стороны своей личности. Тогда как в социальных сетях содержится информация за длительный промежуток времени и видны различные стороны личности, начиная с друзей в сети, заканчивая отметками (ругательствами) конкретных новостей, фото или просмотра видео и тому подобное.

Нельзя игнорировать тот факт, что совокупность данных, которые могут быть получены с помощью компьютерной сети делает человека абсолютно открытым перед соответствующими органами или должностными лицами, которые будут иметь полномочия для сбора

таких данных. То есть, общество, в котором есть доверие к соответствующим службам, осуществляющим мониторинг сети, может считаться открытым. Ведь добропорядочный гражданин, член открытого общества, открытый для компетентных органов так же, как и лицо, которое готовит ли совершает преступление.

Таким образом, уровень безопасности общества прямо зависим от уровня его открытости. В то же время, чем более открытое общество, тем более уязвим преступник, ведь он также становится открытым для правоохранительных органов.

Впрочем, способности преступного мира быстро адаптируются к уровню развития информационных технологий и приспосабливают их в свою пользу, что требует постоянной работы ученых и практиков для поиска и разработки адекватных средств и мер противодействия.

Весь мир постепенно идет путем внедрения новейших информационных технологий в правоохранительной сфере, основой которых является информационно-аналитические системы. Так, в английском журнале «Police» опубликована статья об использовании современных информационных технологий в работе финансовых следователей. В начале XXI века практически каждый человек оставляет за собой электронный след информации (например, в Великобритании общее количество баз данных, где граждане могут оставить электронный следует, составляет около трехсот). Перед следователями стоит задача собрать данные из этих баз в отношении конкретного лица, затем отфильтровать из этих сведений, отвечающие параметрам расследования, то есть, иначе говоря, проверить полученную информацию в более широком контексте расследование для того, чтобы свести воедино все сведения и провести анализ, согласно которому необходимо действовать в дальнейшем [2].

Английские специалисты разработали новый компьютерный метод, который позволяет идентифицировать неизвестные и тайные связи между различными членами террористических и криминальных группировок. Главной проблемой успешной реализации крупномасштабного уголовного расследования является установление запутанной системы отношений между теми, кто, вероятно, может быть участником криминальной деятельности. Ассоциативная модель данных AMD (Associative Model of Data), которая характеризуется как первый большой прорыв в архитектуре базы данных после появления Интернета, дает возможность перебросить мостик между разрозненными базами данных, обеспечивая большие возможности для расследования. Эта модель формирует данные подобно тому, как мы мыслим, тем самым значительно снижая потребность в большом объеме программирования, позволяя пользователям обращаться за помощью к компьютерам и получать ответ на запрос не в течение месяцев, а в течение нескольких часов.

В отличие от большинства баз данных, которые спроектированы так, чтобы собирать узкоспециализированную, строго регламентированную информацию (так называемые структурированные базы данных), эта база данных построена по принципу архивов данных. В архивы данных собирают всё, что они могут вобрать в себя, ничего не отвергая, то есть практически в одну базу данных собираются все возможные информационные базы различных поисковых систем и банков данных, причем разных ведомств и учреждений [3].

Достаточно сказать, что органы Национальной полиции Украины ежегодно регистрируют более 3 млн событий, имеющих признаки преступления, и уже на первоначальном этапе обрабатывается информация примерно о 3800000 человек, в той или иной степени причастных к указанным в заявлениях фактам. Расследуется около

полумиллиона уголовных производств. Административные протоколы составляются по почти 6 млн человек. Несколько миллионов граждан, состоящих на учете в оперативно-справочной картотеке МВД, подлежат непрерывному мониторингу. Только нормативными документами МВД регламентируется функционирования 17 информационных баз данных [4, с. 219-228].

***Abstract*****:** This article explores one of the types of public service -service in the internal affairs bodies. Against the background of the study of this phenomenon, revealed the special property law enforcement service. Analyzes the relationship of this concept on the basis of legal norms of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan. Provided the concept of public administration's internal affairs, or rather the police. Against this background, defined administrative and procedural status of police inspectors.

**Keywords:** public service, law enforcement authorities, the police, the police service, the administrative jurisdiction, administrative and legal relations, public administration, internal affairs, the local police inspector**.**

**В**о все времена служба в правоохранительных органах организовывалась государством. Данный вид службы представлял собой профессиональную службу граждан на должностях правоохранительной службы в государственных органах. Такая служба направлена на обеспечение безопасности, законности и правопорядка в обществе.

С позиции Д.Н. Бахраха «правоохранительная служба» является одним из видов государственной службы, представляющей собой профессиональную служебную деятельность граждан на должностях правоохранительной службы в государственных органах. По мнению автора, при данной деятельности осуществляются функции по обеспечению безопасности, законности и правопорядка, по борьбе с преступностью, по защите прав и свобод человека и гражданина, которым присваиваются специальные звания и классные чины [2, с. 212].

Особую формулировку предлагает К.С. Бельский, который вместо понятия «правоохранительная служба» использует понятие «полицейская служба»[1]. По мнению автора, служба в органах милиции и есть «полицейская служба» [3, с. 17-23].

По мнению других авторов, «административная юрисдикция» как процессуальная категория служит, в конечном счёте, целям правоохраны. В своей формулировке авторы имеют в виду деятельность правоохранительной службы, которая направлена на правовую защиту административно- правовых отношений [1, с. 279-280].

Существует также другая точка относительно данной проблемы. По мнению некоторых исследователей, государственное управление в сфере защиты прав и свобод человека и гражданина, охраны правопорядка, обеспечения общественной безопасности осуществляют органы Министерства внутренних дел Российской Федерации [8, с. 322].

Выдвигая интересную идею о понятиях «общественный порядок» и «общественная безопасность», Н.М. Конин вместо понятия «правоохранительная служба» использует понятие «органы защиты и охраны государственного порядка». По его мнению, «органами защиты и охраны государственного порядка» выступают Президент РФ, Федеральное Собрание РФ, Конституционный, Верховный и Арбитражный Суды РФ, Генеральный прокурор РФ. С позиции автора, в случаях возникновения угроз национальной государственной безопасности от нарушений правил и норм государственного порядка к его защите по указанию Президента РФ могут привлекаться необ-

[1] *Полиция* - нем. сл. «polizei» и гр. сл. «politeia» - означает «городская администрация»

ходимые силы и средства соответствующих спецслужб Российской Федерации. При раскрытии понятия «общественный порядок», автор ссылается на то, что основными органами защиты и охраны общественного порядка выступают многочисленные органы, подразделения и службы МВД России [7, с. 382-384].

В Российской Федерации понятие полиции как правоохранительной службы определены в нормах Федерального закона Российской Федерации «О полиции» от 07.02.2011 г. На основании этих норм полиция предназначена для защиты жизни, здоровья, прав и свобод граждан Российской Федерации, иностранных граждан, лиц без гражданства, противодействия преступности, охраны общественного порядка, собственности и для обеспечения общественной безопасности. Данный нормативный правовой акт в расширенной форме определяет основные направления деятельности полиции, куда входят:

1) защита личности, общества, государства от противоправных посягательств;

2) предупреждение и пресечение преступлений и административных правонарушений;

3) выявление и раскрытие преступлений, производство дознания по уголовным делам;

4) розыск лиц;

5) производство по делам об административных правонарушениях, исполнение административных наказаний;

6) обеспечение правопорядка в общественных местах;

7) обеспечение безопасности дорожного движения;

8) контроль за соблюдением законодательства Российской Федерации в области оборота оружия;

9) контроль за соблюдением законодательства Российской Федерации в области частной детективной (сыскной) и охранной деятельности;

10) охрана имущества и объектов, в том числе на договорной основе;

11) государственная защита потерпевших, свидетелей и иных участников уголовного судопроизводства, судей, прокуроров, следователей, должностных лиц правоохранительных и контролирующих органов, а также других защищаемых лиц [11].

Понятие данной дефиниции определены также законодателем Республики Таджикистан. По ее определению, милиция является государственным правоохранительным органом, органом дознания и предварительного следствия и призвана защищать права и свободы человека и гражданина, общественный порядок, интересы общества и государства от преступных и иных посягательств, и наделена правом применения мер принуждения. Основными направлениями деятельности милиции являются:

1) защита жизни и здоровья, прав, свобод человека и гражданина от противоправных действий;

2) профилактика, пресечение преступлений и других правонарушений;

3) защита общественных и государственных интересов;

4) обеспечение общественного порядка и безопасности;

5) раскрытие и расследование преступлений, розыск лиц, совершивших преступления;

6) защита любых форм собственности от преступных посягательств;

7) осуществление правовой пропаганды в рамках, установленных настоящим Законом и другими законами Республики Таджикистан, среди граждан, должностных лиц, предприятий, учреждений и организаций независимо от форм собственности;

8) обеспечение безопасности дорожного движения;

9) применение и исполнение административных наказаний;

10) осуществление иммиграционного контроля, регулирование вопросов трудовой миграции, в том числе выдача разрешений юридическим лицам для принятия на работу иностранных граж-

дан и лиц без гражданства, пребывания беженцев и лиц, ищущих убежище [5].

Правоохранительная служба как вид государственной службы является деятельностью органов исполнительной власти. Данный вид службы осуществляется в милиции, органах юстиции, таможенных органах, службе пожарной охраны, службе фельдъегерской связи и службе по контролю над оборотом наркотических средств и психотропных веществ.

По нашему мнению, вместо понятия «правоохранительная служба» можно употребить термин «правоохранительная государственная служба». Исследователи, подчеркивая особенности данной сферы государственной службы, выделяют несколько ее принципиальных моментов, так как данный вид службы объединяет особые организации, которые располагают вооруженными отрядами, в задачи которых входит поддержание правопорядка, борьбы с правонарушениями, защита существующего общественного и государственного порядка. По их мнению, многие сотрудники правоохранительных органов государственной исполнительной службы, при выполнении возложенных на них функций являются представителями власти, тем самым они вправе осуществлять контроль, применять меры государственного принуждения, требовать от неподчиненных им по службе лиц определенного поведения [8, с. 212-213].

Законодательный орган Республики Таджикистан в статье 5 Закона Республики Таджикистан «О государственной службе», определяя понятие «система государственной службы», разделяет их на три вида:

1) государственная гражданская служба;

2) государственная служба правоохранительных органов;

3) государственная служба.

На основании такого деления, под понятием «государственная служба правоохранительных органов» понимается профессиональная деятельность граждан Республики Таджикистан на государственных должностях государственной службы правоохранительных органов, задачи которых направлены на обеспечение безопасности, законности, правопорядка, защиты прав и свобод человека и гражданина, а также на борьбу против преступности [6].

Таким образом, на основании предыдущих формулировок мы сможем под понятием «правоохранительная служба» понимать государственную службу граждан на профессиональной основе в правоохранительных органах органов исполнительной власти, деятельность которых направлена на обеспечение безопасности, законности, правопорядка, защиты прав и свобод человека и гражданина, а также на борьбу против преступности.

Необходимо отметить, что по законодательству Российской Федерации (в отличии от Республики Таджикистан) полиция разделена на два направления: полиция общественной безопасности и криминальная полиция. Полиция общественной безопасности имеет особые свойства. Исследуя систему МВД Российской Федерации, можно отметить, что в структуру данного подразделения полиции входят:

1) дежурные части, участковые инспекторы милиции, подразделения Государственной инспекции безопасности дорожного движения, а также отряды милиции особого назначения;

2) подразделения патрульно-постовой службы, подразделения по борьбе с правонарушениями в сфере потребительского рынка и исполнения административного законодательства и т.д. [8].

В Республике Таджикистан такого разделения милиции пока не существует и правовое положение участковых инспекторов милиции определены Конституцией Республики Таджикистан, Законом Республики Таджикистан «О милиции», Указами Президента Республики Таджикистан а также Положением участковых инспекторов милиции [9].

Исследуя административно-процессуальный статус участкового уполномоченного милиционера, И.А. Зайцев указывает на то, что оно охватывает в определенном комплексе его процессуальные права, обязанности, гарантии и ответственности. По его мнению, в производстве по делам об административных правонарушениях, административно-процессуальный статус участкового уполномоченного милиции является составной частью административно-процессуального статуса как должностного лица милиции общественной безопасности, выполняющего административно-юрисдикционную функцию [4, с. 34].

Участковые инспекторы милиции и работники участковых служб милиции, являясь представителем милиции по охране общественного порядка, на основе приказов Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, управлениями Министерства внутренних дел ГБАО, областей, г. Душанбе, отделов Министерства внутренних дел городов и районов обеспечивают общественный порядок и безопасность граждан на закрепленных участках службы.

В Республике Таджикистан на каждый административный участок милиции назначается начальник административного участка милиции. Кроме того, для обслуживания административного участка милиции в городах от 3,5 тыс. человек до не более 5 тыс. человек, а сельской местности - в территориях одного сельского административно-территориального образования от 8 до 9 тыс. человек назначается одна должность участкового инспектора (уполномоченного) милиции [9; 4, с. 3].

Анализируя численность участкового уполномоченного милиции на численность населения и ссылавшиеся на мнение М.Ю. Васькова, И.А. Зайцев сообщает о том, что во Франции и на постсоветском пространстве (на примере Армении) наблюдается разница численности участкового уполномоченного милиции на численность населения [4, с. 3-4].

На основании высказанных мнений, нам представляется, что в целях повышения результативности работы участкового инспектора милиции, следует внести изменения и дополнения в Положение об участковых инспекторов милиции об уменьшении численности населения в городской местности, из расчета один участковый инспектор милиции на 1,5 тыс. человек (вместо 3,5 тыс. человек до не более 5 тыс. человек), а в сельской местности 2-2,5 тыс. человек (в место 8-9 тыс. человек).

На основании вышеупомянутого Положения об участковых инспекторах милиции сфера деятельности участкового инспектора милиции очень разнообразна, в определенном комплексе она охватывает процессуальные права, обязанности и ответственность участкового инспектора милиции. Таким образом, данное разделение охватывает и процессуальные права, и обязанности, и ответственность участкового инспектора милиции.

## Использованная литература

1. Алехин А.П., Кармолицкий А.А., Козлов Ю.М. Административное право Российской Федерации: Учебник. М.: ИКД Зерцало-М, 2002. С. 279-280. 608 с.

2. Бахрах Д.Н. Административное право России: учебник / Д.Н. Бахрах. 3-е изд., исправ. и доп. М.: Эксмо, 2007. 528 с.

3. Бельский К.С. Полицейское право: Лексионный курс / Под ред. канд. юрид. наук А.В. Куракина. М.: Дело и Сервис, 2004. 816 с.

4. Зайцев И.А. Административно - процессуальный статус участкового уполномоченного милиции, осуществляющего производство по делам об административных правонарушениях // Административное право и процесс. 2010. № 6. С. 34-37.

5. Закон Республики Таджикистан «О милиции» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2004. № 5. ст. 352.

6. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» // Ах-

бори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007. № 3. ст. 166.

7. Конин Н.М. Административное право России: учебник. М.: ТК Велби, Проспект, 2006. 448 с.

8. Котельникова Е.А., Семенцова И.А., Смоленский М.Б. Административное право. Серия «Учебные пособия». Ростов н/Д: Феникс, 2002. 352 с.

9. Положение об участковых инспекторов милиции. Приказ МВД Республики Таджикистан, № 10 б/з, от 23.02.2013 г. 35 с.

10. Словарь иностранных слов / Под ред. И.В. Лехина и проф. Ф.Н. Петрова. 4-е изд., перераб. и доп. М.: Гос. изд. иностр. и нац. словарей, 1954. 853 с.

11. Федеральный закон Российской Федерации от 07.02.2011. № 3-ФЗ «О полиции» // СЗ РФ, 14.02.2011, N 7, ст. 900.

# ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТИ ВА ИЛМҲОИ ТАБИИ
## ОБЩЕСТВЕННЫЕ ДИСЦИПЛИНЫ И ЕСТЕСТВЕННЫЕ НАУКИ

### ПЕШГИРИИ КАҶРАФТОРӢ ДАР БАЙНИ НОБОЛИҒОНУ ҶАВОНОН: ХУСУСИЯТҲОИ УМУМӢ ВА ХОС

### ПРОФИЛАКТИКА ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ СРЕДЫ НЕСОВЕРШЕНОЛЕТНИХ И МОЛОДЁЖИ: ОСНОВНЫЕ И ОТЛИЧИТЕЛЬНЫЕ ОСОБЕНОСТИ

### PREVENTION OF DEVIANT BEHAVIOR AMONG MINORS AND YOUTH: BASIC AND FEATURES



**АСЛАМОВ Б.С.**

*муовини сардори факултети № 2 Академияи ВКДҶумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*



**САМИҲОВ Б.С.**

*омӯзгори калоникафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*

***Аннотатсия*:** Дар мақола муаллифон яке аз мавзуъҳои рӯзмарра –каҷрафторӣ дар байни ноболиғону ҷавононро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ намуда, вобастагии онро ба донишҳои психологӣ, педагогӣ ва криминологӣ муқаррар намуда, дар асоси таҳлили илмӣ моҳияти каҷрафторӣ ва тадбирҳои пешгирикунандаи онро ошкор сохтаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** каҷрафторӣ, одатҳои зараровар, инфомания, давраҳои каҷрафторӣ, чораҳои пешгирикунанда.

***Аннотация*:** В статье авторы затрагивают актуальную тему профилактики девиантного повидения среди несовершенолетных и молодёжи на примере Республики Таджикистан. Девиантное повидение занимает центральное место в психологии, педагогики, криминологии и других отраслях науки. На основе научного анализа раскривается сущность девиантного повидния среди несовершенолетних и молодёжи, исследуются пути её профилактики.

**Ключевые слова:** девиантное повидение, вредные привычки, инфомания, периоды девиантного поведения, профилактические меры.

***Abstract*:** In the scientific paper, the authors affect the actual topic of prevention of deviant povideniya among minors and young people in the case of the Republic of Tajikistan. Deviant providence occupies a central place in psychology, pedagogy, criminology and other sciences. On the basis of scientific analysis raskrivaetsya sushnost deviant povidniya among minors and young people, researched ways of its prevention.

***Keywords*:** providence deviant, bad habits, info mania periods deviant povideniya, preventive measures.

Масъалаи муҳими рушди ҷомеаи демократӣ ин дар рӯҳияи баланди худшиносию худогоҳӣ ва муҳаббат ба Ватан тарбия намудани насли наврас ба шумор меравад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳамчун масоили муҳими миллӣ арзёбӣмегардад. Ба масъалаи таълиму тарбия, таҳти парасторӣ қарор додани насли наврас давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ соли 2013 чунин баён намуданд: “Ҳукумати Тоҷикистон ӯҳдадориҳои хешро дар самти ҳифзи иҷтимоии ятимону бепарасторон ва маъюбону камбизоатон ҳамеша иҷро менамояд” [1, -С.6].

Албатта наврасону ҷавонон қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз насли ояндасози худ умеди калон мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ метавон гуфт, ки масъалаи тарбияи ҳамаҷонибаи наврасону ҷавонони кишвар, шахсан дар маркази диққати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки далели гуфтаҳои мазкур тасдиқ ва қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” [2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» [3], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии сиёсати ҷавонон Тоҷикистон то соли 2020» аз 4- октябри соли 2011 таҳти № 480 ва қабул гардидани чандин барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии ҷавонон буда метавонанд.

Аммо сарфи назар аз ҳамаи он бурдбориҳо, ки бо талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии ҳамаҷонибаи наврасону ҷавонон ба даст омадааст, инчунин баъзан мушкилоте низ миёни ин қишри ҷомеа вуҷуд дорад, ки наметавонем аз ибрози он худдорӣ намоем. Ин ҳам бошад пеш аз ҳама шомилшавии ноболиғону ҷавонони дорои андешаи маҳдуд ба гурӯҳҳои террористиву ифротгароӣ ва даст задан ба шаклҳои дигари ҳуқуқвайронкунию ҷинояткорӣ мебошанд, ки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои муаянро анҷом дода истодааст. Вале масъалаи мазкур муттаҳидӣ ва амали дастаҷамъонаро дар зери сиёсати одилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳарчи бештар талаб намуда истодааст. Мавзӯи мазкур ҳамаҷониба дар маркази таваҷҷуҳ ва тадқиқоти

илмии донишмандону коршиносони соҳа, алалхусус психологҳо, педагогҳо, сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносон қарордорад.

Муаллифон дар тадқиқоти хеш кӯшиш менамоянд, ки ҷанбаҳои педагогӣ-психологии каҷрафтории миёни ноболиғону ҷавононро баррасӣ намоянд. Дар байни олимони соҳаи психология аз қабили Менделевич В.Д. Змановский Е.В. дар бораи каҷрафтори миёни ноболиғону ҷавонон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуданд. “Аз ҷумла онҳо чунин мешуморанд, ки каҷрафторӣ як намуди зуҳуроти зидди ҷомеа буда, метавонад дар маҷмуъ ҳамчун рафтори такондиҳанда ба содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ гардад” [4, - С. 46].

Аз ҷониби психологҳо ва педагогҳо як қатор шаклҳои бадрафторӣ ва одатҳои зараровар муайян карда шудаанд. Чунин намудҳои каҷрафторӣ ва одатҳои зараровар агар пешгирӣ карда нашаванд, минбаъд боиси сар задани ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниҳо мегарданд. Ин шаклҳои каҷрафторӣ ва одатҳои зараровар дар сини 12-13 солагӣ ва 14-15 солагӣ дар рафтори ноболиғон бештар ба назар мерасанд [5,- С. 16].

**1. Тарсу воҳима ва савдоият.** Дар синни ба балоғатрасӣ дар натиҷаи аз волидайн дур мондан, тарбияи нодуруст, дар замири ноболиғону ҷавонон тарсу воҳима пайдо мегардад. Инчунин маводи электронӣ, намоиши филмҳои вахшу зуроварӣ низ яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани тарсу воҳима дар зеҳни ноболиғону ҷавонон буда метавонинд. Сабабҳои дигари ба вуҷудоии омили мазкур бошанд чунин муайян карда шуданд:

- бемории вазнини волидайн ва наздикон;
- ҳолатҳои низоъҳои оилавӣ;
- муҳити кӯча ва паҳн намудани овозаҳои тарсу ваҳми савдоӣ, талқини ифродгароӣ;
- таассуроти тарсу воҳима ва савдоият аз ташриф ба маросимҳои динӣ ва дигар чорабиниҳое, ки дар онҳо танҳо калонсолон ширкат доранд.(одатҳои гурӯҳҳои муташакили ҷиноятӣ, ки боиси ифротгароӣ мегарданд, аз қабили дар шуури ноболиғон ва ҷавонон ҷой додани ғояҳои ифротгароӣ).

Тарсу воҳима ва савдоият боиси он мегардад, ки ноболиғону ҷавонон бинобар сабаби паст будани маърифати ҳуқуқӣ ва динӣ даст ба ҷинояткорӣ мезананд.

**2. Монеъаҳои низоми ҳаракатнокӣ**. Дар ҳаракату рафтори ноболиғону ҷавонон дар натиҷаи тарбия як меъёри муайяни низом ба вуҷуд меояд, аммо чӣ тавре, ки педагогҳо ва психологҳо мушоҳида намудаанд, дар байни ноболиғону ҷавонон як қатор меъёрҳои вайрон намудани низоми ҳаракатнокӣ низ ба назар мерасад. Ин дар бетоқатӣ, дар як ҷо нишаста натавонистан, зудҳаракатии бенизом, паридану ҷаҳидан, дасту пои худро ба ҳар тараф бе низом равона сохтан, бедиққатона рафтор намудан, шикастани предметҳои гирду атроф ва ғайра ба назар мерасанд.

Дар баробари монеъаҳои низоми ҳаракатнокӣ ноустувории эмотсионалӣ, майлони хашмгинӣ ва низоъҷӯӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар маҷмӯъ боиси вайрон гаштани интизоми ноболиғон мегардад.

**3. Ноқисии нутқ.** Яке аз ноқисҳое, ки дар ноболиғон пайдо шуда, минбаъд инкишоф меёбад, ин ноқисии нутқи онҳо ба шумор меравад. Аз рӯи хусусиятҳои худ вай вайроншавии нутқро дар назар дорад, ки дар натиҷаи кашиши мушакҳо ба вуҷуд омада, кутоҳмуддат буда, ба баён кардани фикр ба ноболиғ монеъа эҷод менамояд.

Омилҳои психологии пайдоиши ноқисии нутқ инҳо мебошанд:

- тарс;
- кӯчидан ба дигар ҷои истиқомат;
- воридшавӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ;
- вайроншавии муносибатҳои иҷтимоии пешина;
- ҷанҷолҳои оилавӣ.

Педагогҳо, психологҳо ва умуман субъектони тарбияро лозим аст, ки нисбати ноболиғон муносибати инфиродӣ барқарор намуда, ноқисии нутқро пешгирӣ намоянд, дар ҳолати баръакс нуқсони мазкурто синни калонсолӣ низ боқӣ мемонад. Аз рӯи омӯзиш ва таҷрибаи психологҳо дар сину соли калонсолӣ ноқисии нутқи ноболиғон дар натиҷаи тарбияи дуруст аз байн меравад.

**4.Оворагардӣ.** Тадқиқотҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки солҳои охир оворагардӣ аз ҳисоби ноболиғон зиёд шуда истодааст, ки сабабҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии худро дорад. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тарбияи нодуруст дар оила, муҳоҷирати меҳнатӣ, камбизоатӣ, кори сусти муассисаҳои томактабӣ ва дигар сабабҳои иҷтимоӣ боиси он мегарданд, ки оворагардӣ аз ҳисоби ноболиғон афзоиш ёбад. Гарчанде, ки Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуни байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистондар ин самт чораҳои зарурӣ меандешанд, вале то ҳолба пуррагӣ пеши роҳи масъалаи мазкур гирифта нашудааст. Оворагардӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии ҷомеа буда, метавонад дар ташаккулёбии қобилият ва истеъдоди ноболиғону ҷавонон таъсири манфии худро расонад. Сабаб ва омилҳои психологии оворагардӣ таҳлили амиқи илмӣ-амалиро талаб менамоянд. Оворагардӣ дар байни ноболиғон асосан дар байни писарбачаҳо аз синни 7-солагӣ ва аз он ҳам барвақтар оғоз шуда, баъзан то 13-солагӣ ва баъдан то 16-солагӣ идома меёбанд.

Сабабҳои психологии оворагардӣ:

1. Қаҳр кардан аз сарзаниши волидайн, омӯзгорон ва дигар субъектони тарби;
2. Тарси таъсири ҷисмонӣ расонидан аз ҷониби волидайн, омӯзгорон ва мураббӣ;
3. Бе омилҳои мавҷудаи психологӣ;
4. Табъи хираи ноболиғ, ки муҳити берунаро ба таври танқидӣ қабул менамояд.

Оворагардӣ яку якбора, ногаҳонӣ аз ҷониби ноболиғон рӯй медиҳад, ки дарҳол пеши роҳи онҳоро гирифтан ғайриимкон мегардад. Бинобар ин коршиносони соҳа, алалхусус кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми муносибат бо ноболиғону ҷавонон ин ҷиҳатро ба назари эътибор гиранд, ки оворагардӣ аз ҷониби ноболиғон бевосита хусусиятҳои психологии худро дошта, ҳангоми оворагардӣ рафтори худро ноболиғону ҷавонон дуруст маънидод намуда, худро «ҳақ» мешуморанд, вале ин каҷрафторӣ, аз ҷониби дигар оворагардон низ дастгирӣ карда мешавад. Дар бораи амали оворагардӣ аз ҷониби ноболиғон ба таври пешакӣ «Қарори тайёр» қабул менамоянд. Дар амалҳои оворагардӣ ноболиғон зуҳуроти зуроварӣ нишон медиҳанд. Амали оворагардӣ аз ҷониби ноболиғон дар танҳоӣ бароварда мешавад, ки барои он ноболиғ фикри бисёр намекунад. Ноболиғон масофаҳои зиёдеро тай карда, бештар ба сӯи шаҳрҳо мешитобанд, онҳо дар нуқтаҳои мусофиркашонӣ, таҳхонаҳо, бомҳо, хиёбонҳою кӯчаҳо, истгоҳҳо ба таври пинҳонӣ шабро рӯз карда, асосан аз ҳисоби талбандагӣ, аз партобҳо, бозорҳо, нуқтаҳои серодам хӯрокҳои пастсифатро истеъмол карда, аксаран ба бемориҳо гирифтор мешаванд ва дар бисёр ҳолатҳо гуруснагӣ ҳам мекашанд. Ҳангоми дастгир шудан аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хастагию беморӣ ва гуруснагиро изҳор менамоянд. Қисме аз ноболиғон, ки корҳои вазнини ҷисмониро дар бозору коргоҳҳо барои рӯзгузаронӣ иҷро менамоянд, худро «гуё хушҳол» медонад, аммо дар натиҷаи муоинаи духтурон маълум карда мешавад, ки онҳо ҷисман ва рӯҳан дар ҳолати хастагӣ қарор доранд.

**5. Хаёлпарастии патологӣ.** Ин асрор дар ноболиғон хело барвақт пайдо мешавад. Вобаста ба сину соли

ноболиғ тахайюли ноболиғ инкишоф меёбад. Дар синни кӯдакӣ вай бо хаёлпарастии патологии сафарҳои кишварҳои дур маҳдуд карда мешавад, ки вай бо манзараҳои аҷоибу ғароиб, олами ҳайвонот, ки аз афсонаҳо шунидааст ё аз китобҳо мутолиа намудааст, ошноӣ пайдо мекунад.

Баъзан ҳолат хаёлпарастӣ ба ҳаяҷон, зӯроварӣ, шаҳватпарастӣ низ оварда мерасонад. Агар тарбияи ҷинсӣ аз ҳисоби педагогҳо ва волидайн нисбати ноболиғону ҷавонон дуруст гузаронида нашавад, боиси нодуруст инкишоф ёфтани онҳо мегардад. Махсусан бисёр бачаҳо дар бораи иштирок дар дуздӣ, ғоратгарӣ, дуздии автомобилҳо, аъзои дастаҳои ҷинояткорӣ шудан, бо шавқу завқи зиёде нақл менамоянд, ки агар пеши роҳи онҳо гирифта нашавад, ба оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад. Ноболиғони сину соли миёна ва калон, дар натиҷаи шунидани фитаҳои баромадҳои рӯҳониён, филмҳои хусусияти тарғиботи динӣ-фалсафӣ дошта, ба буҳрони маънавӣ дучор мегарданд, ки агар педагогҳо ва волидайн бармаҳал онҳоро аз ин ҳолат берун наоранд, боиси бемориҳои рӯҳӣ гаштанашон мумкин аст.

**6. Тарс аз номукаммалиичисмонӣ.** Ин намуди тарс дар байни ноболиғон айёми ба балоғатрасӣ махсусан дар байни духтарон паҳн гаштааст.

Номукаммалии ҷисмонӣ дар байни духтарон аз рӯи гуё бинии онҳо аз андоза калон ё борик, лабҳои калон, гӯшҳои калон ва безеб, китфҳои майда, харобӣ ё фарбеҳии аз андоза зиёд, пойҳои борик ва дигар андомҳои ҷисмонӣ ба назар мерасад. Инҳоро духтарҳо бо эҳсосоту дарди рӯҳӣ аз сар мегузаронанд, ки ба онҳо таъсири манфии худро мерасонад. Духтарҳо бештар ба оина нигоҳ мекунанд ва дар худ камбудиҳои нав ба нав пайдо менамоянд. Аз ҳамсолони худ дурӣ ҷуста, дар танҳоӣ бештар вақт мегузаронанд.

Ин номукаммалии ҷисмонӣ аз ҷониби духтарон ҳамчун хайёли патологӣ ба вуҷуд меояд, ки ин ягон асоси ҷисмонӣ надорад. Аксаран онҳо ба духтури косметолог муроҷиат менамоянд, ки ин роҳи ҳалли масъала нест, баръакс онҳо бояд ба духтури рӯҳшинос (психотерапевт) ё педагог муроҷиат намоянд ва ин ҳолат тадриҷан бо воситаи талқин (гипноз) ва суҳбати инфиродӣ бартараф мегардад. Дар ҳолати бартараф нашудан, мумкин аст ноболиғон ба доми гурӯҳҳои ифротӣ ва ҷинояткор афтида, ин гурӯҳҳои ҷинояткор маблағи калон ҷудо карда, дар онҳо ҷарроҳӣ гузаронида ва минбаъд онҳоро ба манфиатҳои нопоки худ истифода баранд. Аксаран ин ба ҳолатҳои хатарноки худкушӣ низ оварда мерасонад, ки «гуё вай дар он дунё, соҳиби ҳусну ҷамолӣ зебо хоҳад гардид».

**7. Шуғлҳои потологӣ.** Солҳои охир дар байни ноболиғон , шуғлҳои потологӣ хеле афзун ёфтааст. Ин соатҳои дароз бо телефони мобилӣ, компютер ва интернет муошират намудан, ки бемории «Инфомания»)*-ро ба вуҷуд оварда боиси бехобӣ, хушунат, стресс, беиштиҳоӣ, лоғарӣ ва дигар бемориҳои ҷисмию рӯҳи мегардад. Баъзе ноболиғони дигар ба олами ҳайвонот фурӯ рафта, бештари вақти худро бо парвариши гурбаҳо, сагҳо, паррандаҳо, моҳичаҳо гузаронида аз таълим ва аз хондани китобҳои бадеӣ тамоман дур мегарданд, ки ин ба ҳолатҳои бармаҳал ба шикорчигии ғайриқонунӣ даст задани ноболиғон гашта, боиси нобуд кардани ҳайвоноти нодир ҳам мегардад. Ба сифати шуғлҳои потологӣ бозиҳои бардавомӣ компютерӣ, қартабозӣ, бозиҳои шавқангези аз варзиш дур низ дохил мешаванд, ки ноболиғро бармаҳал ба олами калонсолон «ба олами ҷинояткорӣ» тела дода, оқибатҳои ногувор ба вуҷуд меоранд. Психологҳо ба шуғли патологӣҷамъ кардани суратҳои урён, тамошои видеофилмҳои ваҳшу зӯроварӣ, зӯроварии ҷинсиро низ ворид кардаанд, ки тафаккур ва рӯҳи ноболиғро носолим мегардонад.

**8.Истеъмоли тамоку, воситаҳои нашъадор, машруботи спиртӣ.** Мувофиқи маълумоти оморӣ ва криминологии ҷаҳон дар бозори сиёҳ гардиши маводи нашъадор ҷои якум, тамоку ва маҳсулоти он дар ҷои дуюм ва машруботи спиртӣ дар ҷои сеюм меистанд. Дар байни ноболиғон ва ҷавонон мувофиқи мушоҳидаҳои психологҳо истеъмоли тамоку, воситаҳои нашъадор ба машруботи спиртӣ мутаасифона бисёр ба назар мерасад.

Кашидани тамоку дар байни ноболиғон ва ҷавонон аз рӯи ҳавою ҳавас, бо талқини калонсолон, дар натиҷаи тамошои филмҳои ба ноболиғон хос набуда дар муҳити иҷтимоӣ рӯй медиҳад. Педагогҳо психологҳо ва кормандони кор бо ноболиғон ва ҷавонон бояд хусусиятҳои психологии бо тамокукашӣ даст задани ноболиғонро ба таври пурра донанд. Ноболиғонва ҷавонон аз сабаби надонистани зарари тамоку, беназоратии волидайн, омӯзгорон ва аҳли ҷамоатчигӣ ба тамокукашӣ даст мезананд ва гӯё бо ин амалашон худро «калонсол» меҳисобанд. Ҳангоми кашидани тамоку қобилияти ба гурӯҳ ҷалб шудан, муошират намудан, худро соҳиби обрӯ шумоਰидан дар онҳо ташаккул меёбад, ки минбаъд онҳоро гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба манфиатҳои худ истифода мебаранд ва ин одати зараровар дар айёми наврасӣ сарчашмаи ҳуқуқвайронкунии ноболиғон мегардад. Барои харидани тамоку ноболиғ волидайнро фиреб медиҳад, аз ноболиғи дигар қарз мегирад ва ба дуздӣ даст мезанад ё ба олами калонсолон барои ёрмандӣ ворид мегардад. Ба он нигоҳ накарда, ки дар ноболиғон дар аввали кашидани тамоку сулфа, дилбеҳузурӣ, чархзании сар ва дигар ҳолатҳо руй медиҳад, лекин пай дар пай дар ноболиғ он одати зараровар ташаккул меёбад. Зарари тамоку ба ноболиғ на танҳо барои саломатии ӯ (аз 1то 4% никотини дар таркиби тамоку), балки ба муҳити иҷтимоӣ, ташаккули шахсият, рафтору кирдори ӯ низ таъсиррасон мебошад, ки хонишаш суст, хотирпарешон ва ба ҳар гуна ваъдаҳои пучи ба ном бародарони калонсолаш бовар карданӣ мешавад. Вобастагӣ ба тамоку мисли нашъамандӣ мебошад, яъне ҳамчун рефлекси шартӣ ба он одат намуда, оҳиста-оҳиста он ба ҷони худ, рафтору кирдор ва рӯҳияи худ зарари манфӣ мерасонад. Миқдори никотине, ки дар таркиби тамоку вуҷуд дорад дар бадани ноболиғ дар натиҷаи тамокукашӣ вобастагӣ аз никотинро ба вуҷуд оварда, зарари он ба саломатии ноболиғ, ки дар айёми нашъунамо мебошад, хеле зиёновар мебошад. Табибон барои санҷидани зарари никотин озмоиш гузарониданд ва миқдори никотинро ба сӯзандору гузаронида аспро сӯзандору гузаронидаанд, ки дар натиҷаи он аз таъсири никотин асп ҳалок гаштааст. Худ қазоват намоед, ки чи гуна зарари никотин марговар мебошад, ки аз 1 то 4% он дар маҳсулоти тамоку мавҷуд мебошад. Тамокукашӣ аз тарафи ноболиғон ба се давра ҷудо мешавад.

**Давраи якум**, аз кашидани 1-2 дона тамоку оғоз гашта,бо таъсири никотини таркиби он ба 10-15 дона тамоку (сигор) мерасад. Ноболиғ бо кашидани тамоку чунин фикр мекунад, ки бо кашидани тамоку гӯё табъи вай болида гашта, самаранокии кори вай афзун мегардад, вале вай комилан хато намуда, дарк намекунад, ки дар синни 14 солагӣ ин амал ӯро пурра мубталои тамоку мегардонад, ки аз ин одати бад ӯ дигар даст кашида наметавонад.

**Давраи дуюм,** тамокукашӣ шуғли бардавоми вобастагии рӯҳии ноболиғро ба вуҷуд меорад. Ҳангоме, ки вай тамоку накашад дар вай ҳолати ногувори рӯҳӣ, норозигӣ, асабоният ба вуҷуд омада, бо кашидани тамоку ин ҳолат гӯё бартараф мешавад. Дар ин давра мутобиқшавии бадани ноболиғ ба никотин ба ваҷуд меояд, ки миқдори кашидани тамоку ба 20-25 дона (сигор) мерасад, ки ин аллакай мубталои никотин шуданро мефаҳмонад. Дар ин давра дар ноболиғ бемориҳои

илтиҳоби шуш, илтиҳоби меъда, минбаъд захми меъда, бемории қалб, пасту баландшавии фишори хун ва ғайра ба вуҷуд омада, минбаъд хусусияти мумзинмегиранд. Ин давра аз 5 то 15 сол давом менамояд.

**Давраи сеюм,** Ҳамчун давраи мушкил ва бӯҳронии вобастагӣ аз никотин маънидод карда мешавад. Миқдори кашидани тамоку рӯз аз рӯз меафзояд, ки инро ноболиғ ҳамчун ҳодисаи муқаррарӣ баҳо медиҳад. Таъсири манфии никотин дар бадани ноболиғ афзуда, агар ба вай фаҳмониданӣ шаванд, ки тамоку боиси бемориҳои дар бадани ӯ гаштааст, ба ин бовар накарда, худро асабоният нишон медиҳад. Тарғиботи зидди тамокуро дар байни ноболиғон барвақт аз синни хурди мактабӣ оғоз кардан лозим аст. Ба кори тарғиботии зидди тамоку на танҳо омӯзгорон, волидайн, кармандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки тамоми аҳли ҷамоатчигӣ бояд сафарбар карда шаванд. Ба ин кори муфид инчунин васоити ахбори оммаро низ сафарбар намудан лозим аст. Пешгирии одати зарароварӣ тамокукашӣ дар байни ноболиғон кафили солимии генафонди миллат ба шумор меравад.

**Истеъмоли машруботи спиртӣ**дар байни ноболиғон яке аз проблемаҳои муҳими ичтимоӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳои олимон нишон медиҳанд, ки бо таъсири бо ном «бародарони калонсол» яъне талабагони синфҳои болоӣ хеле бармаҳал ба истеъмоли нӯшокиҳоӣ спиртӣ даст мезананд, яъне аз синни 10-14 солагӣ, ки ба саломатии ноболиғон хеле зарари калон дорад. Нӯшидани машруботи спиртӣ дар рӯзҳои ид, ҷашни зодрӯз, тӯйҳо ва дигар маросимҳо оғоз мегардад, ки ноболиғ мехоҳад, пинҳонӣ машруботи спиртиро чашад. Ин чашидан аксар дар гурӯҳи ноболиғон бо таъсири шахсони синну соли калонтар, ки аллакай тачриба доранд оғоз мегардад. Аввал ноболиғон аз нӯшокиҳое, ки миқдори спирташон камтаранд, ба мисли пиво оғоз карда, сипас ба нӯшокиҳои сахттаъсир, арақ, коняк, виски, ром ва дигар намудҳои он мегузаранд, ки бармаҳал вобастагии алкоголиро дар бадани ноболиғон ба вуҷуд меорад. Миқдори алкогол дар натиҷаи истеъмоли пайдарпай ба хуни ноболиғ гузашта, вай дар синни бармаҳал ба нушидани намудҳои гуногуни машруботи спиртӣ мубтало мегардад. Дар синни 15-17 солагӣ ба таври мунтазам кашидани сигор ва нушидани машруботи спиртӣ ба амал омада, ноболиғ худро соҳиби «обрӯ» ва калонсолу мустақил мешуморад. Аксари ноболиғон бо нушидани машруботи спиртӣ дилбеҳузурӣ, нороҳатӣ эҳсос менамоянд, танҳо 24% онҳо қаноатмандӣ ва хушҳолӣ эҳсос менамоянд. Дар натиҷаи пайваста нушидани машруботи спиртӣ дар ноболиғ заҳролудшавӣ аз машруботи спиртӣ ба вуҷуд омада, сипас майзадагии (алкоголизми) бармаҳал пайдо мешавад, ки табобати он хело мушкил мебошад. Барои майзадагии бармаҳали ноболиғон шароитҳои иҷтимоӣ - маишӣ сабаб мешаванд, асосан нушидани машруботи спиртӣ дар оилаҳое, ки худашон ба истеъмоли он машғуланд дар синни 9-солагӣ оғоз гардида, то синни 15- солагӣ хусусияти устувор мегирад. Аксаран аз сабаби бадахлоқии баъзе аз волидайн писарбачаҳои ноболиғ ба нушидани машруботи спиртӣ даст мезананд, ки аз носолимии оила дарак дода, боиси бадахлоқ шудани писароне, ки гуё ба ҳаёти калонсолон ворид мешаванд, мегардад. Дар натиҷаи нушидани машруботи спиртӣ 90% ноболиғон ба ҳолати мастӣ дучор мегарданд, ки сабаби асосии ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби онҳо ва ҳатто содир шудани ҷиноятҳо мегардад. Аксаран дар ҳолати мастӣҷиноятҳои вазнин аз қабили куштор ва амсоли ин, ки бо нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ ноболиғон ба ҳолати «аффект» дучор мегарданд, бо олотҳои гуногун ин ҷиноятҳои вазнинро содир менамоянд. Вобастагии ноболиғ аз машруботи спиртӣ ба майзадагии бармаҳал оварда расонида, давраҳои зеринро дар бар мегирад:

Давраи якум - мутобиқшавии ибтидоӣ бо машруботи спиртӣ;

Давраи дуюм - аз худ намудани рафтори зери таъсири машруботи спиртӣ;

Даври сеюм - вобастагии психологӣ аз машруботи спиртӣ;

Давраи чорум - вобастагии ҷисмонӣ аз машруботи спиртӣ.

Агар пеши роҳи истеъмоли шароб ва дигар маҳсулоти спиртдор сари вақт тавассути кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, волидайн, омӯзгорон, аҳли ҷамоатчигӣ, духтурон гирифта нашавад, боиси оқибатҳои хеле ногувор, содиршавии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мегардад, ки албатта пешгирии он дар якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ бояд амалӣ карда шавад.

Яке аз проблемаҳои дигари муҳим дар байни ноболиғонваҷавонон ин солҳои охир авҷ гирифтани нашъамандӣ ва аз истеъмолӣ он бармаҳал аз ҳаёт маҳрум гардидани онҳо ба шумор меравад. Ба масъалаи мубориза зидди нашъамандӣ Асосгузори сулу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонмуҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии назорати моводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, аҳли ҷамоатчигӣ мубориза беамон мебаранд, аммо мутаасифона ин вабои аср то ҳол дар байни ноболиғон ва ҷавонон реша давондааст. Ҳанӯз 26 январи соли 2001 сарвари давлат аз хатари ҷиддии гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор дар ҷаласаи Шӯрои амниятиҶумҳурии Тоҷикистон изтиробангезона дарак дода буданд, ки на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки тамоми аҳли ҷамоатчигӣ бар зидди чунин вабои аср бояд мубориза баранд. Махсусан ба пешгирии он дар байни ноболиғону ҷавонон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шуда буд.

Гардиши ғайриқонунии моводи нашъадор дар байни ноболиғон ва ҷавонон, истеъмоли он ба нестшавии генофонди миллат оварда расонида, ин аз як тараф ноболиғон ва ҷавононро ба ҳалокат расонида, аз тарафи дигар онҳо зери таъсири моводи нашъадор ба ҷиноятҳои вазнини террористӣ ва экстремистӣ даст мезананд, ки проблемаи муҳими иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар таърихи30 ноябри соли 2007 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, тибқи он Шӯрои ҳамоҳангсозии ҷумҳуриявӣ оид ба муқобилият ва истеъмоли моводи нашъаовар амал менамояд.

Ҳамзамон бо ин , муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир боиси афзоиши бемории нашъамандӣ гардида, ба генофонди миллӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд.

Аз соли 1994 инҷониб аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии Тоҷикистон беш аз 113 тонна моводи мухаддир, аз ҷумла 34 тонна героин мусодира карда шудааст, ки инмиқдор метаонист қариб 50 миллион нафарро ба беморИИ нашъамандӣ гирифтор намояд [6, - С.34-35].

Ба ин муваффақиятҳо нигоҳ накарда, то ҳол ин проблема дар байни ноболиғону ҷавонон ҷой дорад. Мувофиқи ахбори Маркази наркологии ҷумҳурӣ беш аз 8 ҳазор нашъаманд аз ҳисоби ҷавонон ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод боиси нигаронии аҳли ҷомеа мебошад. Тибқи барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар бояд самтҳои зерин амалӣ гардонида шаванд:

- чорабиниҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ оид ба муқовимати суистифодаи моводи нашъаовар;

- профилактикаи суистифодаи моводи нашъадор;

- табобат ва офиятбахшӣ ба беморони гирифтори нашъамандӣ;

- мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор.

Махсусан кормандони мубориза алайҳи маводи нашъадор, кормандони кор бо ноболиғону ҷавонон, омӯзгорону психологҳо, духтурон, волидайн, аҳли ҷамоатчигӣ ба масъалаи пешгирии нашъамандӣ бояд таваҷҷӯҳи хос зоҳир намоянд, чунки дар бораи намудҳо ва зарари истеъмоли он бисёр гуфта шудааст, аммо муҳим ин пешгирии он ба шумор меравад.

Корҳои пешгирикунанда чандин зинаи фаъолиятро дар бар мегирад.

Пешгирии аввалин муносибати маҷмӯиро бо кӯшишҳои давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари психологҳо ҳануз дар синни 7-10 солагӣ аз ҷониби ноболиғон бо таъсири гурӯҳи нашъамандон ошноӣ бо тамоку, машрубот ва моддаҳои нашъадор оғоз мегардад, ки ин хатари ҷиддӣ дорад. Бинобар ин бояд шахсонимасъул дар синни 7-10 солагӣ назоратро аз болои кӯдакон чӣ дар мактаб, чӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар оила, маҳалла зиёд намоянд. Дар ин самт омӯзиш ва баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд» аз ҷониби омӯзгорон, кормандони кор бо ноболиғон, фаъолони маҳалла хеле зарур аст, ки масъулияти кӯдаконро афзуда, аз амалҳои зиёновар онҳоро канорагирӣ намоянд.

Давраи дуюм, ин синни 11-15 солагӣ мебошад, ки дорои хусусиятҳои психологии бо худ хос дорад, ки ноболиғ мехоҳад обрӯи худ, бартарии худро дар байни ноболиғон нишон диҳад ва барои ҳамин вай бо таъсири гурӯҳи нашъаманд агар ту зӯр шудан хоҳи мана ин маводи нашъадорро як чашида бин, ба ту ”зурӣ ва ҳаловат” мебахшад гуфта мубталои он мегарданд.

Давраи сеюм аз 15-17 солагӣ оғоз мегардад, ки дар ин син як қисми ноболиғону ҷавонон аллакай мубталои нашъамандӣ гашта, зери таъсири он дар синни аз 20 то 25 солагӣ аз ҳаёт маҳрум мешаванд. Махсусан дар ин айём корҳои пешгирикунандаро афзун гардонида, пеши роҳи онро бо гузаронидани суҳбат бо табибон, олимон, экспертҳо, психологҳо зиёд карда, чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзиширо густариш додан лозим аст. Махсусан дар пешгирии нашъамандӣ дар байни ноболиғон нақши падару модар хело калон мебошад, ки бояд худи онҳо аз зарари нашъамандӣ воқиф бошанд ва бо фарзандони худ корҳои пешгирикунанда гузаронида тавонанд, аз қабили суҳбат, боварикунонӣ ба талқини зарари маводи нашъадор, канорагирӣ аз муҳити ҳуқуқвайронкунандагон, сари вақт ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ иттилоъ додан дар бораи онҳо, ба варзиш ва умуман чорабиниҳои фарҳангӣ машғул гардидан ва ғайра. Аз ҷониби дигар аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд нақшаи пешгирии нашъамандӣ мураттаб карда, аз рӯи он корҳои тарбиявӣ гузаронанд. Падару модарон, омӯзгорони мактабҳои ҳамагонӣ бояд аз аҳволи ноболиғон, робитаҳои онҳо бо калонсолон огоҳӣ дошта бошанд ва онҳоро аз ашхоси истеъмолкунанди маводи нашъадор канорагирӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти олимони педагогика ва психология муайян намудаанд, ки дар байни ноболиғону ҷавонон як қатор рафторҳои бад , одатҳои зараровар ва каҷрафторӣ дар натиҷаи тарбияи нодуруст ба вуҷуд омаданашон мумкин аст. Ба ин каҷрафторӣ ва одатҳои зараровар, тарсу воҳима ва савдоият, монеаҳои низоми ҳаракатнокӣ, ноқисии нутқ, оворагардӣ, хаёлпарастии паталогӣ, тарс аз номуносибиичисмонӣ, шуғлҳои потологӣ, истеъмоли тамоку, воситаҳои нашъадор ва машруботи спиртӣ ва ниҳоят даст задан ба ҳуқуқвайронкунию ҷинояткорӣ дохил мешаванд. Вазифаи мутахассисон ва волидайн аз он иборат аст, ки бо

назардошти донистани хусусиятҳои психологии ноболиғону ҷавонон барои шуғл наварзидани онҳо ба ин одатҳои зараровару каҷрафторӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти корҳои дохилӣ чорабиниҳои пешгирикунанда гузаронанд.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013.// Қонун ва ҷомеа. Душанбе, 2013. –С .6.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аз 2.08.2011 таҳти №762.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15.07.2004 таҳти №52.
4. Ковалев О.Г., Ушатиков А.И. Криминальная психология. - М., 2007.
5. Асламов Б.С. Умаров С.Н. Пешгирии одатҳои зараровар дар байни ноболиғон ва ҷавонон (дастури методӣ). - Душанбе. 2014. – 57 с.
6. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016. С-34-35.

# САҲМИ ИМОМИ АЪЗАМ ДАР ИНКИШОФИ АФКОРИ АХЛОҚӢ ВА ТАРБИЯИ МАЪРИФАТИ ҶАВОНОН ДАР РУҲИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ

# РОЛЬ ИМОМИ АЗАМА В РАЗВИТИИ МОРАЛИ И ВОСПИТАНИИ ОБРАЗОВАНИЯ МОЛОДЕЖИ В ДУХЕ САМОСОЗНАНИЯ

# IMAM AZAM ROLE IN THE DEVELOPMENT OF MORAL EDUCATION EDUCATION AND YOUTH IN THE SPIRIT OF IDENTITY



**АСЛАМОВ Б.С.**

*муовини сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*



**ҲОМИДОВ А.С.**

*сардори кафедраи бехатарӣ аз сухтори факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*

***Аннотасия***: Дар мақолаи мазкур ҷанбаи илмии афкори ахлоқии мазҳаби ҳанафия дар дини ислом аз нигоҳи ҷаҳонбинии илмӣ тадқиқ гардида, нуқтаи муҳими афкори ахлоқии Имоми Аъзам дар инкишофи таммаддуни исломӣ, нақши таҳаммулпазирии таълимоти ахлоқии Имоми Аъзам дар тарбияи маърифати ҷавонон дар рӯҳияи хештаншиносӣ инъикос гардидааст.

***Вожаҳои калидӣ***: Имоми Аъзам, мазҳаби ҳанафия, фиқҳ, этика, тамаддуни исломӣ, таҳаммулпазирӣ, тарбияи ҷавонон.

***Аннотация***: В статье рассматриваются научные аспекты этического учения Имоми Аъзама как основоположника ханафитской исламской правовой школы, также исследуется роль этического наследия Имоми Аъзам в патриотическом воспитании молодёжи и формировании толерантности в молодёжной среде.

***Ключевые слова:*** Имоми Аъзам, ханафитская исламская правовая школа, исламское право, этика, исламская цивилизация, толерантность, воспитание молодёжи.

***Abstract:*** The article examines the scientific aspects of the ethical teachings Imomi Azam as the founder of the Hanafi school of Islamic law, and examines the role of ethical heritage Imomi Azam in the patriotic education of youth and formation of tolerance among young people.

***Keywords:*** Imomi Azam, an Islamic Hanafi legal school, is-Islamic law, ethics, Islamic civilization, tolerance, education of youth.

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибати давлат ба арзишҳои фарҳангӣ-динӣ комилан тағйир ёфт. Дар давлати демократӣ давлат озодии дину эътиқодро кафолат медиҳад, вале ин маънои онро надорад,ки давлат хусусияти дунявии худро гум кунад, баръакс арзишҳои динӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳими фарҳанг шинохта шуда, аз тарафи давлат барои инкишофи арзишҳои диннии сунатӣ шароиту имкониятҳои нав муҳайё карда мешавад. Бо ҳамин роҳ давлат ҷавононро аз зуҳуротҳои идеологии экстремистӣ ҳимоя намуда, фазои поку ноолудаи шуури динӣ, маърифати динӣ ва дигар намудҳои гуногунандешагиро таъмин месозад. Аммо сотсиологҳо ва фарҳангшиносон ба хулосае омаданд, ки маърифати динӣ агар дурӯст омӯхта ва истифода бурда шавад, ин заминаи устувори инкишофи давлатдорӣ мегардад. Ба ин нигоҳ накарда, шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои экстремистӣ яке аз проблемҳои мубрами ҷомеаи имрӯза гаштааст,

Бояд иқрор шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои (мусулмон) пайрави дини мубини ислом мартабаи хеле баландро доро аст ва ба арзишҳои дини мубини ислом архгузории баланд менамояд. Мисоли бархастаи он бо супориши Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои милллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тарҷума ва нашри китоби муқаддаси мусулмонон «Қуръон», ободу тармима оромгоҳи Мир-Саид Алии Ҳамадонӣ, маконҳои муқаддаси исломӣ, зиёд намудани намудани шумораи зиёратгарон ба ҷойҳои муқаддаси тамаддуни ислом,ба руйхати 500-бонуфузтарин мусулмонони ҷаҳонӣ пазируфтани Эмомалӣ Раҳмон ва ғайра ба шумор мераванд.

Яке аз иқдомҳои неки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ\-Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ин соли 2009-ро эълон намудани соли бузургдошти яке аз фақеҳони барҷастаи дини мубини ислом Имоми Аъзам Абӯҳанифа мебошад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон пайрави ин мазҳаби ҳанафӣ (аз номи асосгузораш) мебошанд.

Ба ақидаи татқиқотчии қазоқ Онлашева Ж.О. давлати дунявӣ бояд хусусияти дунявии худро нигоҳ дорад, хизматчии давлатӣ низ инро бояд донад, лекин ҷудо будани давлат аз дин ин маънои инкор кардани онро надорад [1].

Шахсияти Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо дар ҷаҳони ислом, балки дар илмҳои этика, эстетика,таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ баръало маълуму равшан аст. Дар илми этика тамоми андешаҳои ахлоқии ин донишманди ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Андеша ва афкори ахлоқии Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо барои мусулмон, балки барои тамоми аҳли башар хизмат менмояд. А.Муҳамадхоҷаев дар мақолаи худ «Таҳаммулпазирӣ (мадоро) дар мазҳаби Абуҳанифа» менависад;

«Аз аёми ҷавонӣ Имоми Аъзам ба омӯзиши улуми замонаш мепардозад .Албатта қабл аз ҳама вай Қуръону ҳадис ва мувофиқи талаботи таълимӣ ҳамонвақта ба аз бар кардани сарфу навҳ, илми тиб, илми усул, илми мунозира, фалсафа ва одоб оғоз мекунад»[2].

Чи тавре, ки ба назар мерасад, Имоми Аъзам дар баробари дигар илмҳо илми этикаро низ ҳанӯз дар ҷавонӣ пурра аз худ намуда будааст. Дар бораи андешаҳои ахлоқии Имоми Аъзам сарчашмаҳои гуногун маълумот медиҳанд, ки ҳатто пайравони дигар мазҳабҳои сунӣ аз ҷумла Имом Шофеъӣ ва Имом Малик низ дар имон ва ахлоқи исломӣ ва инсонӣ устувории ӯро таъкид кардаанд, аз ҷумла изҳори назарест.ки «Имом Шофеъӣ мефармоянд»;

- Як бор аз Имом Молик пурсида шуд;

- Оё Имом Абӯҳанифа (Рахматуллои алайҳ)-ро дидаӣ?

Гуфт; - Оре, чунин марде буд, ки агар бо ту дар мавриди ин сутун

сӯҳбат мекард, ки ин тиллоӣ аст, албатта бо ҳуҷҷат собит мекард.

Имом Шофеъӣ мефармояд;

-Мардум ҳамагӣ дар фиқҳ айёли Имом Абӯҳанифа (Раҳматуллои алайҳ) анд».

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи «Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо» саҳми Имоми Аъзам Абуҳанифаро дар этикаи таҳаммулпазирӣ хеле бузург ҳисобида менависад: «Ӯ мазҳаби фиқҳиеро поягузорӣ намуд, ки рафъи низои тамаддунҳо дар чорчеби шаръии инкишофи тамаддуни умумиисломӣ осон гардонд. Маҳз таҳаммулпазирии мазҳаби ҳанаифӣ нисбат ба гуногун-шаклии фарҳангҳо ва тамаддунҳо халқҳои зиёдеро дар чорчубаи ислом нигоҳ дошта қаламрави нуфузи онро васеъ намуд»[3].

Афкори ахлоқии Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар этикаи амалии ин Имоми машҳур ба назар мерасид, ки борҳо аз тарафи муҳақиқон тадқиқ ва баррасӣ гаштааст. Соли 2009- эълон шудани соли бузургдошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри боз ҳам чуқуртар омӯхтан ва ба ҳамагон пешниҳоди афкори ҳуқуқӣ ва ахлоқии донишманд роҳи нав кушод. Дар конфронси ҷумҳуриявии соли бузургдошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки олимону зиёиён осори Имоми Аъзам Абӯҳанифа, яъне ҳам осори ҳуқуқӣ, фалсафӣ ва ахлоқии вайро ба таври оммафаҳм бо забони шевои тоҷикӣ пешниҳод намоянд, ки мардуми тоҷик,алалхусус ҷавонон ба маънавёти хеш, ки асоси пойдории миллат аст аз наздик ошноӣ пайдо намоянд. Вақте, ки ба афкори ахлоқии Имоми Аъзам Абӯҳанифа бо андеша назар меандӯзем, эҳсос менамоем, ки ин марди бузург ҳар як қадаму рафтораш намунаи беҳтари ахлоқи нек аст. Васлии Самарқандӣ дар «Алкалому-л-афҳам фи маноқиби Имоми Аъзам» менависад, ки Имоми Аъзам Абӯҳанифа ба дараҷае хоксор, суфӣ ва гӯшашин буданд, ки вай дар аввал ҳатто мардумро ба мазҳаби худ даъват намекарданд ва ба ногоҳ Пайғамбар алайҳи саламро хоб мебинад, ки аз ӯ даъват меоранд, ки Худо Шуморо барои равнақи сунихои ман офаридааст, аз гӯшанишинӣ даст каш ва мардумро ба мазҳаби худ ҷалб намоед.

Маҳз ин хоби Имоми Аъзам Абӯҳанифа боиси он гашт, ки ӯ маҳзаби хешро дар байни халқ тарғиб кунад ва тарафдорони зиёде пайдо намояд [4]. Имрӯз дар саросари олам, низ аксари мусулмонон дар кишварҳои гуногун пайрави маҳзаби Ҳанафӣ мебошанд, ки ин боиси ифтихор ва сарбаландии мост ва ҷавонони Тоҷикистон бояд маҳз дар рӯҳияи хештанши-
носӣ,ватандӯстӣ,таҳаммулпазирӣ ,муқовимат ба ҳар гуна зуҳуроти ифротгароӣ тарбия ёбанд.

Яке аз сифатҳои баланди Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар он буд, ки танҳо аз меҳнати дастранҷи худ зиндагӣ мекард. Имоми Аъзам дар овони ҷавонӣ ба савдо машғул буд ва рӯзе ҳазрати Имоми Шаъбӣ дар бозор бо ӯ вохерда даъват ба сӯи илм менамояд ва пешгуӣ мекунад, ки оянда олими бузург ва ориф хоҳӣ гашт. Ин сабаб шуд, ки Имоми Аъзам савдоро тарк кард ва дар роҳи илм қадам ниҳод. Пешгӯии Имоми Шаъбӣ рост баромад ва дар ҳақиқат Имоми Аъзам ориф ва олими бузург гашт. Вай дар аввал илми каломро (Калом - фалсфаи дини ислом буда, асри VIII пайдо шудааст. Асосгузори он Муҳаммад Ғаззолӣ (1058-1111) мебошад, аз худ менамояд ва баъд аз калом дурӣ ҷуста,ба омӯзиши илмҳои тафсир, ҳадис, шеър ва этика мепайвандад .

Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо дар гуфтор, балки дар кирдораш паҳрезгор буд ба чизҳои бемаврид гӯш намедод, доимо фикр мекард кӯтоҳбаён буд.

Дар васиятҳои Имоми Аъзам асосан ба шогирдонаш Абӯюсуф Яъқуб, Ибни Иброҳими Ансорӣ, Ҳомид Ибни Самтии Басрӣ, фарзандаш Ҳоммод

асосан афкори ахлоқии ӯ пешниҳод шудааст.

Ин васиятҳои ахлоқӣ аз тарафи Равшани Ҳамроҳ ва Иброҳими Наққош гирд оварда шудаанд,ки мухтасари онҳоро баён менамоем:

- Ба ҳокими вақт эҳтиром бигзор ва шахсияташро бузург шумор ва дар мазҳари ӯ аз дурӯғгуӣ бипарҳез.

- Ҳеҷ гоҳ назди ҳокими вақт пурҳарфӣ макун.

- Ҳокими вақт вазифаеро ба ту пешниҳод намояд, ки аз ӯҳдааш набароӣ қабул макун, ки ба ту зиён меорад, агар бо ҳокимон ҳамдил набошӣ.

- Бо бачаҳои рӯ ба булуғ гуфтугӯ макун, зеро онҳо фитна ҳастанд.

- Ҳеҷ гоҳ ба сари роҳ манишин ва чунон маҷбур шудӣ, берун аз манзилат нишин, дар масҷид нишин.

- Ҳеҷ гоҳ абрешим ва дигар порчаҳои қиммат напӯш ва зеварот истеъмол макун,чунки истеъмоли ингуна чизҳо туро ноздона бор меоварад ва ба такаббур во меорад.

- Дар ҳузури зан аз заифҳои дигар сӯҳбат макун,ки бо ту бетакалуф шуда, ӯ низ аз мардони бегона сӯҳбат менамояд.

- Мабодо бо ҳамсарат дар хонаи падари зан зиндагӣ кунӣ,ки молатро тассаруф хоҳанд кард, доимо чашми тамаъ ба дастоварди ту хоҳанд духт ва ҳамсарат мутобиқи майлу ахлоқи ту бо ту рафтор нахоҳад кард.

- То замон,ки мутмаъин нашудаӣ, ки метавонӣ аз ӯҳдаи тамоми мушкилоти зиндагӣ бароӣ, издивоҷ макун.

- Дар ҷавонӣ, ки хотират ором аст, илм биомӯз. Аз роҳи ҳалол мол ҷамъ кун, онгоҳ издивоҷ кун.

- Пайваста тақво пеша кун ва амонатро ба соҳибаш боз гардон.

- Мардумро ҳақир машмор ва ба онҳо эҳтиром бигзор, лекин бо онҳо аз зиёд махлут машав.

- Агар даҳ сол ҳам бидуни касбу қут монӣ, аз илм рӯй магардон, чунки илм зикри худост.

- Ба шогирдонат чунон мушфиқона рафтон кун, ки гӯё ҳар як аз ононро фарзанди худат медонӣ, зеро ин амр рағбату алоқаи онҳоро ба илм бештар хоҳад кард.

- Агар шахси олӣ ва бозорӣ бо ту мубоҳисаву мунозира кард, бо вай мубоҳиса макун, ки обрӯи туро мебарад.

Ҳангоми баён кардани ҳақ аз ҳеҷ кас парво макун ва агар чанде, ки султону ҳокими вақт бошад.

- Агар дар шаҳр ё минтақае сукунат доштӣ, ки дар он ғайр аз ту уламои дигаре низ вуҷуд дошт, худатро яккатози майдон ҷилва мадеҳ, боиси ҳаммонанди як фарде аз онон зиндагӣ ихтиёр кун, ки ту қасди ақиб задани онон ва ибрози шахсияти худро надорӣ, назди уламову машоих бештар бирав.

- Бо ҳавопарастон нишасту бархост макун, магар инки хоста бошӣ онҳоро ба сӯи дин ва сирати мустақим даъват кунӣ.

- Аз лаънат фиристодани бисёр ва дашномтирозӣ парҳез кун.

- Чунончи айберо аз ҳамсояаат мушоҳида кардӣ, онро бипӯш, зероки ин ба манзалаи амонат назди ту ва асрори мардумро фош макун.

- На пуртамаъ бош ва на дурӯғгӯ ва накасе, ки ҳарфаш мардумро парешон кунад, балки дар тамоми корҳо мурувват муроот кун.

- Қалбан ҳамеша ғанӣ бош. Аз худ ҳирсу рақбати камтаре ба дунё нишон бидеҳ.

- Ҳиммати баланд дошта бош. Чун касе, ки ҳимматаш заиф бошад, ҳамеша заминро нигоҳ кун.

- Мабодо дар маҷлиси илм аз хашму ғазаб кор бигирӣ.

- Қиссагӯиву достонсароӣ макун, чунки достонсаро ғолибан маҷбур аст дурӯғ бигуяд.

- Ту қадри ҳаркасро бишнос.

- Мардуми шарифу бошахсиятро азиз бидор.

- Уламоро таъзим кун.

- Ба мардуми овом наздик шав.

- Синаи форох ва ахлоқи хуш дошта бош.

- Либоси нав бипӯш.

- Атру хушбӯй зиёд истеъмол кун(5)

ва дигар андарзҳои муфиди ахлоқӣ, ки тадқиқоти мазкур имконият намедиҳад, ки ҳамаи онро баён намоем. Вале қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳақиқат Имоми Аъзам на танҳо олими фиқҳ, балки олими ахлоқ низ буданд. Ба гуфтаи дотсент Боймурод Шарифзода –«Шарҳи ҳоли Имоми Аъзам ҳикоят аз он дорад, ки ӯ бештар ба улуми ақлӣ ба мантиқӣ сару кор дошт ва табиист, ки як нафар фақеҳи улуми шаръӣ, ки пайваста ба таълиму тадрис сару кор дорад,мазоли узлату муроқоба ва риёзату дигар амалҳоеро,ки соликони роҳи тариқат барои расидан ба ҳақ мекунанд, надошт.

Аммо гуфтору кирдори ҳасанаи ӯ чун намунаи олии сифатҳои ботинии як нафар инсони комил ва ҳамчунин роҳу андеша ба муҳокимаю хулосаҳои мантиқию инсондӯстонааш гувоҳӣ аз машраби софи суфиён баҳрвор буданаш мекунад» [6].

Вақте, ки ба мероси Имоми Аъзам назар меафканем, он гоҳ чунин ба назар мерасад, ки ҳатто таълимотҳои ҳуқуқии он бештар ҷанбаи ахлоқӣ доранд.

Сарчашмаҳо дарак медиҳад, ки худи калимаи Ҳаниф «ироқӣ»ҳамчун Калам фаҳмида мешавад. Абӯҳанифа падари ғалам маънидод карда мешавад. Имоми Аъзам ҳақиқат падари қалами ахлоқи неки башарӣ будаанд.

Имом Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат»менависанд, ки асосгузорони мазҳаби сунӣ аз афкори Имоми Аъзам маълумоти хубе доштааст.

Ӯ шахсияти Абӯҳанифаро аз ҷумлаи «сангарнишинони тақво соликони маъно» номидаанд [7].

Дар бораи ба аҳли тассавуф пайвастани Имоми Аъзам дар байни олимон андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Чӣ тавре,ки ишора кардем ӯ ҳам ба кораш ва ҳам ба тассавуф ошноӣ дошт, вале бештар ба илми фиқҳ шуғл меварзид. Имоми Аъзам ба ҳамаи уламои аҳли калам ва тассавуф эҳтироми бениҳоят бузург мегузошт ва амалияи тариқати тассавуфро ин роҳои пок ва ноолудаи расидан ба ҳақиқати илоҳӣ мешуморид. Дар баробари ин ҳам дар калам ва ҳам дар тассавуф ӯ ахлоқи инсониро аввалиндараха мешуморид.

Имоми Аъзам ҳамчун шахсияти ориф таасубро намеписандид ва имонро асоси ахлоқи исломӣ шуморида, бахшидани гуноҳоро яке аз талаботҳои ахлоқӣ намида,бо ин роҳ тарбияро дар инкишофи ахлоқии шахс пеш мегирад.

Тарбия, эҳсону калам ин амалияи ахлоқии Имоми Аъзам ба шумор мерафт.

Бузургвор ҳатто ба шогирдони худ,ки имконияти издивоҷ надоштанд, ёрӣ расонида, онҳоро хонадор менамуд, ягон савол ва ягон ҳоҷатеро бе ҷавоб намегузошт. Аз нигоҳи эстетикӣ низ Имоми Аъзам бо пӯшидани либосҳои зебо, истифодаи атр, хӯшбӯйҳо, димо кӯлоҳи дарози сиёҳ пӯшиданро хело бонизом риоя мекарданд.

Ҷиҳати баёни нутқ, низ Имоми Аъзам ба тамоми талаботҳои эстетикии қироати Қуръон риоя менамуд, аз ҳар олудагӣ пок буд ва ин санъати суханро аз устодаш Имом Осим омӯхта буд.

Имоми Аъзам дорои ҷеҳраи зебо, қадбаланд, гандумгун,либосҳои нав ба бар карда, атри зиёд истифода мекард.

Имоми Аъзам бо қомат миёнаболо ва аз зеботарин мардум буд ва дар нутқу баён расотарину болиғтарин ва дар оҳангу садо хушовозтарин ва дар ҳуҷҷату истидлол барои чораи мақсуд нотиқтарин ва равшанбаёнтарини мардум буд.

Ҳамин тариқ, саҳми Имоми Аъзам Абӯҳанифа на танҳо дар инкишофи ҳуқуқи исломӣ, балки афкори ахлоқӣ- эстетикӣва тамаддуни исломӣ хеле бузург аст, ки то ҳоло аз тарафи муҳаққиқон ба таври пурра он тадқиқ нашудааст. Дар шароити муосири ҷаҳонишавии ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва фарҳангӣ андешаҳои ахлоқӣ ва эстетикии Имоми Аъзам Абӯҳанифа хеле муҳим буда дар бедории миллӣ, риояи одоби сунатӣ ва канорагирӣ аз ҳар гунна ҳаракату амалҳои ифротгароӣ ба миллати тоҷик бегона, ба хусус дар тарбияи ҷавонон дар рӯхияи ватандӯсию хештаншиносӣ нақши муҳими тарбиявӣ мебозад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Олашева Ж.О. Государственная служба и свобода совести / Закон и общество. № 1,2004. - С.67-71.
2. Муҳамадхоҷаев А. Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ. - Душанбе, 2009. - С.18-25.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо / Қонун ва ҷомеа, № 3,2009. - С.2.
4. Самарқандӣ, Васлӣ. Таърихи Имоми Аъзам. - Душанбе, 2002.-С. 14.
5. Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам. - Душанбе, 2008. -С. 87- 118.
6. Шарифзода Б. Имоми Аъзам ва мақоми ӯ дар олами маънавиёти Шарқ / Ҳуқуқшинос, № 27 (38),18.03.2009. - С17.
7. Ғаззолӣ А.М. Кимиёи Саодат. – Душанбе. 2008, - С. 233.

# ОСОРИ НИЁГОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

# НАСЛЕДИЕ КЛАССИКОВ КАК ИСТОЧНИК ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЁЖИ

# HERITAGE OF CLASSICS- SOURCE OF EDUCATION OF YOUTH



**ДАВЛАТШОЕВА А.Ш.**

*Сардори кафедраи забонҳои факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, полковники милитсия*

***Аннотатсия:*** дар мақола муаллиф оид ба ватандӯстӣ, ки маънои муҳаббат ба Ватан, садоқат ба арзишҳои маънавӣ, таърихи миллӣ ва фарҳангӣ, дарки амиқи манфиатҳои давлати тоҷикон, ҳисси масъулияти шахсӣ барои мустаҳкам ва таъмини истиқлолият ва тамомияти арзии он мебошад, иброз менамояд. Айни замон моро лозим меояд, ки бо истифода аз ин ганҷинаҳои маънавӣ тарбияи ватанпарастии ҷавононро дурусту оқилона ба роҳ монем, то дар оянда натиҷаҳои неку пурсамарро интизор гардем.
***Вожаҳои калидӣ:*** мерос, классика, тарбия, ҷавонон, ватандӯстӣ, сиёсати давлатӣ

***Аннотация***: В статье автор указывает на роль произведений таджикских классиков в воспитании молодёжи. Также в статье говорится о том, что воспитание молодежи в духе патриотизма является одним из основных направлений государственной политики Республики Таджикистан. Существенное место в патриотическом воспитании молодёжи занимает произведения таджикских классиков, таких как Рудаки, Авиценна, Сади, Джами и других.
***Ключевые слова:*** наследие, классика, воспитание, молодежь, патриотизм, государственная политика

***Annotation***: In article, the author indicates the role of the classics in the education of young people. The article also states that the education of youth in the spirit of patriotism is one of the main directions of state policy of the Republic of Tajikistan. Significant place in the patriotic education of young people holds the works of Tajik classics such as Rudaki, Avicenna, Sadi, Jami and others.
***Keywords***: heritage, classic, education, youth, patriotism, government policy

Тоҷикистони соҳибистиқлол баъди ба даст овардани истиқлолияти комил дар арсаи байналмилалӣ обрӯву эътибор пайдо карда, мавқеи хешро муайян намудааст ва дар назди аҳли ҷомеа вазифаҳоеро гузошт, ки иҷро намудани онҳо бахри таҳкими истиқлолият ва бақои давлату миллат аҳамияти калонеро доро мебошанд. Ба қавли Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон «Пеш аз ҳама бояд бар сари ин проблема андеша кунем, ки дар давраҳои хеле ҳассоси тезутунд шудани муносибатҳои байни абарқудратҳо барои ҷорӣ намудани низоми нави ҷаҳондорӣ, сарфи назар аз мавҷудияти ақидаҳои мухталифи сиёсиву динӣ ва ё иҷтимоӣ дар ҷомеа, мо барои ҳифзи сарвати бузургтарин ва бебаҳои худ - яьне Ватан ва истиқлолияти миллӣ муттаҳид бошем, барои ҳифзи манфиатҳои милливу давлатии худ зиракиро аз даст надиҳем»[1].

Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи таҳкими истиқлолияти давлат, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таьмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ ташкил медиҳад.

Арзишҳои умумимиллӣ ва умумидавлатии Тоҷикистон ва ҳифзи манфиятҳои он бояд аз ҳама гуна манфиятҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва гурӯҳӣ боло бошад ва пойдевори тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаро гирад.

Тарбияи ватандӯстии ҷавонон рукни асосии сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Аз ин лиҳоз ҳадафи барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватанпарастӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ мебошад.

Рамзҳои давлатӣ аломатҳое мебошанд, ки як миллатро дар байни мардуми ҷаҳон муаррифӣ менамояд. Бо рамзҳои давлатӣ мардум ба эҷодкорӣ машғул мешаванд. Бо рамзи давлатӣ дар набардҳо барои Ватани хеш ҷон медиҳанд [2]. Рамзҳои давлатӣ ифодакунандаи бойгарӣ ва бофарҳангии ҳар як миллат дониста шудаанд. Мо инро дар мисоли рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида метавонем. Омӯхтани рамзҳои давлатӣ ба наслҳои ҷавон шарт ва зарур аст,зеро худшиносии миллии мо аз донистани рамзҳои давлатиамон сар мешавад. Омӯхтани разҳои давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон аҳамияти калони тарбиявӣ, бахусус тарбияи ватанпарастӣ, хусусиятҳои худшиносии миллӣ дошта, ҷавононро ба роҳи рост ҳидоят менамояд.

Тарбияи ватандӯстӣ рукни асосии сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб мегардад. Баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон, равнақи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихории миллии онҳо дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат яке аз омилҳои таҳкиму тақвият бахшидани истиқлолият ва муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа мебошад.

Бо дарки ин нукта мақомоти роҳбарии мамлакат, пеш аз ҳама Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин ҷода тадбирҳои муҳиму мақсаднок андешида, шароити мусоид фароҳам меоварад. Агар ба баромаду суханрониҳои сарвари мамлакат бо ҷавонон таваҷҷӯҳ намоем мазмуну мӯҳтавои асосии онҳоро ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ваҳдату ягонагии мардуми Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Зимни баромади хеш Пешвои миллат таъкид намуда буданд, ки: «Ҳалли вазифаҳои мураккаби таъмини истиқлолияти воқеъии давлат имрӯз аз бисёр ҷиҳат ба эҳсоси ватандӯстии умумимиллӣ, муттаҳидии тамоми қувваҳои ҷамъият вобаста аст» [3]. Хулоса бароварда мумкин аст, ки тарбияи ватандӯстӣ тақозои замон ва яке аз самтҳои асосии сиёсати давлату Ҳукумат ба шумор меравад. Фароҳам овардани фазои мусоидаткунандаи меъёрию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстии ҷавонон яке аз омилҳои муҳиму асосии ин иқдом мебошад. Ба роҳ мондани тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстдорӣ тавассути рӯ овардан ба осори гаронмояи ниёгонамон иқдоми накӯ аст. Зеро мардуми мо дар гузашта аз фарҳанг ва забони ғанию қадима бархурдор буд, бо шеъру суханони волою сеҳрангези Абӯабдуллоҳи Рӯдакию Фирдавсӣ,

Ибни Синою Закариёи Розӣ, Саноиву Аттор, Мавлавию Саъдӣ, Ҷомӣ ва ғайра таълиму тарбия гирифта буданд. Имрӯз моро лозим аст, ки дар самти тарбияи ватанпарастӣ анъанаҳои таълимию тарбиявии пешини халқамонро аз нав эҳё созем.

Аҳамияти омӯзиши осори тарбиявии гузаштагони бузургамон аз он иборат аст, ки осори онҳо аз қабили «Пандномаи Бузургмеҳр», «Дарахти ассурик», «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Ёри дониш»-и Абулфазл Ибни Муборак, «Синдбоднома», «Тутинома», «Носеҳ», «Тухфат-ул-мулук», «Рисолаи воридот», «Анис-ул-муридин», «Манозир-ус-соирин»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, «Насиҳат-ул-мулук»-и Муҳаммад Ғазолӣ ва садҳо асарҳои ахлоқии дигар дар тули асрҳо миллионҳо одамонро чӣ дар мамолики Шарқ ва чӣ дар Ғарб дар руҳияи адлу инсоф, некию инсондустӣ ва ватандустӣ тарбия кардаанд. Имрӯз вобаста ба осори тарбиявии гузаштагонамон мо бояд кудакону ҷавононро дар руҳияи худшиносии миллӣ, ҳифзи хотираи таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳанги тарбия намоем, ки дар онҳо симои миллат, суннатҳои давлатдории миллӣ ва расму оинҳои аҷдодӣ ҳарчӣ бештар ташаккул ёбанд.

Роҳнамо сохтани ҷавонон ба шуҷоатмандиву далерӣ, дӯст доштани обу хоки диёри худ, риояи меёрҳои ҳарбӣ ҳамчун асоси ба камол расидани онҳо ва дар ин замина ривоҷ додани тарбияи ҳарбию ватанпарастӣ дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ аҳамияти беандоза касб менамояд. Тавре, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буданд: «Тарбияи ватандӯстӣ ва башардӯстӣ бояд мавқеи хоса дошта бошад, зеро танҳо шахси ватандӯст марзу бум, арзишҳои фарҳангӣ, пойдории давлат ва истиқлолияти миллии Ватани хешро ҳифз карда метавонад» [4]. Воқеъан ҳам дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон хуб ба роҳ мондани тарбияи ҳарбию ватанпарастӣ омили пешрафту рукни давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи ватандӯстӣ худ ба худ ҳал намешавад, балки ташаккулёбии он ба шароитҳои иҷтимоию иқтисодии мардум, дуруст ба роҳ мондани кори таълиму тарбиявӣ, сиёсати дурусти байни ҷавонон аз ҷониби ҷомеа вобаста аст. Тарбияии ватандӯстӣ ҳамоҳангии ақлу заковат, андеша, ғоя, эҳсос, изтироби рӯх ва рафторҳост. Бояд тамоми кори таълиму тарбияи ватанпарастӣ дар доираи маҷмӯи ақлу фаросат сурат гирад. Ин масъала алоқаи аз ҳам ҷудонашавандаи ҷомеа, оила, низоми маориф, созмонҳои ҷавононро дар бар мегирад.

Ватандӯстӣ – ин муҳаббат ба Ватан, садоқат ба арзишҳои маънавӣ, таърихи миллӣ ва фарҳангӣ, дарки амиқи манфиатҳои давлати тоҷикон, ҳисси масъулияти шахсӣ барои мустаҳкам ва таъмини истиқлолият ва тамомияти арзии он мебошад [5]. Имрӯз, ки мо бо роҳи эъмори ҷомеаи демокративу дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ҷониби фардои дурахшон равонаем, таҳкими чунин як давлату ҷомеа кори хеле мушкил ва басо заҳматталаб буда, ба нерӯи созанда ва бузурги ҷавонони соҳибистеъдод эҳтиёҷ дорад. Зеро дар амалӣ сохтани ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ нақши ҷавонон басо муассир аст ва бунёди ҷомеаи навини мо ба мавқеи фаъоли ояндабинии ҷавонон иртиботи ногусастанӣ дорад. Дар ин маврид низ ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мегӯянд: «Пешрафти ҳар кадом ҷомеаро инсонҳои дорои ғановати маънавӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ таъмин менамоянд. Ҷавонон дар миёни имрӯз ва фардои миллат занҷири пайвасткунанда мебошанд. Ҳар қадаре, ки имрӯз мо ҷавононро тайёр ку-

нем, ҳамон қадар фардои ҷомеаамон шукуфо мешавад».[6] Худшиносии миллӣ, дарки ватандорӣ, ҳаллу фасли мустақилонаи масоили иқтисодию иҷтимоӣ, бунёди чомеаи демократию ҳуқуқбунёд аз муҳимтарин рукнҳову сунатҳои даврони истиқлол аст. Воқеан, раванди таърихии марҳилаи ҳозираи ҷомеа ва дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвари соҳибистиқлоламон моро водор месозад, ки аз ҷавонони боистеъдод ҳамчун захираи аслии зеҳниву ақлонии миллат баҳри эҳёи давлати воқеии Тоҷикон ва бунёди ҳайёти наву хушбахтонаи он истифодаи босамар дошта бошем. Зеро ояндаи ҳар як миллат пеш аз ҳама ҷавонони боилму фарҳанг ва баору номуси он ҳастанд, ки бо фаъолияти созандаи хеш метавонанд пешрафти пурсамари ҷомеаро таъмин намоянд. Таъмини худшиносии миллӣ, ифтихор доштан аз мансубияти миллӣ, қарзи муқаддаси ҷавонӣ донистани манфиати ватандорӣ бояд ҳадафи рӯзгори ҳар як ҷавон маҳсуб гардад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боварӣ ба нерӯи созандаи кишвар изҳор намуд: «Итминон дорам, ки тавассути нерӯи бузурги созандаи ҷавонон иллатҳои ҷомеаро аз байн бурда, Тоҷикистонро ба хонаи умеди ҳар яки мо табдил диҳем ва ба оламиён нишон диҳем, ки мо на танҳо бо бузургону фарҳангсозони гузаштаи худ мефахрем, балки қодирем давлат, маданият, маърифат ва дастовардҳои назаррасӣ ифтихормандро барои имрӯзу фардои кишварамон ҳифз ва тарбият менамоем» [7]. Бунёди фазои қонунӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон яке аз ҳалқаҳои асосии занҷири механизми татбиқ ва пиёдасозии самараноки сиёсати давлат нисбат ба ҷавонон ба ҳисоб меравад. Сиёсати давлатии ҷавононро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори масъалаҳои муҳимтарини давлатӣ ва амнияти миллии кишвар ҳисобида вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, аз он ҷумла сатҳи донишандӯзии ҷавонон- сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, афзудани иллатҳои нашъамандӣ, гаравидан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароёнаро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дорои таъриху маданияти бою қадима будани миллати тоҷик ба ҷаҳониён маълум аст. Осори илмию адабии ҳар кадоме аз бузургони миллати мо, ки ба машҳуртарин забонҳои олам тарҷума ва нашр гардидаанд, ҷаҳониёнро ба ҳайрат овардаанд. Офаридаҳои ҳар яке аз гузаштагони бузурги миллатамон моро ба дӯстиву рафоқат, меҳру садоқат, муҳофизати ватан, ҳифзи неъматҳои табии ва инсондӯстиву сулҳпарастӣ даъват ва ҳидоят менамоянд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки миллати кӯҳанбунёди тоҷик дар ҷодаи тарбия, бахусус тарбияи ватандӯстии ҷавонон анъанаҳои некеро доро мебошад. Айни замон моро лозим меояд, ки бо истифода аз ин ганҷинаҳои маънавӣ тарбияи ватанпарастии ҷавононро дурусту оқилона ба роҳ монем, то дар оянда натиҷаҳои неку пурсамарро интизор гардем. Пайғамбари ислом дар яке аз ҳадисҳои худ мефармояд: «Чаҳор чиз саодати шахс аст: ҳамсари шоиста, фарзанди хайрхоҳ, рафиқи хуб ва рӯзӣ дар Ватан»[2, - С.34].

Имом Абуҳанифа бемуҳоббот бузургтарин тоҷики ватанхоҳу миллатдӯстест, ки умри гаронмояро ба ҳастиву бақои он бахшидааст. Ба қавли Имоми Аъзам инсон танҳо замоне метавонад дар хидмати Ватан қарор дошта бошад, ки баҳри саодати он некамале адо карда тавонад. Ин ҳамон вақт даст медиҳад, ки касби илм карда бошӣ, худро ба донишу хирад пероста намои [8].

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010».

2. Хонов А.У. Муқаддасоти Ватан. – Душанбе. 2007. – С.12.

3. Хонов А.У. Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба тарбияи ватанпарастии ҷавонон. – Душанбе. 2008. – С.23-25.

4. Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2002-2005». – Душанбе. 2002.

5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2006.

6. Қурбон Восеъ. Ваҳдат, давлат, Президент. – Душанбе. 2007. – С.20.

7. Қурбон Восеъ. Абармарди дунёи сиёсат. – Душанбе. 2001. – С.8-13.

**8.** Одинашои Саидмурод. Шаммае аз рӯзгору осор ва пирони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. – Душанбе. 2013. – С.87-88.

**ЗАРАРИ ҲАМҶИНСГАРОӢ ДАР ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ**

**ВРЕД ОДНОПОЛЫХ СВЯЗЕЙ НА МИРОВОЕ СООБЩЕСТВО**

**INJURY SAME-SEX RELATIONSHIPS ON THE WORLD COMMUNITY**



**НАҶОТОВ А.А.**

*муовин директори Муассисаи давлатии Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология*



**САИДОЛИМОВ К.С.**

*ноиби ректори Донишкадаи Исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа, номзади илмҳои филология*

***Аннотатсия***: дар мақола муаллифон омӯзиш ва таҳқиқоти тиббӣ ба мисол оварда, таъкид менамоянд, ки ҳамҷинсгароӣ ба ҷисму ҷон ва ақлу идроки инсон хатар дошта, ӯро ба зиёну зарарҳои зиёд мувоҷеҳ месозад. Ҳамҷинсгароӣ яке аз роҳҳои паҳн шудани бемориҳои ҳалокатовар ба шумор меравад, ки дар байни ҳамҷинсгароён чанд баробар болотар мебошад. Ба фикри муаллифон яке аз хатарҳои дигаре, ки ҷомеаи башариро таҳдид мекунад, зери таҳдид қарор гирифтани оилаи солиму саодатманд ва хавфи аз байн рафтани насли башарият мебошад ва принсипҳои ахлоқии оилавиро аз байн рабуда, ҳар фарди оиларо ва махсусан ояндаи фарзандонро ба бадбахтӣ хоҳад кашонид.

***Вожаҳои калидӣ***: Қуръон, ҳамҷинсгароӣ, ақл, инсон, ҷомеа, Давлат, оилаи солим, хатар

***Аннотация***: в статье речь идет о проблеме однополых связей, которые по мнению авторов являются не только проблемой физического здоровья, но и вообще самого существования нации. Авторами анализируются некоторые труды таджикских классиков а также, приводятся примеры из священной книги Коран, в которой говорится об отношении к такому роду связям.

***Ключевые слова:*** Коран, однополые связи, разум, личность, общество, государство, здоровая семья, опасность

***Annotation***:: The article deals with the issue of same-sex relations, which according to the authors are not only a problem of physical health, but also the very existence of the nation in general. The authors analyze some works of Tajik classics as well as the examples of the holy book the Koran, which says about the attitude to such kind relations.

***Keywords***: the Quran, same-sex relationships, intelligence, personality, society, state, healthy family, danger

Чун ба ҷаҳони имрӯз назар меафканем, мушоҳида мешавад, ки инсоният бо истифода аз нерӯи ақлонӣ рӯз то рӯз рушд карда, дар самту соҳаҳои гуногуни ҳаёт комёбиҳои беназирро ба даст меорад. Ин падидаи хуб аст, ки ба нафъи худи ӯст, вале дар баробари ин, фарзандони Одам ба хотири манофеи шахсӣ ва дар ғафлат мондан аз қонунҳои илоҳиву муосир, кирдорҳоеро анҷом медиҳанд, ки ба фитрати онон мухолифанд. Ин кирдорҳо ҳамон куштору ғорат, бераҳмиву бешафқатӣ, фиску фуҷур, зино ва зулму ситам нисбат ба инсонҳост. Мутафаккирони мо дар робита ба мазмуну муҳтавои оёти Қуръон ва аҳодиси набавӣ ба мо тавсия додаанд, ки:

*Ин ҷаҳон кӯҳасту феъли ту нидо,*
*Сӯйи мо ояд нидоҳоро садо…*
*Ҳар кӣ золимтар, чаҳаш пурҳавлтар,*
*Адл фармудаст: «Бадтарро батар»* [1]

(*Мавлоно*)

Яке аз мушкилот ва кирдорҳои нопоке, ки имрӯз миллатҳои оламро зери хатар қарор додаст, ин робитаи ҷинсии мард бо мард ва зан бо зан аст, ки оқибатҳои ногуворро дар пай дорад. Ҳамҷинсгароӣ амали кабеҳу зишт буда, ҳукми он дар ҳамаи адёни илоҳӣ ва махсусан оини муқаддаси Ислом ҳаром descriptor дониста шудааст. Ин амали қабеҳу мазмум аз ҷумлаи гуноҳони кабира ва бадтарин роҳи баровардани ниёзҳои ҷисмӣ ва таъмини майлҳои шаҳвонӣ мебошад. Худованд (ч.) барои ҳифзи иффат ва домани поки инсоният ба онҳо дастур медиҳад, ки ба муҳити ин амали ношоям наздик нашаванд. Майлу хоҳишҳои табиӣ ва эҳтиёҷоти ҷисмонии инсон дар вуҷуди ҳар шахс фитрию решадор мебошанд ва дини Ислом барои таъмини онҳо ва баровардани ин ниёзи табиӣ дар инсонҳо роҳҳои дуруст ва машрӯъи онро муайян намудааст. Ҳамзамон баён намудааст, ки ба роҳи ноҳақ ва ғайри табиӣ истифода кардани ғаризаи ҷинсӣ бадтарин ва зиёнбортарин роҳи баровардани ин майлу хоҳиши фитрати инсонӣ мебошад.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ офату зиёнҳои ҳамҷинсгароӣ ва ҷазои онро бо гирифторӣ ба бадтарин бемориҳои дармоннопазир мечашанд ва он ваъиди Қуръони каримро бо чашмони худ мебинанд.

Омӯзиш ва таҳқиқоти тиббӣ собит кардаанд, ки ҳамҷинсгароӣ ба ҷисму ҷон ва ақлу идроки инсон хатар дошта, ӯро ба зиёну зарарҳои зиёд мувоҷеҳ месозад. Тибқи иттилооти васоити ахбори омма, таҳқиқоти мутахассисони соҳаи тиб ва оморе, ки дар мақомоту идораҳои марбута ҷой дорад, анҷомдиҳандагони ин кирдори ношояму зишт ба бемориҳои гуногуни ҷисмӣ ва равонӣ мубтало хоҳанд гашт. Ҳамҷинсгароӣ яке аз роҳҳои паҳн шудани бемориҳои ҳалокатовар амсоли сифлис, ҳерпеси таносулӣ (herpesgenitalls), сӯзок (gonorrhea), трихомониаз (trichomoiasis), илтиҳоби пешоброҳ (urethritis) ба шумор меравад. Гузашта аз ин, интиқоли вируси СПИД, AIDS (дарҳам задани воситаҳои дифоъӣ ва муқовиматӣ дар бадани инсон), ки дар дунёи муосир аз ҷониби пизишкон хатарноктирин вирус эътироф шудааст, дар байни ҳамҷинсгароён чанд баробар болотар мебошад [2].

Яке аз хатарҳои дигаре, ки ҷомеаи башариро таҳдид мекунад, зери таҳдид қарор гирифтани оилаи солиму саодатманд ва хавфи аз байн рафтани насли башарият мебошад. Ҳангоме ки мард бо мард ва зан бо зан ниёзи ғаризаи ҷинсии худ ва шаҳваташро баро-

варда месозад, ангезаи дигаре барои барпо кардани хонадони саодатманд, ҳифзи насл ва идомаи он боқӣ намемонад. Ҳамчунин анҷом додани ин амали ношоям баъди хонадоршавӣ, принсипҳои ахлоқии оилавиро аз байн рабуда, ҳар фарди оиларо ва махсусанояндаи фарзандонро ба бадбахтӣ хоҳад кашонид.

Дар оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ зиёнҳои гуногун ва поёни бади кори ҳамҷинсгароӣ ба тафсил баён гардидааст.

Аз ҷумла, Худованд дар Қуръони карим фармудааст: «Ва Лутро (фиристодем) вақте ки ба қавми худ гуфт: «Ҳамоно, шумо он кори беҳаёеро мекунед, ки пеш аз шумо ҳеҷ кас аз оламиён онро накардааст. Оё шумо (ба қасди шаҳват) ба мардон меоед ва роҳзанӣ мекунед ва дар маҷлиси хеш кори нописандида ба амал меоред?» Пас, ҷавоби қавми ӯ ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: «Агар ту аз ростгӯён ҳастӣ, азоби Худоро пеши мо биёр!» [3].

Ва боз омадааст: «Ва Лутро (фиристодем), чун ба қавми худ гуфт: «Оё дидаву дониста кори беҳаёиро ба амал меоред? Оё шумо ба иродаи шаҳват ба ҷои занон ба мардон меоед? Балки шумо қавми нодонед». Пас, ҷавоби қавми ӯ ба ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: «Аҳли хонаи Лутро аз деҳаи хеш берун кунед, ба дурустӣ, ки онҳо мардуми покиталабанд!». Пас, ӯ ва аҳли ӯро наҷот додем, магар занаш, ки Мо ӯро аз боқимондагон муайян кардем. Ва бороне (аз санг) бар сари онҳо боронидем. Пас (чӣ), бад аст борони тарсонидагон!» [4].

Дар ҳадиси шариф аз саҳобаи ҷалилулқадр Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Пайғомбари Худо (с) гуфт: «Худо ҳафт нафар аз халқашро лаънат кардааст». Он гоҳ пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бар ҳар яки онҳо се бор лаънатро такрор карда, гуфт: «Худо лаънат кардааст, Худо лаънат кардааст, Худо лаънат кардааст мардонеро, ки амали қавми Лутро анҷом диҳанд (яъне ҳамҷинсбозӣ кунанд). Худо лаънат кардааст мардеро, ки духтар ва модари духтарро бо ҳам дар никоҳи худ дарорад. Худо лаънат кардааст касеро, ки падару модарашро фармонбардорӣ накунад. Худо лаънат кардааст касеро, ки ҳайвонеро барои бузург доштани ғайри Худо забҳ кунад. Худо лаънат кардааст касеро, ки бо ҳайвонот алоқаи ҷинсӣ кунад. Худо лаънат кардааст касеро, ки замини каси дигарро ғасб кунад (яъне замини ҳамсояро бар замини худ биафзояд). Худо лаънат кардааст касеро, ки аз насаби худ нанг дорад» [5].

Касоне, ки ба ин дард мубтало гаштаанд ва умеди наҷот ёфтан аз ин вабои асрро доранд, бояд бидонанд, ки дар олами ҳастӣ ҳеҷ дарде нест, ки давое надошта бошад. Худованд, ки Худ офарандаи инсон аст, вақте ки падари башарият Одам алайҳиссаломро офарид, баъд аз муддате ногаҳон тавассути васвасаи иблис аз ӯ лағжише сар зад. Пас, чун дарк намуд, ки шайтон ӯро фиреб додааст, аз кардаи худ пушаймон шуда, гуфт: «Эй Парвардгори мо, бар хеш ситам кардем; ва агар моро наомурзиву бар мо меҳрубонӣ накунӣ, албатта, аз зиёнкорон бошем!». Сипас, Худованд тавбаашро пазируфта, ӯро абулбашар гардонид [6].

Дар ҳақиқат, Худованд бахшояндаи меҳрубон ва раҳмати Ӯ ончунон васеъу фаровон аст, ки агар шахс аз гуноҳи содиркардааш пушаймон гашта, сидқан ба сӯи Холиқаш бозгардаду аҳдшиканӣ накунад, мавриди омӯрзиш қарор хоҳад гирифт. Ин ваъдаест, ки онро Худованд барои касоне, ки тавбаи насуҳ мекунанд, туҳфа намудааст, он ҷо ки мефармояд: (Бандагони Худованди Раҳмон) Ононанд, ки бо Худо маъбуди дигарро намепарастанд ва ҳеҷ нафсеро, ки Худо ҳаром кардааст, намекушанд – магар ба ҳақ; ва зино намекунанд; зеро ҳар кӣ ин (корҳои ношоист: ширк ва қатл ва зино)-ро бикунад, ба уқубати душвор бармехӯрад. Рӯзи қиёмат азоб барои ӯ дучанд карда шавад; ва он ҷо хор шуда, ҷовид монад. Магар он касе, ки тавба кунад (ва аз корҳои зишт даст бикашад) ва имон оварду амали шоиста намояд – пас, ин ҷамоатеанд, ки Худованд (гуноҳонашонро мебахшад

ва) бадиҳои (гузаштаи) онҳоро ба некиҳо бадал созад; ва Худо Омурзандаи Меҳрубон аст [8].

*Ӯ барорад аз кудуратҳо сафо*
*Мар ҷафоҳои туро гирад вафо* [8]

(Мавлавӣ)

Яъне Худованди меҳрубон тирагиҳои амалҳои зиштро ба сафои аъмоли солеҳ мубаддал мекунад ва ситамгориҳои туро ҳамчун вафодорӣ қабул хоҳад кард.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Одилов Н. Мировоззрение Джалалиддина Руми. – Душанбе: «Ирфон». 1974. – С.73.
2. Европа и СПИД. http://www.doverie.org/2015/06/04/evropa-i-spid/ (санаи муроҷиат 04.06.2015)
3. Қуръон, сураи «Анкабут», оятҳои 33 ва 34.
4. Қуръон, сураи «Намл», оятҳо аз 54 то 58.
5. Мустадраки Ҳоким. Боби Ҳудуд, ҳадиси 8053. Ҷ.4, - С.396.
6. Қуръон, сураи Аъроф, ояти 23.
7. Қуръон, сураи «Фурқон», оятҳо аз 68 то 70.
8. Корупс Мавлоно Ҷалолиддина Румӣ. Тетрадь 3. – С.11 // http://termcom.tj/mavlono_masnavi_3 (санаи муроҷиат 02.07.2016).

# Омилҳои зиёдаравӣ (ифротгарой) дар дин ва роҳҳои муоличаи он

# Причины крайностей в религии и пути их выявления

# Causes Extremes Religion And Their Detection



**Норасов А.**

*декани факултети улуми исломии*
*Донишгоҳи Исломии Тоҷикистон ба номи*
*Имоми Аъзам-Абӯҳанифа*

***Аннотатсия***: ба ақидаи муаллиф, зиёдаравӣ ду хел - эътиқодӣ ва амалӣ мешавад. Зиёдаравӣ, яъне аз ҳадди амре ё чизе гузаштан, хоҳ дар мадҳу ситоиш ва хоҳ дар қубҳу мазамматро дар бар мегирад. Агар шахсе, ки Худовандро ибодат намояду навъ, адад ва сифати ибодати он мутобиқи фармудаи Қуръону суннат ва таълимоти шариати исломӣ набошад, пас, он шахс ифротгар буда, амали он бидъат ҳисобида мешавад.

***Вожаҳои калидӣ***: зиёдравӣ, дин, Қуръон, шахс, амалӣ, сухан,

***Аннотация***: по мнению автора крайности в религии представляют большую угрозу не только для самой религии, но и для общества в целом. Крайности различаются по видам – крайности в убеждениях и крайности в действии. Делается анализ некоторых высказываний известных исламских теологов, а также приводятся высказывания из священного Корана по этому поводу.

***Ключевые слова***: крайности, религия, Коран, человек, действия, слово.

***Abstract***: According to the author of extremes in religion pose a great threat not only to the religion itself, but also for society as a whole. Extremes vary by type - extreme to the beliefs and extremes in action. Done some analysis of statements known Islamic scholars, as well as quotes from the Holy Quran in this regard.

***Keywords***: extreme, religion, the Koran, the man of action, a word

«Ифрот» - калимаи арабӣ буда, маънои «гузаштан аз ҳадди муайян ё миқдор дар қавл ё дар феълро меноманд» [1]. Масалан: «Афрата алайҳи», яъне бар дӯши ӯ боре гузошт, ки тоқати бардошти онро надорад. «Афрата ал-ҳавза», яъне ҳавзро чунон пур кард, ки лабрез шуд. Ба ибораи дигар, аз миқдори муайян гузаронидани сухан, феъл ва кореро ифрот меноманд, ки маънои зиёдаравиро ифода мекунад.

Зиёдаравӣ ду хел, аз ҷумла эътиқодӣ ва амалӣ мешавад. Зиёдаравии эътиқодӣ, аз ҷумла зиёдаравии масеҳиён дар ҳаққи Исои Масеҳ, зиёдаравии хавориҷ дар ҳаққи миллати мусалмон бо истилоҳи такфирсозӣ, зиёдаравии сӯфиҳо дар ҳаққи анбиёву авлиё ва ғайра мебошад. Зиёдаравии амалӣ, аз ҷумла зиёдаравӣ дар ибодатҳо, висоли савм, издивоҷ накардан, нодуруст назр кардан, ҳаёти бомашаққатро пеша кардан ва ғайра, ки ин гуна аъмол ба эътиқод асар надоранд.

Зиёдаравӣ, яъне аз ҳадди амре ё чизе гузаштан, хоҳ дар мадҳу ситоиш ва хоҳ дар қубҳу мазамматро дар бар мегирад. Масалан, муболаға намудан дар динро низ зиёдаравӣ мегӯянд. Яъне

майлу инҳироф намудан аз ҷодаи васатият бо зиёд намудани чизе бар умури динӣ, ки аз дин намебошад ва дар ҳадди машруъ ё ин ки дар умури ибодатӣ муташаддид буданро инз ифода мекунад. Агар шахсе, ки Худовандро ибодат намояду навъ, адад ва сифати ибодати он мутобиқи фармудаи Қуръону суннат ва таълимоти шариати исломӣ набошад, пас, он шахс ифротгар буда, амали он бидъат ҳисобида мешавад.

Лафзи «Татарруф» низ арабӣ буда, зиёдаравӣ намудан аз ҳадди эътидолро ифода мекунад. Дар ҳар ду сурат, яъне ғулув ва татарруф алфози муתародиф буда, ҳардуро ба туғён ё саркашӣ ва зиёдаравӣ маънидод намудан мумкин аст. Ҳамчуноне ки Худованд мефармояд: «(Гуфтем:) «Аз покизаҳои он чи ба шумо рӯзӣ додем, бихӯред ва дар боби он рӯзӣ аз ҳад магузаред, он гоҳ, хашми Ман бар шумо собит шавад; ва ҳар кас, ки хашми Ман бар вай собит шавад, албатта, ҳалок шавад» [2].

Пас, зиёдаравӣ дар дин ду хел, аз ҷумла ба тариқи амал намудан ва ба тариқи тарки амал кардан мебошад. Аз ҷумлаи ғулот касоне мебошанд, ки мубоҳро тарк карда, онро барои нафси хеш ҳаром мегардонанд. Ё ин ки дар адо намудани ин ё он амали шаръӣ ташаддуд ва сахтгирӣ пеша намуда, онро бо шиддат ва сахтӣ анҷом медиҳанд, ки инро дар истилоҳи динӣ «Танаттуъ», яъне такаллуф, сахтгирӣ, ташаддуд ва «Таъаннут», яъне ворид гаронидани машаққат

Паёмбари Ислом (салллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ин хусус мефармояд: «Ҳалакалмутанаттиъун, ҳалакалмутанаттиъун, ҳалакалмутанаттиъун» [3]. Ҳалок гардидаанд сахтгирону дар ҳадди машруъ таҷовузкунандагон. Имом Нававӣ дар шарҳи ин ҳадис мегояд: «Ҳалок гардидаанд сахтгирону ғулувкунандагон ва таҷовузкунандагон дар ҳудуди шаръӣ бо афъолу ақволашон» [4].

Истилоҳи ғулув ё ин ки зиёдаравӣ дар Қуръону суннат хеле хуб шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Масалан, дар ояти 77 сураи «Моида» омадааст: «Бигӯ: «Эй аҳли Китоб, ба ноҳақ дар дини худ аз ҳад магузаред ва хоҳиши нафси қавмеро пайравӣ макунед, ки пеш аз ин гумроҳ шуданд ва (мардумони) бисёреро гумроҳ карданд ва аз роҳи рост каҷравӣ карданд». Инчунин дар ҳадиси Паёмбари Ислом омадааст: «Ийёкум вал ғулувва фи-д-дини фаиннаҳу аҳлака ман кона қаблакум ал-ғулувву фи-д-дини» [5].

Ҳар ду навъи зиёдавравӣ, аз ҷумла эътиқодӣ ва амалӣ, дар шариати исломӣ номақбул мебошад. Бар ивази он Паёмбари ислом (с.) мефармояд: «Алайкум мина-л-аъмоли мо тутиқуна» [6]. Бар он аъмоле, ки дар иҷрои он тоқат карда метавонед, яъне бар шумо машаққат намеоварад, амал намоед! Хамчуноне ки дар ҳадиси дигаре мефармояд: «Аҳаббу-л-аъмоли илаллоҳи таъоло адвамуҳо ва ин қалла». Маҳбубтарин амал дар назди Парвардигор он амалест, ки кам бошаду бардавом бошад. Зиёдаравии амалӣ феъле мебошад, ки баъзе аъмол аз ҳадди муайянгардида бештар анҷом дода мешаванд, ин аз ҳисоби адои баъзе ҳуқуқ канда, дигар уҳдадориҳоро поймол месозад. Аз инҷост, ки Паёмбар(с) бар Амр Ибни Ос барои пешгирӣ аз зиёдаравӣ хитоб карда, мефармояд: «Сум ва афтир, ва қум ва нам, фаинна лиҷасадика алайка ҳаққан ва инна лиъайника алайка ҳаққан ва инна лизавҷика ъалайка ҳаққан»[7]. Рӯза бидор ва ифтор кун! Ибодати шаб куну бихоб! Бешак, ҷасадат бар ту ҳақ дорад. Бешак, чашмат бар ту ҳақ дорад. Бешак, ҳамсарат бар ту ҳақ дорад. Мурод аз  ҳадис ин аст, ки ҳақро ба ҳақдор бирасон ва дар ҳеҷ яке аз ҳуқуқ камиву зиёдаравӣ макун ва ҳеҷ ҷониберо аз ҳисоби ҷониби дигар комил масоз!

**Омилҳои ифротгароӣ о**милҳое ҳастанд, ки фардро ба сӯи зиёдаравӣ мекашонанд ва боиси инҳироф гардидани он аз ҷодаи ҳақ мешаванд.

**1.Ҷаҳолат ба таълимоти динӣ ва огоҳ набудан аз ҳақиқату ҳадафи дини мубини Ислом.**

Ҷаҳолат ба таълимоти Қуръону суннат боиси он мегардад, ки ба зиёдаравӣ ва нуқсони авомири илоҳӣ даст зада шавад. Шахсе, ки аз ҳақиқати таълимоти динӣ ва диёнатдорӣ хуб огоҳ бошад, аз ҳама гуна ифроту тафрит иҷтиноб намуда, ибодати илоҳиро чунон ба роҳ мемонад, ки аз фармудаи он берун набошад. Фаҳми нодуруст ба мадлул ва мақосиди матнҳои шаръӣ ё ин ки такя ба зоҳири матнҳо намудан, бе огоҳӣ аз ҳақиқати онҳо, касро водор месозад, ки ба зиёдаравӣ даст бизанад. Фаҳми заъиф низ нисбат ба улуми шариатӣ ба ихтироъкорӣ ва худофарӣ мерасонад. Агар фаҳм аз қироату тааммул ҳосил нашавад, касро мебояд ба пурсупоси аҳли илм руҷуъ намояд. Худованд дар ин сурат мефармояд: «Исъалу аҳла-з-зикри ин кунтум ло таъламун». Аз олимон бипурсед агар надонистед! Дар ояти дигаре Худованд мефармояд: «Ва чизеро, ки забони шумо ба дурӯғ баёни ҳукми он мекунад, магӯед, ки он ҳалол аст ва ин ҳаром аст, то бар Худо дурӯғро ифтиро кунед. Ҳамоно онон, ки бар Худо дурӯғро ифтиро мекунанд, растагор намешаванд» [8].

Дуруст сарфаҳм нарафтан ба таълимоти динӣ ва масоили фиқҳӣ касро аз манҳаҷи эътидол берун сохта, бағулув ва татарруф раҳсипор месозад. Бисёре аз зиёдаравон илм доранд, даъвои иҷтиҳод мекунанд, сахтгирию шиддатпасандӣ мекунанд, вале усул, ки надоранд, даъвои иҷтиҳоду мероси набавӣ мекунанд. Ҳамчуноне ки хавориҷ даъвои кулли илмӣ карданд, вале аз ҷоҳилтарин мардуми он давра ба ҳисоб мерафтанд.

**2. Дурӣ аз уламо**

Олимон ворисони Паёмбар (с) мебошанд. Мардум аз ҷониби Худованд маъмуранд, ки дар аснои хато, иштибоҳ ва ё шак доштан аз олимон пурсанд.

Бархе аз мардум чун анъана, шайху сардорони ҷоҳилро ба худ пешво қарор медиҳанд, ки ин иштибоҳи маҳз мебошад. Чунин пешвоҳо, яъне ноогоҳ аз таълимоти шаръӣ, ҳам худаш гумроҳ аст ва ҳам кораш гумроҳсозии мардум мебошад. Манбаву сарчашмаҳои чунин пешвоҳо ҳавову ҳавас ва хоҳишоти нафси хеш бо такя бар ақл бидуни нақл мебошад, ки ин мухолифи манҳаҷу таълимоти дини мубини Ислом ба роҳ монда шудааст. Пешвои асил бо такя ба Қуръону суннат ва таълимоту қавонини динӣ парчами пешвоиро боло месозад. Паёмбар(с) мефармояд: «Эй мардум, ман китоби Худо ва суннати паёмбарашро бар шумо гузоштам, агар бар он чанг бизанед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд»[9; 8].

**3. Худситоӣ, шахсиятпарастӣ**

Ин ҳол дар сурате ба миён меояд, ки ақл бар нақл туғён бардорад ва кас бо такя бар ақл иддаъои пешвоӣ кунад. Шахсе, ки аз гузаштаи Ислом хабар надорад, ба имрозаи он ҳукм карда наметавонад. Ин дардест, ки дар зеҳни аксари олимони ҷавон ҷавлон мекунад ва нафси хешро баркамол тасаввур намуда, қобилияти ташхису таҳқиқ ва ҷуръати пурсупоси олимону мутахассисонро надорад. Худованд (ҷ.) мефармояд: «Оё дар замин сайр накардаанд, то онҳоро дилҳое бошад, ки бо он фаҳм кунанд, ё гӯшҳое, ки бо он бишунаванд. Ҳароина, ҳол он аст, ки чашмҳо нобино намешаванд, валекин он дилҳое, ки дар синаҳоанд, нобино мешаванд» [3, № 145].

**4. +ариб гардидани Ислом дар диёри мусалмонон**

+арибшавии дини Ислом падидаест воқеъшаванда ҳамчуноне ки Паёмбари Ислом (с.) хабар медиҳад: «Ислом ба ғарибӣ оғоз ёфт ва ба ҳамон ғарибӣ бармегардад ва хуш ба ҳоли ғарибон» [3]. Дар ин ҷо ғарибон касоне ҳастанд, ки агар мардум фасод шаванд, онҳо ислоҳкоранд ва корашон ислоҳи фасодкардаи мардум мебошад. Ин асрест, ки дар он ғурбати Ислом шиддат гирифтааст. Пайдо гардидани ҳизбу ҳаракат ва равияҳои мухталифи динӣ, ки ҳар яке дар арсаи вуҷуди хеш

даъвои ҳаққу ҳаққоният мекунанду барои расидан ба ҳадафи дунявии хеш ҷониби мухолифро ба куфру нифоқ муттаҳам месозанд, аз айни ғарибшавии дин дарак медиҳад. Бешак, пайдо гардидани ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва равияҳои гумроҳкунанда бо ғуллоту мутатаррифо-нашон, ҳамчуноне, ки Паёмбари Ислом хабар медиҳад, аз нишонаҳои қиёмат мебошад. Мефармояд: «Қабл аз фарорасии қиёмат фитнаҳои ба миён меоянд мисли як порчаи шаби торик. Кас субҳ муъмин буда, бегоҳ кофир мегардад ва бегоҳ муъмин буда, субҳ кофир мегардад» [10].

Ғариб гардидани Ислом дар байни мусалмонон низоми «Васатият» (аз вожаи арабии «васат» - миёна: миёнаравӣ)-ро дар ҷомеаҳои мусалмоннишин аз байн мебарад, ки ин боиси пайдоиши ғулув ва татарруф, бидъату хурофот ва интишори инҳирофоти фикриву ақидавии мусалмонон гардида, ахлоқи мусалмононро фасод месозад. Худованд уммати исломиро бо васатият васф карда мегуяд: «Ва ҳамчунин, шуморо гурӯҳе мухтор сохтем, то бар мардумон гувоҳ бошед ва то расул бар шумо гувоҳ бошад». Маънои васат, яъне адлу ихтиёрдор бошед. На заёдаравӣ кунеду ва на нуқсон пеша кунед. Шахсе, ки дар умури дин изофакорӣ намояд, бешак, аз зумраи ифротгаро мебошад ва ҳар касе, ки дар фармудаҳои динӣ танқисӣ кунад, аз тафритгарон мебошад. Ҳар ду ҳам ҷоиз нест, яъне на ифроту на тафрит, балки васатият бояд ихтиёр ва ба роҳ монда шавад.

Паёмбари акрам (с.) ҳеҷ хайреро тарк накардааст, магар бар он умматашро далолат кунад ва ҳеҷ шарреро канор нагузоштааст, магар ин ки аз он умматашро бим додаву барҳазар нигоҳ дошта бошад. Яке аз чароғҳои то қиёмат хомӯшнашавандаи дини мубини Ислом ин чароғи ҳидояти саҳобагон мебошад. Паёмбар (с.) оид ба аҳамияти манҳаҷи саҳобагон ва моҳияти фаҳму идроки онҳо нисбат ба таълимоти динӣ изҳор карда, мегӯяд: «Бар суннати ман ва бар суннати саҳобагони ман чанг бизанед! Ва ба он бо дандонҳои курсӣ гоз бигиред»*.

Яъне таъкид карда мегояд, ки дар умури динӣ аз таълимоти суннати ман ва манҳаҷу таълимоти саҳобагони ман ҳаргиз берун нашавед!

**5. Зиёдаравӣ аз хислатҳои умматҳои собиқа**

Мардуми мусалмон бо сабабҳои дохилӣ ва хориҷӣ бар зиёдаравӣ воқеъ хоҳад шуд ва онро пеша хоҳанд кард. Ҳамчуноне ки Паёмбар (с.) мефармояд: «Ҳароина, суннатҳои умматони пешинаро ваҷаб ба ваҷаб ва зироъ ба зироъ пайравӣ хоҳед кард ва агар ба хонаи сусмор дохил гарданд, ворид хоҳед шуд» [7].

Сабаби ҳалоку табоҳ гардидани миллати яҳуд ва насоро дар пешгоҳи Парвардигор ин зиёдаравӣ дар дин буд. Агарчанде ки онҳоро Худованд қаблан тавассути паёмбаронашон борҳо таъкид карда буд, ки дар динатон зиёдаравӣ накунед! Ҳамчуноне ки Худованд ба яҳуду насоро хитоб карда, мегояд: «Эй аҳли Китоб, дар дини худ аз ҳад магузаред ва дар бораи Худо ба ҷуз сухани рост [чизе] магӯед. Ҷуз ин нест, ки Масеҳ – Исо писари Марям пайғамбари Худо ва файзи Ӯст, ки онро ба сӯи Маря мандохт; ва рӯҳе аз (ҷониби) Худост. Пас, ба Худо ва пайғомбарони Ӯ имон оред ва магӯед: «(Худоён) сеанд». Аз ин бозмонед**, то барои шумо беҳтар бошад***. Ҷуз ин нест, ки Худо Маъбуди Ягона аст ва аз он, ки Ӯро фарзанде бошад, пок аст; он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Ва Худо Корсозанда бас аст» [11].

Зиёдаравии яҳуду насоро дар ин буд, ки аз таълимоти динӣ сарпечида, бо ақли хеш шариат сохтанд ва ақидаи хешро аз ҳақ бар ботил табдил доданд. Ҳамчуноне, ки дар ояти 30 сураи «Тавба» роҷеъ ба зиёдаравии ин ду миллат омадааст: «Ва яҳудиён гуфтанд, ки Узайр писари Худо аст

---

* Муснади Имом Аҳмад, Тирмизӣ ва Сунани Абӯдовуд.

** Яъне: аз ин гуфтор, ки: «Худоён сеанд».

*** Яъне: ин бозмондан.

ва насрониён гуфтанд, ки Масеҳ писари Худо аст. Ин қавли онҳо аст, ки ба забонҳояшон [мегӯянд****; ва онро] бо сухани қавме, ки пеш аз ин кофир шуданд*****, монанд мекунанд. Худо онҳоро лаънат кунад! Чӣ гуна баргардонида мешаванд?»******.

Аҳли китоб бо хислатҳои гуногун, аз ҷумла қабрпарастӣ, шахсиятпарастӣ, тақдиси инсон аз ҷониби инсон, тафриқаандозӣ, афзал шуморидани моддиёт бар арзишу муқаддасоти маънавӣ ва ғайра, аҳли ғулувву татарруф буданд ва то қиёмат чунин мемонад. Бархе аз афроди миллати мусалмон низ дар бисёре аз хислатҳои мазкур аз миллати яҳудӣ ва насронӣ пайравӣ кардаистодаанд. Ҳол он ки Паёмбар (с.) фармудааст аз зиёдаравӣ дар дин худдорӣ намоянд: «Зинҳор дар умури динӣ зиёдаравӣ макунед! Бешак, умматони пешинро зиёдаравии дар умури динӣ дар вартаи ҳалокат гирифтор кард» [12]. Паёмбари Ислом (с.) бим дода ҳазар мекунонад, ки зиёдаравии дар дин боиси ҳалокати уммати мусалмон мегардад.

**Роҳҳои муолиҷаи зиёдаравӣ дар умури динӣ**

**1. Итоат аз фармудаҳои Қуръону суннат**

Фармудаҳои Худованд саросар осоишу эътидол ва васатият дар умури динӣ мебошад, ки ба ҳеҷ нигароние зинҳор боис намегардад. Худованд дар ояти 36-уми сураи «Аҳзоб» мефармояд: «Ва ҳеҷ муъмину ҳеҷ муъминаро он нест, ки чун Худову пайғомбари Ӯ коре муқаррар кунанд, онҳоро дар он кори хеш ихтиёр бошад. Ва ҳар кӣ Худову пайғомбари Ӯро нофармонӣ кунад, пас, ҳамоно, ба гумроҳии зоҳир гумроҳ шудааст».

Паёмбар(с) дар ин хусус мегояд: «Зинҳор дар умури динӣ навоварӣ накунед, зеро ин ки кулли навовариҳо сохтакорӣ мебошанд» [13]. Дар ҳадиси дигаре Паёмбар (с) роҷеъ ба иҷтиноб намудан аз ифроту тафрит мефармояд: «Шахсе дар умури шариатии мо навоварӣ кунад амали кардааш бар худаш мардуд мебошад» [6, № 2597].

**2. Баёни мафҳуму истилоҳҳои шаръӣ ба мардум**

Базе мафҳуму истилоҳҳои шаръӣ дар байни мардум нофаҳмо ва муаммо то кунун боқӣ мондаанд, ки ба шарҳу тавзиҳ ниёз доранд. Инчунин мафҳуми нодурусти истилоҳ боиси тангназарии мардум, ба хусус ҷавонон мегардад. Ба таври ошкору возеҳ баён намудани чунин истилоҳҳо мардумро аз фитнаву ихтилофҳо раҳоӣ мебахшад. Масалан, истилоҳҳои «фитна, низоъ, ҷиҳод, кофир, мунофиқ, ифрот, тафрит, татарруф, шиа, хавориҷ, муътазилӣ, назру кафорат, қазову қадар, қазои амал, суфӣ, шайху пир, қутби замон, қутбулақтоб…» ва ғайра ба таври возеҳу ошкор ва бетарсу ҳарос ва ҷиҳати наҷот ёфтан аз фитнаву ихтилофҳо баён карда шаванд. Дар замони хилофати Умар (р) шахсе бо номи Сабиғ ибни Усал вуҷуд дошт. Одаташ ин буд, ки дар маҷолиси машоиху уламо нишаста, аз оятҳои муташобеҳ бештар суол мекард. Фаҳмидани оятҳои муташобеҳ бар мардум гарон мебошад. Вақте ки роҷеъ ба феъли Сабиғ ибни Усал ба Умар (с) хабар расид, Умар (с) дар масҷид ӯро интизор шуд. Мардум дар масҷид ҷамъ омаданд, Сабиғ низ ҳозир шуд. Умар (р) аз вай пурсид? Шумо кистед? Гуфт: «Ман Сабиғ ибни Усал». Умар (р) аз дарахти хурмо чӯбе дар даст дошт. Ба он чунон бар сари Сабиғ сахт зад, ки хун аз сараш ҷорӣ гардид. Сабиғ нидо карда гуфт: «Ай амири муъминон, ё маро ба эҳсон бикуш, ё ба ҳолам раҳм кун!» Умар (р) ӯро тарк карда, ба машоиху амирон ва саҳобагон дастур дод, ки аз суҳбату ҳамнишнии Сабиғ ибни Усал иҷтиноб кунанд. Умар (р) дарси ибратомозе ба саҳобагон нисбат ба пешгирии фитнаву ихтилофҳо омӯхт, ки кас дар фикри муолиҷаи он набуд.

**** Яъне: асле надорад.

***** Яъне: мушрикон, ки малоикаро духтарони Худо мегӯянд.

****** Яъне: аз роҳи дуруст.

**3. Баёни нақши суннат ва адои ибодатҳо дар муомила бо мардум**

Омӯзиши таълимоти суннати набавӣ ба мардум маҳз бо тариқи мунташир намудани улуми шаръӣ мебошад. Бе ягон тарсу ҳарос улуми шаръӣ ба мардум бояд таълим дода шавад. Сабаби ифроту тафрит ва гароиши мардуми мусалмон, ба хусус ҷавонон, аз бесаводӣ нисбат ба таълимоти дину оин ва фаҳми кӯр-кӯронае, ки тавассути таълимоти авомфиребонаи баъзе шайху пешвоҳо гирифтаанд, мебошад. Худванд роҷеъ ба аҳамияти маърифати нақши Паёмбар(с) ва хислату маконати о дар байни муъминон мегояд: «Ҳамоно пайғомбаре аз худи шумо ба шумо омадааст, ранҷи шумо бар вай душвор аст, бар [ҳидояти] шумо ҳарис аст, ба муъминон бахшояндаи меҳрубон аст» [14]. Маҳол аст, ки шахсе ё тоифае аз мусалмонони дунё бе таълимоти Паёмбар(с) - «Раҳматан лил-оламин» - ҳидоят ёбед. Се нафар аз саҳобагон дар назди Паёмбар(с) арз карданд, ки дар хусуси бештару бештар ибодат кардан тасмим гирифтаанд, ки: шабҳоро нахобанд; издивоҷ накунанд ва ҳамеша рӯзадор бошанд. Паёбар(с) дар ҷавоб мегояд: «Аммо ман, савганд ба Худо, нисбат ба шумо аз Худо бештар метарсам ва ботақвотарам, вале адои намоз мекунаму мехобам, рӯза медораму ифтор меунам ва издивоҷ мекунам».

**4. Эҳтироми аҳли илм**

Эҳтироми аҳли илм яке аз умур ва таълимоти шариати муҳаммадӣ буда, қазияи ифротгароиро муолиҷа менамояд. Роҷеъ ба маконату эҳтиром ва шаъни волои аҳли илм Худованд мефармояд: «Ҷуз ин нест, ки аз бандагони Худо фақат олимон аз Ӯ метарсанд» [15].

Паёмбари Ислом(с) дар ин хусус мегояд: «Бешак, олимон ворисони анбиё мебошанд. Анбиё динору дирҳам мерос намегузоранд, балки илмро мерос мегузоранд ва шахсе, ки аз мероси паёбарон бархудор шавад, ба таҳқиқ ҳаззи вофирро ноил гардидааст» [13, № 2682].

Ҳикмат дар он аст, ки олимон марҷау манбаи дониш ва ҳакимону табибони ҷомеаи башарӣ буда, нисбат ба тамоми мардуми мусалмон ботақвотар мебошанд.

**5. Эҳтироми амирон**

Эҳтиром намудани амирон яке аз умури муҳимме мебошад, ки дар муолиҷаи ифротгароӣ ва таъмини амнияти миллату давлат нақши хеле муфид ва арзанда мебозад. Яке аз олимони аз фитнаву низоъҳои мусалмонон ва ихтилофу парокандагии онҳо ҷабрдида, роҷеъ ба бузургӣ ва аҳамияти нақши сарвар дар ҳамбастагӣ ва ҳамзистии осоишта ва таъмини амнияти мардум мегояд: «Шаст соли умрро бо султони золим ба сар бурдан хайру афзал аст, аз як шаби бесултонӣ».

Бесултонӣ фитнаи хеле бузург мебошад. Бинобар ин, итоати султон, мутобиқи таълимоти шаръӣ дар ҳақ воҷиб буда, риояи шаъну шараф, ҳуқуқ ва эҳтироми он ҳатмӣ мебошад.

**6. Эҳтироми волидайн**

***Ключевые слова:*** понятие экстремизма, преступления экстремистской направленности, уголовная ответственность, административная ответственность, уголовно-правовая природа

***Abstract***: The article discusses the concept of "extremism" and "extremist crime" in terms of domestic and foreign scientists. The author analyzes some of the problems of extremist crimes and their solutions in the domestic criminal law.

***Keywords***: concept of extremism, extremist crime, criminal liability, administrative liability, criminal law nature

Ҳодисаҳои асрҳои XX ва XX1 нишон дода истодаанд, ки бо вуҷуди инкишофи илму техника ва маданият вазъият дар аксар минтақаҳои ҷаҳон беҳ нагашта, пурхатар боқӣ мондааст. Сохтани яроқҳои гуногуни ҷангӣ аз ҷониби давлатҳои абарқудрат бо мақсади хифзи кишвар ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ аз ҷумла ифротгарой ва терроризм таъсири мусбӣ нарасонида истодаанд. Ҷинояткорон бо ҳар роҳу восита ба яроқу аслиҳаҳои гуногун даст ёфта, амалҳои зиддиҳуқуқияшонро идома дода истодаанд.

Имрӯзҳо ҷинояткорон ба яке аз манбаҳои ҷалбкунӣ, яъне фазои иттилоотӣ даст ёфта, ба воситаи тарғибу ташфиқи идеологияи таҳрифшуда, одамонро гумроҳ сохта, мақсадҳои нопокашонро амалӣ намуда истодаанд.

Оид ба ин масъала олими барҷаста О.И. Аршба қайд намудааст, ки "баъзе аз ташкилотҳои экстреместӣ аз истифодаи зурӣ чун воситаи ноил шудан ба мақсадҳои сиёсии худ, аввалан бо сабаби тарс дар пеши чораҳои вокуниши ҳокимият, сонияан бо назардошти оне, ки онҳо тавассути рафтори бошууронаи худ ва ташвиқоти босуботи мафкуравӣ, метавонанд таваҷҷуҳи умум ва доираи ҳаммаслакони худро васеъ гардонанд, даст мекашанд" [1, - С. 5].

Имрӯз фазои иттилооти ба ташкилотҳои экстремистӣ шароит фароҳам овардааст, ки бо истифода аз рафтори бошууронаи худ ва ташфиқоти мафкуравӣ, мардумро ҷалб намуда, нақшаҳои худро амалӣ созанд. Ташкилотҳои экстремистӣ фаъолияти худро асосан аз рӯи "назарияи харобкунӣ" ва ё ба "ҳамагуна созиш рози нашудан" ба роҳ монда, дар асоси идеологияи таҳрифшуда фаъолият намуда истодаанд.

Ба андешаи мо зарба задан ба ташкилоти террористию экстремистӣ танҳо бо истифодаи идеологияи воқеӣ ва созанда имконпазир мебошад, зеро Оноре де Балзак гуфтааст: «Идеяҳо танҳо аз тарафи идеяҳо бе хавф гардонида мешаванд».

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ аз 20 январи соли 2016 терроризм ва экстремизмро ҳамчун вабои аср шуморида, қайд карданд, ки ин вабо ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст [12]. Аз ин лиҳоз мо тасмим гирифтаем, ки то ҳади имкон оид ба баъзе проблемаҳои табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳои хусусияти экстремистӣ дар қонунгузорӣ ибрози назар намоем.

Экстремизм истилоҳи лотинии "*extremus*" буда, мазмуни қатъан ҳадди охирин, зиёдаравӣ, нооромсозӣ ва беитоатии шаҳрвандон нисбат ба меъёрҳои қонун, инчунин тарафдори тадбиру чораҳо ва ақидаҳои қатъӣ будан (бештар дар сиёсат)-ро дорад [14, - С. 360]. Ҳамин гуна фаҳмиши ибораи экстримизмро дигар муаллифон (С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова, И. В. Воронов, А. Басалай, А. Умланд, Л.В. Боева, П.А. Данилов ва ғ. низ иброз медоранд.

Масалан, С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова қайд менамоянд, ки «экстремизм – ин пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои оштинопазир мебошад (одатан дар сиёсат)» [10, - С.942]. Дар луғати энсклопедии шӯравӣ бошад истилоҳи экстремизм айнан ҳамин гуна маънидод карда шудааст [13, - С. 1552].

Мувофиқи тафсири энсиклопедии шӯравӣ, экстремизм – ин пайравӣ ба ақидаҳо, ғояҳо ва чораҳои оштинопазир мебошад [3, - С.19].

Дар энтсиклопедияи хурди донишҳои муосир бошад экстремизм ҳамчун «пайравӣ дар сиёсат ва мафкураҳо ба ақидаҳо ва амалҳои оштинопазир» муайян карда шудааст [9, - С.67]. Дар адабиётҳои сиёсӣ низ экстремизм айнан ҳамингуна маънидод карда шудааст [11].

Тавре мушоҳида намудем дар ин мафҳумҳо бартарият ба экстремизми сиёсӣ дода шудааст. То як андоза ин андеша боиси дастгирӣ низ шуда медавонад, вале мо гуфта наметавонем, ки дигар намудҳои экстремизм (динӣ, мазҳабӣ, нажодпарастӣ, маҳалгароӣ, ҷудоиандозӣ) ва ғ. камтар аз экстремизми сиёсӣ содир мешаванд.

Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқ Э.Г.Филимонов аст, ки экстремизмро ҳамчун «пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои оштинопазир» шарҳ медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки экстремизм «метавонад дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ҷой дошта бошад ва дар он ақидаҳо ва нуқтаи назарҳои гуногун дар ҳалли ин ё он масъала бо як дигар бармехуранд» [17, - С.90]. Ин ақидаҳо ё амалҳо аз рӯи хусусияти худ

метавонанд сиёсӣ, нажодпарастӣ, миллӣ, диннӣ, ҷудоихоҳӣ, ҷиноӣ ва ғайра бошанд.

Муҳаққиқони бузург В.Ю. Верещагин ва М.И. Лабунец дар афкори хеш қайд менамоянд, ки экстремизм – ин идеология буда, бо роҳи зури паҳн карда шуда, принсипҳои онро тоқатнопазирӣ ва саркуб намудани душманони худ ташкил медиҳад [4, - С.7-8].

Н.Н. Афанасев бошад мафҳуми экстремизмро ҳамчун пайравӣ «ба тафсири оштинопазир» ва «усулҳои амал», ки дар тоқатнопазирӣ ба нуқтаи назари дигар ва муборизаи қатъӣ асоснок шудааст, маънидод мекунад. «Экстремизм ин инкор кардани ҳамагуна меъёрҳои умумиэътирофшуда мебошад. У воқеиятро бо тасаввуроти нодуруст маънидод мекунад, ки ин дар фаъолияти амалӣ ба зуроварӣ оварда мерасонад.» [2, - С. 230-234].

Дар моддаи 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм” аз 8 декабри соли 2003 таҳти №69, мафҳуми экстремизм чунин шарҳ дода шудааст: “Экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноороми, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ” мебошад [6].

Қайд намудан ба маврид аст, ки андешаҳои экстремистӣ - ин андешаи тоқатнопазирӣ нисбат ба рақибон буда, бо зуроварӣ фуру нишонданро дуруст мешуморад, новобаста аз нишондодҳои ҳуқуқӣ танҳо монополияи худро эътироф намуда, амалан фаъолияти ғайриконститутсиониро содир менамояд.

Аксарияти олимони соҳаи ҳуқуқ низ дар андешаи онанд, ки агар "андешаҳои ниҳоӣ" асоси ғоявии истифодаи зӯровариро нисбати мухолифин ва дигар шахсони норозӣ ташкил надиҳад, пас дар гумон аст, ки сухан оид ба экстремизм ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ равад. Чунин андешарониро В.В. Лунеев, И.И. Брагински, Э.Г. Филимонов, Т.Ш. Шарипов, Х.С. Сафаров [18, - С. 46-48]., Н.Н. Афанасьев ва ғайра. дар тадқиқотҳояшон иброз медоранд.

Ҳамин тариқ мусаллам аст, ки мазмуни «ақидаи тундгароӣ, зиёдаравӣ» - ро асоси идеологии истифодаи зурии «ҷисмонӣ ё руҳӣ» аз рӯи ангезаҳои сиёсӣ, ғоявӣ, миллатгароӣ, динӣ ва маҳалгароӣ ташкил медиҳад. Фаъолияти гуруҳ, ташкилот ва иттиҳодияҳои экстремистӣ бевосита ба нашр, нусхабардорӣ ё паҳан намудани адабиёт, маводи интишорӣ, кино ё сабти видео ва ғайра миёни гуруҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ бо мақсади ташвиқоти минбаъдаи «андешаҳои ниҳоии тундгароӣ» ё даъвати бевосита баҳри истифодаи зурӣ нисбат ба мухолифон ё дигар шахсон аз рӯи ангезаҳои нишондодашуда равона карда шудааст, ки моҳияти «чораи ниҳоии тундгарои»-ро дар бар мегирад.

Ба андешаи мо дар бораи экстремиз ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ вакте сухан рондан мумкин аст, ки ғояи экстремизм дар заминаи тоқатнопазирӣ, душманӣ ва бадбинӣ бо мақсади истифодаи зӯроварӣ ба миён ояд. Назария (ғоя) ва амалияи экстремизм бо ҳам дар алоқаи ногусастанӣ қарор доранд. Ғояи дар ангезаҳо ва мақсадҳо таҷасум ёфта бевосита ба рафтор таъсир мерасонад [18, - С. 46-53].

Ҳамин тавр экстремизм метавонад дар байни тамоми гуруҳҳои иҷтимоӣ аз қабили маҳалҳо, миллатҳо, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, дину мазҳабҳо доман паҳн намояд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади пешгирӣ намудани ангезаҳои маҳалгароӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, миллатчигӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои хусусияти экстремистӣ мамнуъ эълон гардида, дар моддаҳои мухталифи он аломатҳои таркибӣ ва андозаи ҷазои онҳо муайян карда шудааст.

Аз ҷумла, дар моддаи 307² КҶ ҶТ ташкили иттиҳоди экстремистӣ

(ифротгароӣ) ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта моддаҳои 157 Монеъ шудан ба фаъолияти ташкилоти динӣ; 158 Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои динӣ; 160 Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ; 185 Ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ; 188 Бетартибиҳои оммавӣ; 189 Барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ; 237 Авбошӣ; 237[1] Вандализм; 242 Несту нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг; 243 Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо марбут дониста шудаанд [15].

Бояд тазаккур дод, ки қонунгузор мебоист ба ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ моддаҳои 307[1] Даъвати оммавӣ дар ба амал овардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ); 307[2] Ташкили иттиҳоди экстремистӣ; 307[3] Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ); 307[4] Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидоштаро низ мутааллиқ медонист [15].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар моддаи 307[2] КҶ ҶТ (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) моддаи 185 яъне, ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ пешбинӣ карда шудааст. Ба андешаи мо ин модда на хусусияти экстремистӣ, балки хусусияти террористӣ дорад.

Гузашта аз ин дар чор моддаи КҶ ҶТ аз ҷумла: моддаи 179 Терроризм; моддаи 179[1] Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо; моддаи 179[2] Маблағгузории ҷиноятҳои террористидошта ва дар моддаи 179[3] яъне, даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ҳамчун кирдори террористи эътироф гардидааст. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 185 аз матни моддаи 307[2] КҶ ҶТ бардошта шавад.

Ҳангоми бандубасти кирдорҳои шахси гунаҳкор аз рӯи аломатҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ зарурияти муайян кардани мақсад ва ангезаи ҷиноят пайдо мегардад. Чуноне, ки қайд мекунанд вас – васа кардан барои иҷро кардани ҳаракат бо ангезаи муайян ҳамчун ангезиш фаҳмида мешавад. Ангезиш ҳамчун раванди интихоб байни ҳаракатҳои гуногуни имконпазир дар самти ноилшавӣ ба мақсад эътироф мегардад». Бо ибораи дигар: «Ангеза мақсаднок будани ҳаракатро муайян менамояд» [5, - С.14-21].

Ҳақ бар ҷониби М.С. Каган буда, қайд менамояд, ки ҳар як фаъолияти мақсадноки субъект бояд дорои ангезаи дохилӣ бошад. Ангезаи раванди фаъолият бояд ба самти мушаххаси ин раванд табдил ёбад, ки дар мақсадгузорӣ, коркарди нақша ва тарзи ҳаракат ифода меёбад [7, - С.175].

Дар қ. 1 м. 189 яъне Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ омадааст: Ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низоъи миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ, ё паст задани шаъну эътибори миллӣ равона шудаанд, инчунин тарғиби бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, мансубии онҳо ба миллат, нажод ё маҳал, агар ин кирдор ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма анҷом дода шуда бошад [13].

Тавре аз матни моддаи 189 КҶ ҶТ мушоҳида намудем дар он экстремизме, ки бо ангезаҳои сиёсӣ содир карда мешавад ба назар намерасад ҳоло он, ки экстремизми сиёсӣ ҳамчун намуди алоҳидаи кирдорҳои хусусияти экстремистидошта эътироф карда шудааст ва дар аксарияти мафҳумҳое, ки чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар афкори олимон пешбинӣ карда мешавад, ҳамчун намуди алоҳида ишора карда мешавад. Ин гуна муносибати олимон ва мутахассисон бе сабаб нест. Чун, ки аз давраҳои қадим то ҳол экстремизмро бештар моли сиёсӣ мешуморанд ва дар аксарияти

мавридҳо намудҳои алоҳидаи экстремизм бо экстремизми сиёсӣ омехта мешаванд. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 189 КҶ ҶТ пас аз калимаи "миллӣ" калимаҳои "сиёсӣ, ҷудоихоҳӣ" тағйирот ворид карда шавад.

Бо мақсади дар зинаҳои аввал пешгирӣ намудани ҳаракатҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои 85. Маҷбур кардан ба диндорӣ ва ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ; 86. Монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ; 106. Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамойиҳо, намоишҳо ва роҳпаймойиҳои осоишта; 464. Ҷалб намудани ноболиғон ба рафторҳои зидиҷамъиятӣ; 474. Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои динӣ; 474[1]. Риоя накардани қонунгузорӣ оид ба истеҳсол, содирот, воридот, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин дигар ашё ва маводи дорои таъйиноти динӣ; 474[2]. Риоя накардани тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар; 474[3]. Фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ; 474[4]. Робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои динӣ; 475. Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ; 476. Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ; 477. Роҳбарӣ ва иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятию диние, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд, инчунин маблағгузорӣ намудани онҳо; 478. Аз тарафи ташкилотҳои динии хориҷӣ, шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои динӣ; 480. Риоя накардани тартиби муқарраршудаи ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, ҷамъомадҳо, роҳпаймоиҳо ва намоишҳо [8]. пешбинӣ карда шудааст.

Мутаассифона имрӯз баъзе меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ дар самти кирдорҳои хусусияти экстремистӣ омехта шуда, то андозае ба якдигар мухолифат мекунанд, ки ин омил ба кормандони амалӣ мушкили эҷод менамояд.

Яке аз чунин мухолифатҳо ин дар қ.1 м. 160 КҶ ҶТ, яъне (вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ) [15]. бо қ. 3 м. 480 кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад) [8].

Масалан, дар диспозитсияи қ. 1 м. 160 КҶ ҶТ, гуфта шудааст, ки "Вайрон кардани тартиби ташкил ва (ё) гузаронидани маҷлисҳо. гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, пикетгузориҳо ё роҳпаймоиҳо аз тарафи шахси ташкилкунанда ё иштирокчии фаъоли ҳамин чорабиниҳо, агар чунин кирдор дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад" [15].

Яъне, аз ин ҷо маълум мешавад, ки бори аввал шахс кирдорҳои мазкурро содир намуда, оид ба ин амалаш мувофиқи моддаи 480 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, пикетгузориҳо ва роҳпаймоиҳо [6] ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, баъд аз гирифтани ҷазои маъмури дар давоми сол боз ба ин кирдор даст мезанад. Дар ин сурат ҷавобгари бояд мувофиқи қ. 1 м. 160 КҶ ҶТ ба вуҷуд ояд.

Аммо агар ба таркиби қ. 3 м. 480 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмури назар афканем мушоҳида мекунем, ки дар худи қисми сеюми моддаи 480 барои шахсоне, ки ин кирдорро дар давоми сол содир кардаанд ҷазои

маъмурии нисбатан сахттар пешбинӣ гардидааст ва ин амал дар рафти баррасии парванда нофаҳмиҳои зиёдро ба бор меорад.

Ин омил кори кормандони амалиро мушкил мегардонад, ба бандубасти нодурусти кирдор оварда мерасонад, талаботҳои принсипҳои Кодекиси ҷиноятиро вайрон месозад, то андозае норозигии шахсони гунаҳкорро ба вуҷуд меорад ва дар сурати даъво намудани гунаҳкор оид ба кирдораш, ки ба у ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини шудааст ба фойдаи у мувофиқи моддаи $11^1$ яъне (Қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ) кодекси ҷиноятӣ ҳал карда мешавад, ки дар ин сурат талаботҳои қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ дар амал тадбиқ карда намешавад. Аз ин лиҳоз зарурати мутобиқ намудани қ. 1 м. 160 КҶ ҶТ бо қ. 3 м. 480 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошад.

Бо назардошти афкори иброз гардида пешниҳод менамоем:

- аз диспозитсияи м. $307^2$ КҶ ҶТ м. 185 КҶ ҶТ бардошта шавад;
- дар матни м. 189 КҶ ҶТ калимаҳои "сиёсӣ" ва "ҷудоиандозӣ" ворид карда шавад;
- дар диспозитсияи моддаи $307^2$ КҶ ҶТ, ҷиноятҳои дар моддаҳои $307^1$, $307^2$, $307^3$, $307^4$ ҳамчун кирдорҳои хусусияти экстремистидошта ворид карда шавад;
- қ. 1 м. 160 КҶ ҶТ бо қ. 3 м. 480 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шавад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. *Аршба О. И.* Современный правый экстремизм в Европе Текст] : [О неонацизме] / О.И. Аршба // Вестник Московского университета. Сер. 18. Социология и политология. - 2002. № 4. - С. 3-11.
2. *Афанасьев Н. Н.* Идеология терроризма // Социально-гуманитарные знания. 2002. № 1. - 234 с.
3. Большая советская энциклопедия. 3-е издание. М., 1978. Т.30 [Электронный ресурс]: URL: http://www.alleng.ru/d/inform/inform025.htm (Дата обращения: 03.03.2016г.)
4. Верещагин В.Ю., Лабунец М.И. Политический экстремизм: этнонациональная институционализация и регионализация. Ростов н/Д, 2003.
5. Верховский Л., Папп А., Прибылояский В. Политический экстремизм в России. -М., 1999.
6. Закон Республики Таджикистан "О борьбе с экстремизмом" от 8 декабрия 2003 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2003 г., №12, ст.697; 2007 г., №3, ст.158; Закон РТ от 27.11.2014 г., № 1146.
7. Каган М. С. Человеческая деятельность. - М., 1974. - 175 с.
8. Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях то 31 декабрия 2008 года // Ахбори Маджлиси Олии Республики Таджикистан, 2008 г., № 12, ч.1, ст. 989, ст.990; (Законы РТ от 8.08.2015 г., №1219; №1220; от 23.11.2015 г., № 1234; от 25.12.2015 г., № 1262);
9. Малая энциклопедия современных знаний : в 2 т. / [сост. В.А. Менделев]. - М. : АСТ ; Харьков : Торсинг. - (Уходящее тысячелетие). Т. 1. - [2-е изд., перераб.]. - 2000. - 363 с.
10. *Ожегов С.И. и Шведова Н.Ю.* Толковый словарь русского языка. Изд. 4-е, доп. – М., 1997. – 763 с.
11. Политология: Краткий энциклопедический словарь-справочник. Ростов н/Д;М., 1997.
12. Послание Лидера нации, Президента Таджикистана уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 20.01.2016 г. Душанбе [Электронный ресурс]: URL: http://prezident. tj/ru/node/10587 (Дата обращения: 18.02.2016г.)
13. Советский энциклопедический словарь / Научно-редакционный совет: А.М. Прохоров (пред.). – М.: «Советская энциклопедия», 1981.-1600 с. [Электронный ресурс]: URL:

http://www.tez-rus.net/ViewGood23.html (Дата обращения: 18.02.2016г.).

14. Словарь русских слов с интернациональными комментариями (на тадж. яз.). - Душанбе, 1984. - 360 с.

15. Уголовный кодес Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // Ахбори Маджлиси Олии Республики Таджикистан, 1998, №9, статья 68, 69 (Законы РТ от 23.11.2015 г., №1228; от 25.12.2015 г., № 1261).

16. Уголовный процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабрия 2010 года // Ахбори Маджлиси Олии Республики Таджикистан, с.2009, №12, статья 815; статья. 816; (Законы РТ от 23.11.2015г., № 1229)

17. *Филимонов Э. Г.* Христианское сектантство и проблемы атеистической работы. Киев: 1981. — 183 с.

18. *Шарипов Т.Ш., Сафаров Х.С.* Баъзе андешаҳо перомуни таносуби мафҳумҳои «экстремизм», «фундаментализм», «радикализм», «национализм» ва «сепаратизм» // Осори Академия (маҷаллаи илмӣ). № 4 (28). 2015. – 167 с.

# ХАТАРҲОИ МУОСИРИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОСИЁ МАРКАЗӢ

# СОВРЕМЕННЫЕ УГРОЗЫ ЭКСТРЕМИЗМА В РЕГИОНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

# MODERN THREAT OF EXTREMISM IN CENTRAL ASIA



**ҲАЙДАРЗОДА М.П.**

*Адюнкти курси якуми кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултти № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
лейтенати калони милитсия*

***Аннотатсия:*** Дар мақола таҳдидҳои муосири экстремизм дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ то андозае мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шуда, муаллиф то ҳадди имкон кӯшиш намудааст, ки минтақаҳои дар зери хавфи идеологияи экстремистӣ қарордоштаро бо пайдарҳамии хоса нишон диҳад.
***Вожаҳои калидӣ:*** давлат, ташкилотҳои экстремистӣ, таҳдид, мубориза, зуроварӣ, ҷалбкунӣ.

***Аннотация:*** В статье исследуются современные угрозы экстремизма в регионах Центральной Азии. Автор перечисляет регионы, находящиеся под угрозой экстремистской идеологии.
***Ключевые слова:*** государство, экстремистские организации, угроза, борьба, насилие, привлечение.

***Abstract***: This article explores the modern threat of extremism in Central Asia. The author lists the areas that are under threat of extremist ideology.
***Keywords***: government, extremist organizations, threats, fighting, violence, engaging.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Осиё дар тӯли чор асри қаблӣ мавриди истилогариҳои давлатҳои абарқудрати Ғарб қарор гирифта буд. Дар ин қитъа қариб давлате намонда буд, ки ба мустамлика ва ё ниммустамликаи давлатҳои абарқудрати Ғарб табдил наёфта бошад. Давлатҳои Осиёро Англия, Фаронса, Нидерландия, Португалия, Туркия, Русия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷопон, Испания ва ғ. дар байни худ тақсим карда буданд.

Забткориҳои мамлакатҳои абарқудрат дар Осиё бо маслиҳати ҳамдигарии онҳо ҳам сурат мегирифт. Истилогарон дар мустамлика забткунӣ бо ҳам рақобат кунанд ҳам, вале бисёр вақт бо маслиҳат амал карда, ба ҳамдигар халал намерасониданд.

Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мустамликаҳои дар гузашта хомӯшу тобеъбуда сар бардоштанд. Дар ин марҳалаи таърихи худшиносии миллӣ халқҳои Осиё афзуда буд ва баъди солҳои 1945-1960 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид Эъломия дар бораи ба давлатҳои мустамлика ва тобеъ додани истиқлолият чараёни аз зери тобеияти мустамилкавию низомӣ озод шудани ин мамлакатҳо вусъат ёфт ва дар соли 1974 давлатҳои Осиё пурра аз мустамлика озод шуданд, ки дар айни замон шумораи онҳо қариб ба 50 адад мерасад [1, - С. 92].

Акнун ҳодисаҳои асрҳои XX ва XX1 нишон дода истодаанд, ки бо вуҷуди инкишофи илму техника ва маданият вазъият дар аксар минтақаҳои ҷаҳон аз ҷумла, Осиёи Миёна беҳ нагашта, пурхатар боқӣ монда истодааст. Сохтани ярокҳои гуногуни ҷангӣ бо мақсади мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла, ифротгароӣ ва терроризм таъсири мусбӣ нарасонида истодаанд. Ҷинояткорон бо ҳар роҳу восита ба яроқу аслиҳаҳои гуногун даст ёфта, амалҳои зиддиҳуқуқияшонро идома дода истодаанд.

Дар айни замон амалҳои ифротгароӣ ва терроризм бештар дар минтақаҳои Осиё аз он ҷумла, дар Ироқ, Сурия, Яман, Фаластин, Афғонистон ва ғайра ба назар мерасад. Вале таҳдидҳои он тамоми ҷаҳонро фаро гирифтаанд.

Пӯшида нест, ки зери ниқоби мубориза бо терроризм ва экстремизми байналмилалӣ давлатҳои алоҳида манфиатҳои геополитикии хешро ҳифз менамоянд ва ё зери парда аз ин гуна таҳаввулоти номатлуб пуштибонӣ намуда, онҳоро ҳамчун ҷунбишҳои мардумӣ ва озодихоҳ муаррифӣ менамоянд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба ташаннуҷ ёфтан ва ё мӯътадил гардидани муносибатҳои байналмилалӣ байни давлатҳои абарқудрати дунё, сатҳи ҷиноятҳои характери террористӣ ва экстремистидошта, дар манотиқи гуногуни дунё, ангезиш меёбанд ва ё баръакс.

Имрӯз, баъзе давлатҳо мехоҳанд ба мисли асрҳои пешин ба ҳар роҳу восита аз ҷумла, бо роҳи таблиғоту ифротгароӣ ва терроризм ба давлатҳои Осиё таъсир расонида, бар ин васила онҳоро идора намоянд, вале мусаллам аст, ки падидаҳои ифротгароӣ хоҳ но хоҳ аз доираи як мамлакат берун баромада, ба тамоми ҷаҳон таҳдид мекунад.

Оид ба ин масъала Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи худ қайд намуданд, ки тезутунд гардидани вазъият дар Шарқи наздик, Осиё, Африқои шимолӣ, Аврупо ва дигар минтақаҳои дунё нишон дода истодааст, ки терроризм ва экстремизм ба яке аз хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфта, ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини саёра хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.

Аз ин лиҳоз, мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи «сиёсати дугона» нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам нооромм месозад.

Боиси таассуф аст, ки баъзе созмонҳои байналмилалӣ аз ҷониби як қатор доираҳо ва давлатҳову фондҳо ошкоро маблағгузорӣ гардидани созмонҳои террористиву экстремистӣ, поймолшавии ҳуқуқи инсон, аҳволи тоқатфарсо ва дар роҳи муҳоҷират дар баҳрҳо ғарқ шудани ҳазорон нафар гурезаҳо, аз ҷумла занону кӯдаконро нодида мегиранд.

Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки бар асари истифодаи қувва ва зӯрӣ дар равобити байналмилалӣ, дар ҳифзи манфиатҳои хеш рӯбарӯ омадани қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, зери фишори нерӯву унсурҳои бегона амалан аз байн рафтани низоми давлатдории як силсила кишварҳо ва вусъати торафт афзояндаи терроризму экстремизм вазъи ҳуқуқи байналмилалӣ хеле заиф шуда, истиқлолияти давлатҳои миллӣ осебпазир гардидааст. Намуна ва пайомадҳои чунин вазъро мо дар мисоли Сурия, Ироқ, Либия, Яман, фаластин ва Афғонистон мебинем.

Ислоҳи ин вазъ таҳкими пойгоҳи ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва

экстремизм, аз ҷумла, дар санадҳои байналмилалӣ муқаррар намудани муҷозоти кишварҳои ба терроризм мусоидаткунанда, роҳандозӣ намудани тафтиши байналмилалии зуҳуроти терроризм ва мавриди муҳокимаи Суди байналмилалӣ қарор додани роҳбарони сиёсӣ ва ҳарбӣ, фондҳои ба ном хайрия, соҳибкорон ва дигар ашхоси ба терроризм ва экстремизм мусоидаткунандаро тақозо менамояд [2].

Пӯшида нест, ки ташкилоту иттиҳодияҳо ва баъзе ҳизбҳои сиёсие, ки фаъолияташон манъ карда шудааст нақша ва барномаи худро дошта, бо мақсади ҷалб намудани шаҳрвандон, аз ҷумла, ҷавонон роҳ ва усулҳои гуногунро истифода бурда, аслан ба нашр, нусхабардорӣ ва ё паҳн намудани маводи дорои хусусияти ифротгароӣ, синамо ё сабти видео машғул мебошанд. Онҳо бо истифода аз шабакаҳои Интернет афкори таҳрифшудаи худро паҳн намуда, ҷиҳодро кори ҳақ мешуморанд. Дар баробари ин таъсис додани хилофатро тарафдорӣ менамоянд.

Имрӯз сабаб ва шароитҳои мухолифатҳои хунину ҳалокатбори як қатор давлатҳои исломӣ аз ҷумла, Ироқу Сурия, Афғонистону Яман, Фаластину Ливия ва баъзе давлатҳои қитъаи Африқо ба ҳамагон қариб, ки ошно аст. Ба ғайр аз ин, давлатҳои алоҳида низ дар зери таҳдиди идеологияи таҳрифшуда қарор доранд.

Дар масъалаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад гуфтаниям, ки мавқеи ҷуғрофии кишварамон имконият намедиҳад, ки мо аз ин падидаи нанговар эмин бимонем [4]. Далели гуфтаҳои боло – ин ҷалб шудани шаҳрвандони мо дар задухурдҳои мусаллаҳонаи давлатҳои Ироқу Сурия ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошад, ки ба яке аз проблемаи доғи рӯз мубаддал гардидааст.

Тибқи баъзе сарчашмаҳо то кунун шумораи зиёди шаҳрвандони мо дар задухурдҳои давлатҳои Араби ҷангида истодаанд. Ғайр аз ин, қариб дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ гурӯҳҳои ҷинояткор махсусан, ноболиғон гирифтори идеалогияи таҳрифшудаи экстремистӣ гардидаанд, ки аз ҷониби шахсони онҳоро ҷалбкарда ва ё шахсоне, ки онҳоро сарпарастӣ менамоянд назорат карда мешаванд ва амру супоришҳои онҳо бе чуну чаро амалӣ гардонида мешаванд. Аз ин лиҳоз, сол то сол ҷалбшавии шаҳрвандони мо барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар зиёд гардидаистодааст.

То охири моҳи феврали соли ҷорӣ **1081** нафар ашхосе, ки барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона ба хориҷи кишвар интиқол ёфтаанд, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда шудаанд, ки аз шаҳри Душанбе – 138 (12,76%) нафар, вилояти Хатлон – 399 (36,91%) нафар, вилояти Суғд – 263 (24,32%) нафар, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 253 (23,40%) нафар (минтақа ва ноҳияи Рашт – 38 (3,51%) нафар), ВМКБ – 26 (2,40%) нафар ва 2 (0,18%) нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон мебошанд.

**Таблитсаи 1.**

**Шумораи иштирокчиён аз рӯи минтақаҳои маъмурӣ**




| | в. Хатлон | в. Суғд | НТҶ | ш. Душанбе | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|
| аз рӯи шумора | 399 | 263 | 253 | 138 | 26 |
| аз рӯи фоиз | 36,91% | 24,32% | 23,40% | 12,76% | 2,40% |

Тадқиқот нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ минтақае нест, ки ба он ифротгароӣ таҳдид нанамояд ва мо низ ваъда дода наметавонем, ки ин падида дар минтақаи муайян ба вуҷуд меояд. Аммо минтақаҳои зерин: шаҳри Исфара, шаҳри Кӯлоб, шаҳри Ваҳдат, ноҳияи Бохтар, ноҳияи Шаҳритус, ноҳияи Рӯдакӣ, ноҳияи Истаравшан, ноҳияи Спитамен, ноҳияи Қубодиён, ноҳияи Ванҷ, ноҳияи Ҷ. Румӣ, шаҳри Норак, шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Ҳисорро ҳамчун минтақаҳои даргир эътироф кардан мумкин аст.

Агар ба таҳлилҳои омории панҷ соли охир назар намоем мушоҳида менамоем, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ба маротиб зиёд гардида истодаанд.

**Таблитсаи 2.**

Таҳлилҳои оморӣ далолат дода истодаанд, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дар соли 2015 содиршуда нисбат ба соли 2010 тахминан 87 маротиба зиёд гардидааст. Аз ин лиҳоз, ин падидаҳо мубориза муштарак ва оштинопазирро талаб менамоянд [3]. Бинобар ин, давлатҳоро зарур аст, ки фаъолиятро баҳри мубориза бар зидди падидаҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дар якҷоягӣ ба роҳ монанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло пешниҳод менамоем:

1. Идеяҳои муқтадиртари зидди экстремистӣ дар шакли дастурамал таҳия карда шаванд.

2. Мутахассисон (идеологҳо, муҳаққиқон, исломшиносон, сиёсатмадорон, ҳуқуқшиносон ва ғ.) дар муҳлати кӯтоҳтарин барои бо тамоми қишрҳои ҷомеа дар ҳамгироӣ

**Шумораи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар панҷ соли охир**




| | 2010. | 2011. | 2012. | 2013. | 2014. | 2015. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҷ. Фаъолияти экстремисти. | 5 | 28 | 18 | 36 | 116 | 345 |
| фоиз | | 460,00% | 35,71% | 100% | 222,22% | 197,40% |
| дар самти экстремизм | | | 51 | 35 | 55 | 92 |
| фоиз2 | | | | 31,37% | 57,14% | 67,27% |

фаъолият карда, афкори таҳрифшудаи экстремистиро ба мардум фаҳмонидан, тайёр карда шаванд.

3. Субъектони амалисозандаи фаъолияти зидди экстремистӣ бо воситаҳои моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ таъмин карда шаванд.

4. Ташкили босуботи ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ таъмин карда шавад.

5. Механизми дурусти назорати иҷроиши қарорҳои қабулшуда ва баҳогузорӣ ба манфиатнокии чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти фаъолияти экстремистӣ коркард шавад.

6. Дар хориҷи кишвар фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ, кор бо диаспораҳо ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ, хусусан, Федератсияи Россия тақвият бахшида шавад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

19. Зиёев Т.Н. Таърихи умумӣ: Таърихи муосири ҷаҳон. Китоби дарсӣ барои барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ. - Душанбе: "Собириён", 2005. - 208 с.

20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 / [Сарчашмаи иттилооти]: URL: http://mmk.tj/img/payom2015.doc (Санаи муроҷиат: 26.11.2015г;

21. Сармаркази итилоотӣ-таҳлилӣ. Таҳлил ва маълумотҳои оморӣ ҷиҳати баҳисобгирии ягонаи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷамбасти 12 моҳи соли 2014 ва 2015. Душанбе: ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015 с.

22. Сафаров Ҳ.С. Масоили мубрам оид ба ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муқовимат бо экстремизми динӣ // Осори Академия (маҷаллаи илмӣ). № 2 (26). 2015. – 169 с;

# Некоторые проблемы (определение понятия «прекурсоры», классификация прекурсоров, определение предмета, связанных с незаконным оборотом прекурсоров) использования понятия «прекурсоры» в правоприменительной практике Республики Таджикистан

# Баъзе мушкилоти (муайян намудани мафҳуми таснифоти «прекурсорҳо», муайян намудани предмети бо гардиши ғайриқонунии «прекурсорҳо» вобастабуда) истифодаи мафҳуми «прекурсорҳо» дар таҷрибаи хуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Some of the problems (definition of "precursors", classification precursors, the definition of the subject connected with illegal circulation of precursors) using the concept of "precursors" in law enforcement practice in the Republic of Tajikistan



**Хайров Ф.М.**

*адъюнкт факультета научно–педагогических и научных кадров Московского университета МВД России имени В. Я. Кикотя, подполковник милиции*

**Дмитренко А.П. (научный руководитель)**
*начальник кафедры уголовного права Московского университета МВД России имени В. Я. Кикотя, доктор юридических наук, профессор*

***Аннотация:*** В данной статье рассматривается понятие прекурсоров, проблемы определения предмета незаконного оборота прекурсоров наркотических средств и психотропных веществ.
***Ключевые слова:*** прекурсоры, предмет преступления, вещества, незаконный оборот наркотических средств и психотропных веществ, Конвенция ООН.

***Аннотатсия:*** Дар мақолаи мазкур мафҳуми прекурсорҳо, проблемаҳои муайян намудани предмети гардиши ғайриқонунии прекурсорҳо, воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ оварда шудаанд.
***Вожаҳои калидӣ:*** прекурсорҳо, предмети ҷиноят, мавод, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотроп, Конвенсия СММ.

***Abstract:*** this article discusses the concept of precursors, the problem of determining the subject of illicit traffic of precursors of narcotic drugs and psychotropic substances.
***Keywords:*** precursors, the subject of the crime, substances, illicit trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances, The UN convention.

**В** научной литературе предмету преступления уделено достаточное внимание. В учебных изданиях оно определяется как предмет материального мира, вещь, ценность, отражающая признаки объекта посягательства, в отношении которого и по поводу которого совершается преступное посягательство [5, - С.104].

В данной публикации будет раскрыт предмет незаконного оборота пре-

курсоров наркотических средств и психотропных веществ.

Незаконный оборот наркотиков, не имея границ, национальности и религии, подрывает основные устои цивилизации – жизнь, здоровье и безопасность миллионов людей [9], и как отметил в своем выступлении Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан «… ни одно государство в мире, каким бы крупным оно не было, не сможет в одиночку справиться с этой глобальной проблемой…» [2].

Противодействие незаконному обороту наркотических средств, психотропных веществ или их аналогов продолжает оставаться важной проблемой национальной безопасности. Сохраняется высокий уровень незаконного распространения наркотиков среди населения страны, особенно в детской и молодежной среде. Увеличивается доля высококонцентрированных и синтетических наркотических средств и психотропных веществ в их незаконном обороте [10].

Наркотические средства, в зависимости от источника происхождения и метода изготовления, могут быть классифицированы на три вида:

- наркотики, встречающиеся в природе и получаемые обычно из наркосодержащих растений (например, марихуана, опий, паста коки и т.п.);

- полусинтетические наркотики, которые производятся путем химической модификации материалов, извлеченных из наркосодержащих растений (героин, кокаин и т.п.);

- синтетические наркотики – наркотические средства, полностью изготавливаемые в лабораторных условиях в результате сложных химических преобразований (метамфетамин, меткатинон, MDMA («Экстази») и др.).

Полусинтетические и синтетические наркотики не могут быть изготовлены без применения определенных химических веществ – так называемых «прекурсоров», являющихся либо исходными компонентами, либо основным технологическим материалом для производства наркотических средств.

Отметим, что в составе прекурсоров наркотические и психотропные вещества в чистом виде отсутствуют, однако сами прекурсоры являются основой для их изготовления.

Термин *«Прекурсор» (precursor)* имеет латинское происхождение и означает *«предшественник»*.

Впервые термин «прекурсор» стал использоваться с появлением бинарного оружия, где он обозначал химические вещества, при реакции которых образовывалось отравляющее вещество, составляющее рецептуру химического оружия [1, - С.14].

В Конвенции ООН «О запрещении разработки, производства, накопления и применения химического оружия и его уничтожения» от 13 января 1993 года указывается: «Прекурсор означает любой химический реагент, участвующий в любой стадии производства токсичного химиката каким бы то ни было способом. Сюда относится любой ключевой компонент бинарной или многокомпонентной химической системы» [7].

В Докладе Международного комитета по контролю над наркотиками, за 1997 г., отмечалось, что словосочетание «прекурсоры и химические вещества, часто используемые при незаконном изготовлении наркотических средств и психотропных веществ», следует заменить на понятие «прекурсор». При этом сделана оговорка, согласно которой термин «прекурсор» используется для обозначения любого из веществ, включенных в Таблицу I и Таблицу II Конвенции Организации Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 г. за исключением случаев, когда по контексту требуется другое выражение [6, - С.31].

Таким образом, обозначение всех таких веществ, словом «прекурсоры» вошло в общую практику и с учетом расширенного толкования указанные веще-

ства принято называть одним словом – «прекурсоры».

Впервые в Уголовный кодекс Российской Федерации термин «прекурсоры» был введен после вступления в силу Федерального закона от 19.05.2010 № 87-ФЗ (ред. от 07.12.2011) «О внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации по вопросу культивирования растений, содержащих наркотические средства или психотропные вещества либо их прекурсоры» [3, С.659].

Анализ ситуации и тенденций развития производства наркотических средств, привел к возникновению идеи создания ограниченного перечня подлежащих особому международному надзору химических веществ-заменителей, «новых» химических веществ, используемых при незаконном изготовлении наркотиков с целью принятия мер по предотвращению их утечки и использования при незаконном изготовлении.

В литературе существует несколько точек зрения, которые отражают различные подходы к определению содержания понятия прекурсоров.

Одни специалисты считают, что прекурсорами являются наиболее важные компоненты, используемые при изготовлении любых наркотиков. «К ним также относят вещества, которые полностью или частично включаются в состав наркотических средств» [14, - С.80].

Другие, например Г.В. Зазулин, полагает, что понятие прекурсора является значимым только для синтезированных и стандартизированных наркотиков. Он пишет: «...какие прекурсоры могут быть у таких собранных (выделенных) наркотиков как марихуана или маковая смола? Только применительно к незаконному обороту синтезированных наркотиков понятие прекурсора приобретает дополнительное качество нелегального товара, пользующегося спросом в первую очередь у криминогенных химиков» [4, - С.56].

Такой плюрализм в определении прекурсоров неизбежно порождает сложности в правоприменительной практике.

Полагаем, что определение прекурсоров наркотических средств и психотропных веществ не будет полным без учета его нормативной составляющей. Так, например, рассматривая сильнодействующие и ядовитые вещества, как предмет посягательства, С.Ю. Косарев делает вывод о том, что нормативный характер определения сильнодействующих и ядовитых веществ в наибольшей степени соответствует правильному пониманию их сущности как предмета преступлений [8, - С.24]. Применительно к прекурсорам этот подход также представляется корректным. Такую же позицию занял и законодатель [13].

В комментарии к Уголовному Кодексу Российской Федерации, под редакцией С.В. Дьякова и Н.Г. Кадникова, отмечается, что вещества, часто используемые при производстве, изготовлении, переработке наркотических средств и психотропных веществ, включенные в Перечень наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, подлежащих контролю в Российской Федерации [3, - С.660]. Мы придерживаемся данного понятия прекурсоров, так как следует выделять материальный (химический) и формальный (юридический) признак прекурсоров наркотических средств и психотропных веществ, а именно:

- вещества, часто используемые при производстве, изготовлении, переработке наркотических средств и психотропных веществ;

- вещества, включенные в Перечень наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, подлежащих контролю, как в Российской Федерации, так и в Республики Таджикистан.

При этом предметом преступления они становятся при наличии, установленном в законе размере и целей их использования.

Проведенный анализ уголовного закона Республики Таджикистан показывает, что прекурсоры выступают предметом преступлений предусмотренных следующими статьями Уголовного кодекса:

- статья 202[1] «Незаконное производство, изготовление, переработка, приобретение, хранение, сбыт, транспортировка или пересылка прекурсоров»;

- статья 202[2] «Хищение прекурсоров»;

- статья 206[1] «Нарушение правил обращения с наркотическими средствами, психотропными веществами или прекурсорами, сильнодействующими или ядовитыми веществами»;

- часть 2 статьи 289 «Контрабанда».

Криминализация незаконного оборота прекурсоров наркотических средств и психотропных веществ, всегда связанна с размером прекурсоров и целью их использования, так например, уголовная ответственность по ч.1 ст. 202[1] УК РТ наступает в тех случаях, когда количество прекурсоров составляет крупный размер. Данный размер прекурсоров устанавливается Национальным списком наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров Республики Таджикистан [11]. Диспозиция указанной статьи в целом совпадает с содержанием статьи 228[3] УК РФ.

Определить предмет незаконного оборота прекурсоров очень сложно, так как вещества, используемые в незаконном изготовлении наркотических средств или психотропных веществ, весьма разнообразны, и назвать их точное количество не всегда возможно. Поэтому при решении вопроса об определении предмета незаконного оборота прекурсоров, наряду с материальными критериями, необходимо руководствоваться правовыми критериями [12].

В заключении хотелось бы отметить, что установление уголовной ответственности за незаконный оборот прекурсоров способствует более эффективному противодействию незаконного оборота наркотиков и психотропных веществ.

## Использованная литература:


1. Блинов Н.М. – Организация борьбы с контрабандой прекурсоров. /Учебно-методическое пособие/ – М.: СИП РИА, 2001. С.14.
2. Выступление президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона к сотрудникам силовых структур – 2013г.
3. Дьяков С.В., Кадников Н.Г. – Комментарий к УК РФ, 2-е издание, переработанное и дополненное /Москва, Юриспруденция-2013/ С.659, С.660.
4. Зазулин Г.В. – Противодействие незаконному обороту синтезированных наркотиков. /Диссертация кандидата юридических наук/ – СПб., 2000. С.56.
5. Кадников Н. Г. – Уголовное право России. Общая часть /Учебник по специальностям «Правоохранительная деятельность» «Правовое обеспечение национальной безопасности»/ Москва. Юриспруденция 2013. С.104.
6. Комментарий к Конвенции ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 года. Нью-Йорк: ООН, 1999. С.31.
7. Конвенция ООН «О запрещении разработки, производства, накопления и применения химического оружия и его уничтожения» от 13 января 1993 года п. 3 ст. 2.
8. Косарев С.Ю. – Преступления, связанные с сильнодействующими и ядовитыми веществами. /СПб.: Юридический центр пресс, 2004./ С.24.
9. «Обзор наркоситуации в Республики Таджикистан» /Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан/ 15-й выпуск.
10. Постановление Пленума Верховного Суда Российской Федерации от 15 июня 2006 г. N14 «О судебной практике по делам о преступлениях, связанных с наркотическими средствами, психотропными, сильнодействующими и ядовитыми веществами».
11. Постановление Правительства Республики Таджикистан за №390 от 21.09.2000г.

12. Сибагатулин А. М. – диссертация на соискания ученой степени кандидата юридических наук – 2015г.

13. Федеральный закон «О наркотических средствах и психотропных веществах» от 8 января 1998 г. 3-ФЗ (с изм. от 25 июля 2002 г., 10 января 2003г., 30 июня 2003 г.).

14. Целинский Б.П., Калачев Б.Ф., Сухачевский М.В. – Подпольное производство наркотиков в России и за рубежом // Вестник МВД России. М, 1998. - № 2-3. С.80.

# Криминологическая характеристика преступлений в сфере незаконного оборота наркотических средств

# Хусусиятҳои криминологии ҷиноятҳо дар соҳаи гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар

# Criminological characteristics of crimes in sphere illicit drug trafficking



